**АКАДЕМИЯИ МИЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНСТИТУТИ ТАЪРИХ, БОСТОНШИНОСӢ ВА МАРДУМШИНОСИИ БА НОМИ АҲМАДИ ДОНИШ**

**ВБД: 370 (091) (575:34)** *Бо ҳуқуқи дастнавис*

**АМРОЕВ УМЕДҶОН МАМАДХОНОВИЧ**

# ТАЪРИХИ ТЕАТРҲОИ КАСБИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОНИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ (солҳои 1991-2021)

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои таърих**
**аз рӯйи ихтисоси 07. 00. 02 – Таърихи ватанӣ**
**(таърихи халқи тоҷик)**

**Роҳбари илмӣ:**
**доктори илмҳои таърих,**
**профессор Раҷабов Аскаралӣ**

**ДУШАНБЕ – 2024**

# МУНДАРИҶА

**ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО .......................................................................3**

**МУҚАДДИМА .....................................................................................................4**

**БОБИ I. ВАЗЪИ ТЕАТРҲОИ КАСБИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ .........................................................................................18**

Аз таърихи ташаккулёбии театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони Ҳукумати Шуравӣ .........................................................................................18

1.2. Вазъи театрҳои касбии вилоят дар солҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ............................................46

1.3. Саҳми Ҳукумати Ҷумҳурӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар барқарорсозӣ ва ташаккулёбии театрҳои касбӣ ......64

**БОБИ II. ИНКИШОФИ МИНБАЪДАИ ТЕАТРҲОИ КАСБИИ ВИЛОЯТ ...........................................................................................................82**

2.1. Сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти театрҳои касбӣ ...................................................................82

2.2 Рушди фаъолияти минбаъдаи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ ........................................................104

2.3 Иштироки театрҳои касбии вилоят дар азназаргузарониҳо ва озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ ..................................................138

**ХУЛОСА ..............................................................................................................163**

**РӮЙХАТИ МАЪХАЗҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА .............169**

**ЗАМИМАҲО .......................................................................................................191**

# ФЕҲРИСТИ ИХТИСОРАҲО

АМИТ – Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон
БМД ҶТ – Бойгонии марказии давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон
БТН ҶТ – Бойгонии таърихи навтарини Ҷумҳурии Тоҷикистон (Бойгонии Ҳизби коммунисти Тоҷикистон)
БҶ ВФ ҶТ - Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
ФБ ТНТ - Филиали бойгонии таърихи навтарини Тоҷикистон
БҶ РФВХ - Бойгонии ҷории Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон
БҶ БФМКВХ - Бойгонии бахши фарҳанги минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон
ВФҶТ – Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон
ВМКБ – Вилояти мухтори кӯҳистони Бадахшон
ДДСТДТ – Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон
ДДК – Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуаблуллоҳи Рӯдакӣ
ДДФСТ – Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода
ИҶШС – Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ
КИМ ИҶШС – Кумитаи Иҷроияи Марказии Иттиҳоди Ҷамоҳири Шуравии Сотсиалистӣ
КМТ – Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов
КМС ҶШС Тоҷикистон – Кумитаи Мадании Совети Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон
КМ ҲК ҶШС Тоҷикистон – Кумитаи Марказии ҳизби коммунистии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон
МТМУ – Муассисаи таҳсилоти миёнаи умумӣ
НТМ – Ноҳияҳои тобеъи марказ
ПИТФ – назди Вазорати фарҳанг – Пажӯҳишгоҳи илмӣ – тадқиқотии фарҳанги назди Вазорати фарҳанг
ФР – Федератсия Россия
ФДТТК – Филиали Донишгоҳи технологии Тоҷикистон дар шаҳри Кӯлоб
ШКХ ҶШС Тоҷикистон – Шурои комиссарияти халқии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон
ҲК ҶШС Ӯзбекистон – Ҳизби коммунистии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Ӯзбекистон
ҶИА - Ҷумҳурии Исломии Афғонистон
ҶИП - Ҷумҳурии Исломии Покистон
ҶИЭ – Ҷумҳурии Исломии Эрон
ҶТ – Ҷумҳурии Тоҷикистон
ҶМШС Тоҷикистон – Ҷумҳурии Мухтори Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон
ҶШС Тоҷикистон – Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон
ҶШФСР – Ҷамоҳири Шуравии Федеративии Сотсиалистии Россия

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзӯи таҳқиқот.** 9-сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон соҳибистиқлол гардида, ба бунёди унсурҳои нави давлатдорӣ ва таҳкими мустақилияти хеш пардохт. Дар ин замина ташаккули худшиносии миллӣ ва амиқ омӯхтани таъриху фарҳанги халқ, ки яке аз самтҳои муҳимми таҳкими давлати соҳибистиқлол маҳсуб меёбад, ба вазифаи аввалиндараҷаи давлату ҳукумат табдил ёфт. Бо дарназардошти аҳаммияти бориз доштани театрҳои касбӣ дар ҳаёти сиёсӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ташаккули ҳуввияти миллӣ бахри ташкилу такомули онҳо таваҷҷуҳи хоса зоҳир карда шуд.

Гарчанде, ки раванди ташаккул ва рушди театрҳои касбӣ ба замони Шуравӣ рост меояд, вале зарурияти омӯзишу баррасии муттасилу мақсадноки таърихи театрҳо баъди ба даст омадани истиқлолияти давлатӣ ба миён омад. Аз ин лиҳоз, маъхазу сарчашмаҳои ҳуҷҷатии дастрасшуда ва баррасии онҳо аз нигоҳи воқеияти замон таваҷҷуҳи моро ба таҳқиқоти маҷмӯии таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлон ҷалб намуд.

Ташаккулёбии театри касбии тоҷик ба солҳои 1924-1929 рост меояд. Аввалин театри касбии тоҷик соли 1929 бо ташаббус ва роҳбарии Ҳомид Маҳмудов (1900-1977) таъсис ёфтааст.[1]

Соли 1934 театрҳои ноҳиявии Конибодом, Нов (Спитамен), Ашт, Ӯротеппа (Истаравшан), Панҷакент, Шаҳринав, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа дар Тоҷикистон рӯи саҳна омада буданд.[2]

Солҳои 1954 - 1956 дар ҷумҳурӣ 8 театри касбӣ - 4 театри ҷумҳуриявӣ ва 4 театри вилоятӣ фаъолият мекарданд, ки яке аз онҳо театри драмавии Кӯлоб ба ҳисоб мерафт.[3]

Солҳои 80-ум садаи XX дар ҷумҳурӣ 13 театрҳои касбӣ вуҷуд дошт, ки

---

[1] Нурджанов, Н. Таджикский театр (очерк истории) / Н. Нурджанов. – М., 1968. - С.35-36.

[2] ФБ ҲКТ дар назди КМ ҲКИШ. - Ф.3. - Р.109. - Д. 59. - Л.40.

[3] ТА МК РТ // Справка по делам искусство при совета министров ССР. О состоянии искусство в Таджикистане. – 1954-56 - №119.

аз ин миқдор 2 тоаш дар вилояти Хатлон фаъолият мекард.[1]

Ҷанги шаҳрвандӣ ва бухрони сиёсӣ ва иқтисодие, ки солҳои 90 – ум Тоҷикистони тозаистиқлолро фаро гирифта буд, фаъолияти театрҳои касбиро хеле коста гардонид. Мутаассифона, аз соли 1992 сар карда, як муддат театрҳои касбии вилояти Хатлон бо душвориҳои зиёд рӯ ба рӯ гардида, вазъияти ноороми ҷумҳурӣ, раванди даргириҳои мусаллаҳона, махсусан дар қисмати Қӯрғонтеппаи вилояти Хатлон, нотинҷиҳои даврон, беқадрии адабу ҳунар ба паст гардидани фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон оварда расонид.

Тӯли солҳои соҳибистиқлоли ҷумҳурӣ ба мушкилоти зиёди пешомада нигоҳ накарда, санъати театрӣ пешрафти бештарро ноил шуд. Истиқлолият барои театр на танҳо имконоти нави эҷодиро фароҳам овард, балки имтиҳони ҷиддие низ дар роҳи нигоҳ доштани ин санъати воло ва боло бурдани сатҳи малакаву маҳорати касбӣ низ гашт. Бо талаби замон театр ба мавзуҳои нав, аз қабили масоили таърихӣ, ки ба мустаҳкам намудани ҳофизаи таърихӣ ва бедор намудани ифтихори миллӣ равона шудааст, эҳёи суннатҳои мардумии театрӣ ва масоили доғи рӯз рӯ оварда, ба комёбиҳои назарраси эҷодӣ ноил гашт.

Омӯзиши ҷараёни инкишофи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар шароити дигаргуниҳои иҷтимоӣ – иқтисодии ҷумҳурӣ, таҷдиди назар намудани раванди таърихии онҳо дар замони шуравӣ ва алоқамандии он бо ҷомеа яке аз масъалаҳои ҳалталаби таърихнигории муосири Тоҷикистон мебошад. Пажӯҳиши мавзуи мазкур пеш аз ҳама саҳифаҳои норавшани таърихро бароямон равшан менамояд.

Таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки бо як қатор сабабҳо таърихи ташкилшавӣ ва рафти инкишофи театрҳои вилояти Хатлон то имрӯз норавшан буда, дар таҳқиқи таърихи онҳо як қатор проблемаю муаммоҳо мавҷуданд. Вақти он расидааст, ки таърихи рушди театрҳои касбии вилояти Хатлон дар алоҳидагӣ ва дар маҷмуъ мавриди таҳқиқоти хосаи

---

[1] ТА МК РТ //Сводный отчёт деятельности театров Тадж. ССР за 1-й полугодие 1989. - Л.2.

илмӣ қарор гиранд. Ба назари мо, баррасии илмии ин мавзуъ ба рушди минбаъдаи иикишофи театрҳои вилоят мусоидат хоҳад намуд. Муҳиммияти мавзӯи таҳқиқотии мазкур дар он аст, ки фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон (солҳои 1991 – 2021) то кунун ҳамчун таҳқиқоти ҷудогонаи таърихӣ мавриди баррасӣ қорор нагирифта буд. Аз ин рӯ, пажӯҳиши маҷмӯии фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон дар даврони истиқлол мубрамияти таҳқиқоти рисолаи мазкур аст.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзӯи илмӣ.** Омӯзиши таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони соҳибистиқлолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳаммияти хосаро молик аст. Ҷамъоварии мавод, санадҳои меъёрӣ – ҳуқуқӣ, ахбори бойгонии муассисаҳои фарҳангӣ ва таълифи мақолаҳо дар навбати аввал имконият медиҳанд, ки ҳолати театрҳои касбии вилояти Хатлон дар давраи тадқиқотӣ воқеъбинона ва ҳаматарафа баррасӣ карда шаванд. Ҳамзамон, бояд тазаккур дод, ки фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон то солҳои истиқлол ва дар даврони соҳибистиқлолӣ ҳамчун мавзӯи рисолаи илмӣ мавриди таҳқиқоти хоса қарор нагирифтааст.

Бо вуҷуди ин, бояд қайд кард, ки паҳлӯҳои гуногуни таърихи ташаккул ва пешрафти театрҳои касбии вилояти Хатлон дар аксари таҳқиқот, монографияҳо ва рисолаҳои илмӣ инъикос гардидаанд, вале таҳлили маҷмуӣ ва ҳамаҷонибаи мавзуъ то кунун ба анҷом нарасидааст. Гуногунии адабиёти илмӣ имкон медиҳад, ки онҳоро ба шакли зерин гурӯҳбандӣ намоем:

**Гурӯҳи якум** фарогири адабиёти умумии таърихие мебошад, ки дар солҳои ҳокимияти Шуравӣ[1] рӯйи кор омада, дар онҳо фикру мулоҳизаҳои гуногун вобаста ба таърихи халқи тоҷик ва сохтмони мадании замони Шуравӣ баён ёфтааст. Ин маъхазҳо фарогири маълумоти ҷолиб роҷеъ ба таърихи таъсисёбии аввалин театрҳои касбии Тоҷикистон мебошанд. Ба ин

[1]Львов, Н. Материалы к истории Таджикского театра // Труды государственного центрального музея имена А. А. Бахрушина. - Москва - Ленинград, 1941; Иркаев, М., Николаев, Ю., Шарипов, Я. Очерки таърихи Тоҷикистони Советӣ. - Душанбе: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1969; История таджикского народа // Под ред. Б.А. Антоненко. – М.: Наука, 1964. – Том III.

гурӯҳ муаллиф инчунин таҳқиқоти маҷмӯии дар даврони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ ба табърасидаро шомил медонад.[1]

Ба **гурӯҳи дуюм** асосан адабиёти илмиеро, ки бевосита таърихи сохтмони мадании Тоҷикистонро инъикос кардаанд[2], инчунин таҳқиқотеро, ки ба таърихи муассисаҳои театрӣ ва ҳунармандони вилояти Хатлон бахшида шудаанд, дохил кардан мумкин аст[3].

---

[1]Раҳмонов, Э. Фарҳанг ҳастии миллат аст. // – Душанбе: Матбуот, 2005; Раҳмонов, Э. Ватани худро дӯст доред, қадр кунед ва ҳифз намоед. – Душанбе: Деваштич, 2005; История таджикского народа. Новейшая история (1941-2010 гг.). Т. VI / под общей ред. Р.М. Масова. – Душанбе, 2011.

[2]Из истории культурного строительства в Таджикистане в (1924 – 1941гг.). - в двух томах. Том. 1. / Под редакцией академика АН Тадж. ССР З. Ш. Раджабова. – Душанбе: Ирфон, 1966; Из истории культурного строительства в Таджикистане (1941-1960 гг.).- Душанбе: Ирфон, 1972. - Т.2; Иркаев, М. Очерки таърихи Тоҷикистони Советӣ / М. Иркаев, Ю. Николаев, Я. Шарипов. - Душанбе: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон,1969; Энсиклопедияи советии тоҷик. Ҷ.VII. – Душанбе, 1987; Шукуров, М. Р. История культурной жизни советского Таджикистана (1917-1941гг.). Ч.1. - Душанбе: Ирфон, 1970.

[3]Нурджанов, Н. Таджикский народный театр по материалам Кулябской области.-М., 1956; Назаров, М. Санъати халқи тоҷик – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон,1961; Нурджанов, Н.Х. История таджикского советского театра (1917 – 1941).-Душанбе: Дониш, 1967; Нурджанов, Н. Таджикский театр. Очерк истории. – Москва: Исскуство, 1968; Нурҷонов, Н. Ним асри пурсамар. - Душанбе: Ирфон,1980; Нурҷонов, Н. Муҳаммадҷон Қосимов. - Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1983; Аюбӣ, С. Ним асри тарбияи завқ. – Кӯлоб, 1988; Нурджанов, Н.Х. История таджикского советского театра (1941–1957).-Душанбе: Дониш, 1990; От «Парасту» к «Наврузу» (Хроника театральных фестивалей). – Душанбе, 1990, Ҳасанзод, С. Парастуҳои саҳна, Кӯлоб, 1992; Ёдгорӣ, Н. Ноҳияи Москва - 50 сол. – Душанбе: Афсона, 1999; Нурҷонов, Н. Хайри Назарова. - Душанбе: Адиб, 1999; Икромов, И. Одинаи Ҳошим. – Душанбе, 2001; Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик.Ҷ.III. – Душанбе, 2004; Энсиклопедияи Кӯлоб, - Душанбе, 2006; Набиева, Р., Зикриёев, Ф., Зикриёева, М. Тоҷикистон дар асри XX ва ибтидои асри XXI – Душанбе: Матбуот, 2008; Ашӯр, Ф. Мунаввара Аминова. Даргоҳи ҳунар (бахшида ба 70-солагии Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб). – Душанбе, 2008; Набиева, Р., Зикриёев, Ф., Зикриёева, М. Таърихи халқи тоҷик. (Китоби дарсӣ). – Душанбе: Собириён, 2010; Нурҷонов, Н. Мактаби актёрии тоҷик. – Душанбе, 2011; Энсиклопедияи Фархор. – Душанбе: Ирфон, 2011; Ҳотамов, Н., Довудӣ, Д., Муллоҷонов, С., Исоматов, М. Таърихи халқи тоҷик. (Китоби дарсӣ). – Душанбе: Ашӯриён, 2019; Кабутов, З., Махсумов, М. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ – драмавии ноҳияи Данғара. – Душанбе: Адабиёти бачагона, 2013; Миров, М. Афғонистон пойгоҳи меҳр (хотираҳо ва мулоҳиза). - Душанбе: Адиб, 2013; Ибод, З. Кохи ҳунари Вахшон. – Қӯрғонтеппа: Қӯрғонтеппа, 2013; Миров, М. Равшангари дилҳо –Душанбе: Адиб, 2017; Ҳафизов, А. Нуктае аз таърихи Кӯлоб ва соҳибунвонҳои соҳаи фарҳанги он. - Душанбе, 2018; Табаров, М. Театр и независимость. – Душанбе: Маориф ва фарҳанг, 2010; Табаров, М. Театри ҷавонони Тоҷикистон (ҷустуҷӯҳои эҷодӣ). - Душанбе, 2020; Раҷабов, А. Хориқаи Ҳомид Маҳмудов. – Душанбе, 2021; Маҳмудов, Б. Маҳмуднома. Бунёдкор. – Душанбе: Истеъдод, 2021.

**Гурӯҳи сеюм** иборат аз таҳқиқотҳоест, ки доир ба таърихи ташаккул ва рушди театрҳои касбии Тоҷикистон дар даврони истиқлол мебошанд. Дар таҳқиқоти Каримова Р. Н. «История развития культуры Таджикистана в годы независимости (1991-2011 гг.)» «Таърихи рушди фарҳанги Тоҷикистон дар замони истиқлолият (1991 - 2011)»[1] роҷеъ ба фаъолияти баъзе театрҳои касбии Тоҷикистон дар охири асри XX – оғози асри XXI маълумот дода шудааст.

Вобаста ба тадқиқоти Ҳотамов Н. Б. «Ислоҳоти иҷтимоӣ – иқтисодӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давраи истиқлолият (1991 - 2006)»[2] ва Аламов Ҳ. Н. «Ҳаёти фарҳангиву иҷтимоӣ – иқтисодии вилояти Хатлон дар давраи истиқлолият (1991 - 2015)»[3] бояд қайд намуд, ки дар онҳо вазъи иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва вилояти Хатлон дар даврони истиқлолият, аз он ҷумла ҳолати иқтисодии муассисаҳои фарҳангӣ муҷазан баррасӣ шудааст.

Доир ба мушкилиҳои алоҳидаи омӯзиши таърихи театрҳои касбӣ ва соҳаҳои гуногуни фарҳанг дар даврони соҳибистиқлолӣ рисолаҳои илмӣ низ навишта шудаанд.

Дар рисолаи Акрамова С. Х. «История изучения музыкальной культуры Таджикистана (1946 - 2015 гг.)» («Таърихи омӯзиши фарҳанги мусиқии Тоҷикистон (1946 - 2015)»)[4] фаъолияти театрҳои касбии Тоҷикистон дар солҳои 20-ум ва 30-уми асри XX иҷмолан тавсиф шудааст. Дар зербоби сеюми боби чоруми тадқиқоти мазкур вобаста ба фаъолият ва саҳми театрҳои мусиқии тоҷик дар даврони Шуравӣ то ҷое равшанӣ андохта шудааст.

Муҳаққиқ Табаров М. С. дар рисолаи илмии худ «Отражение

---

[1] Каримова, Р.Н. История развития культуры Таджикистана в годы независимости (1991-2011 гг.): Автореф. дис. … канд. ист. наук.– Душанбе, 2012.
[2] Хотамов, Н.Б. Социально-экономические преобразования в Республике Таджикистан в период суверенитета (1991-2006 гг.) – Душанбе, 2008.
[3] Аламов, Х.Н. Социально-экономическая и культурная жизнь Хатлонского области в период независимости Республики Таджикистан (1991-2015 гг.) –Душанбе, 2018.
[4] Акрамова, С. Х. История изучения музыкальной культуры Таджикистана (1946 - 2015 гг.): Дис. … докт. ист. наук.– Душанбе, 2018.

исторических событий в современной таджикской театральной культуре (годы независимости») («Инъикосёбии воқеъаҳои таърихӣ дар маданияти театрҳои муосири тоҷик (даврони истиқлол»))[1] доир ба таърихи маданӣ ва рушди фаъолияти эҷодии театрҳои муосири тоҷик маълумот додааст.

Дар рисолаи Эдгар Е. Р. «Режиссёрское искусство Таджикистана 80-х и 90-х годов XX века» («Санъати режиссерии Тоҷикистон дар солҳои 80-ум ва 90-уми асри XX»)[2] масоили ташаккулу инкишофи санъати режиссурӣ дар Тоҷикистон ва таҳияи намоишномаҳо дар саҳнаи театрҳои касбии тоҷик дар охири асри XX таҳқиқ гардида, боби дуюми он ба масоили марбут ба иштироки театрҳо дар фестивал-озмуни ҷумҳуриявии «Парасту»-и солҳои 1988 - 1991 ва натоиҷи он бахшида шудааст.

Рисолаҳои мазкур, ки асосан фарогири масоили таърихи фарҳанги халқи тоҷик дар солҳои истиқлолият мебошанд, баёнгари диду назари гуногун буда, доир ба таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлон ба таври муфассал маълумот надодаанд.

Муаллифони рисолаҳо танҳо ба зикри баъзе аз паҳлуҳои таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлон иктифо намудаанд, ки зарурияти омӯзиши маҷмӯии таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлонро дар солҳои истиқлолият ба миён меорад.

Ба ин гурӯҳ инчунин мақолаҳои илмии С. Шосаидов, А. Абдураҳмонов, Т. Мамадризоев, Ш. Шарифов,[3] ва дигаронро метавон

---

[1] Табаров, М. С. Отражение исторических событий в современной таджикской театральной культуре (годы независимости). – Душанбе, 2006.

[2] Эдгар, Е. Р. Режиссёрское искусство Таджикистана 80-х и 90-х годов XX века: Автореф. дис. … канд. ист. наук. – Душанбе, 2004.

[3] Шосаидов, С. (маҷмӯаи мақолоти мизи мудаввар). Вазъият ва пешомадҳои татбиқи Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ. – Душанбе, 2007; Абдураҳмонов, А. «Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва мушкилоти амалигардии он дар соҳаи санъати театрӣ // Паёмномаи фарҳанг (маҷаллаи илмию таҳлилӣ). – 2010. - №1 (13); Мамадризоев, Т. Ҳамеша дар ҷустуҷӯ // Паёмномаи фарҳанг (маҷаллаи илмию таҳлилӣ). – 2017. - №4 (40); Шарифов, Ш.Ҷ. Театр ва асолати он // Паёми ДДК ба номи А. Рӯдакӣ. - 2012. - №1-2(6-7); Шарифов, Ш.Ҷ. Саҳифаҳо аз таърихи театри ба номи С. Вализодаи ш. Кӯлоб // Паёми ДМТ. -2017. - №3/3; Шарифов, Ш.Ҷ., Амроев, У.М. Театри зодаи истиқлол // Паёми ДМТ. - 2019. - №7; Шарифов, Ш.Ҷ. Аз таърихи ташаккул ва инкишофи театрҳои халқии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон // Паёми ДМТ. - 2017. - №3/7 (қисми 2).

дохил кард, ки дар раванди таҳқиқи мавзӯи таҳқиқшаванда мавриди истифода қарор гирифтанд.

Доир ба раванди ташаккул ва таҳаввули фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон мақолаҳои дар расонаҳои хабарии даврӣ нашргардида, инчунин маводҳои электронӣ ва захираҳои шабакаҳои интернетӣ маълумоти зарурӣ пешниҳод менамоянд, ки аз ҷониби муаллифи рисола мавриди истифода қарор дода шуданд.

**Робитаи кор бо барномаҳо (лоиҳаҳо) ва мавзуҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар чорчӯбаи татбиқи нақшаи дурнамои кори илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи таърихи санъати Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба номи А. Дониш, таҳти унвони «Таърихи фарҳанги халқи тоҷик *(давраи муосир)»* барои солҳои 2016-2021 ба иҷро расидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ.** Ҳадафи асосии таҳқиқот омӯзиши маҷмӯии таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлон ва муайян намудани хусусиятҳои вазифавии онҳо дар солҳои истиқлолияти давлатӣ мебошад. Ҳадафи омӯзиш ба ҳалли **вазифаҳои** зерин равона гардидааст:

- нигоҳе ба таърихи пайдоиши театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони шуравӣ;

- таҳлили хусусият ва нақши театрҳои касбии вилояти Хатлон дар пешрафти сатҳи фарҳангии ҷамъият;

- муайян намудани хусусияти фаъолияти театрҳои касбии вилоят дар давраи таҳқиқотӣ;

- нишон додани вазъи театрҳои касбии вилоят дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ;

- саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар барқароркунӣ ва инкишофи театрҳои касбии вилоят;

- таҳлили дастовардҳо ва масоили ҳалталаб дар ташаккулёбию пешрафти театрҳои касбии вилояти Хатлон дар солҳои истиқлолият.

**Объекти таҳқиқоти мазкур** фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон (1991-2021) ва мавқеи он дар рушду нумӯи фарҳанги даврони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ маҳсуб меёбад.

**Предмети таҳқиқот** муайян намудани нақш ва ҷойгоҳи театрҳои касбии вилояти Хатлон, вазъи ин муассисаҳо ва масъалаҳои ҳалталаби онҳо дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад.

**Чаҳорчӯбаи хронологии таҳқиқот** солҳои 1991 – 2021- ро, ки зимни он таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар тӯли 30 соли истиқлоли Тоҷикистон нишон дода шудааст, фаро мегирад.

**Асосҳои методологии таҳқиқот** ба мақсад ва вазифаҳои дар пеш гузошта мутобиқ карда шудаанд. Муаллиф бештар ба объективияти таърихӣ, принсип ва усулҳои таърихии таҳқиқот такя намуда, раванди омӯзиши таърих ва рушди театрҳои касбии вилояти Хатлонро дар даврони истиқлол бо далелҳо, воқеъбинона мавриди таҳлил қарор додааст.

Дар натиҷаи таҳлили масъалаҳо вобаста ба вазифа ва хусусияти кори тадқиқотӣ методҳои гуногун: омӯзиши далелҳо ва маводҳои бойгонӣ, таҳлили таърихӣ – қиёсӣ, таърихӣ – типологӣ, таърихӣ – системавӣ, муқоисавӣ – таърихӣ ва масъалагузорӣ - таҳлилӣ истифода гардидаанд.

**Пойгоҳи сарчашмашиносии таҳқиқот.** Маъхаз ва сарчашмаҳои истифодашударо метавон ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намуд:

**Гурӯҳи якуми сарчашмаҳоро** шумораи зиёди маъхазҳои бойгонӣ пеш аз ҳама маводҳои бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (БҶ ВФ ҶТ), филиали бойгонии таърихи навтарини Тоҷикистон (ФБ ТНТ), Бойгонии марказии давлатии Тоҷикистон (БМДТ), Бойгонии ҷории Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон (БҶ РФВХ) ва Бойгонии бахши фарҳанги минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон (БҶ БФМКВХ) ташкил медиҳанд.

Дар ин ҳуҷҷатҳои бойгонӣ маълумотҳои муҳим, далелҳо ва маълумоти зиёди оморӣ оид ба фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон маҳфӯз мондаанд, ки ҳамчун манбаи асосӣ дар рисолаи мазкур истифода гардидаанд. Ба ғайр аз истифодабарии сарчашмаҳои расмӣ, дар рисола ҳисоботҳои Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон, бахши раёсати фарҳанг дар минтақаи Кӯлоб дар солҳои 1992, 1993, 1994, 1995, 1996, 1999, 2000, 2001, 2002, 2004, 2005, 2006, 2007, 2008, 2009, 2010, 2011, 2012, 2013, 2014, 2015, 2016, 2017, 2018, 2019, 2020 ва 2021 маводҳое, ки дар нашриётҳои марказӣ, дар рӯзнома ва маҷаллаҳои ҷумҳуриявӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, муассисавӣ нашр шудаанд, инчунин маводҳои электронӣ ва захираҳои интернетӣ мавриди омӯзиш қарор дода шудаанд.

**Гурӯҳи дуюм** аз маҷмӯи маълумоти асосноки махсуси ҳуҷаттӣ, ки ба таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлон мансубанд, инчунин санадҳои меъёрӣ - ҳуқуқӣ: Қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг[1], Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон[2], қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон[3], татбиқи Барномаҳои давлатӣ дар дар соҳаи фарҳанг[1], ва маълумотҳои оморӣ иборат мебошанд.

---

[1]Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дар бораи фарҳанг аз 13 декабри соли 1997. № 519 // Паёми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1997. – №23-24. – С. 352; (28.06.2011с., №734); Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ аз 2 декабри соли 2002, таҳти № 80 // Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: - http:// base.mmk.tj/ view_sanadhoview.php? showdetail=&sanadID=92.

[2]Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2005, таҳти № 501. – Душанбе: Матбуот, 2006;

[3] Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2005, таҳти № 501 оиди Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон:// Сомонаи расмии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: - (http // www.adlia.tj/base/show_doc.fwx?rgn =7090); Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2006, таҳти № 239 оиди тасдиқи Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳибхтисоси соҳаи фарҳанг, ҳунар ва табъу нашр дар солҳои 2007-2010: // Сомонаи расмии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: - (http /www.adlia.tj/base/show_doc.fwx? Rgn=11069); Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2007, таҳти № 85 оиди тасдиқи Барномаи давлатии рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008 – 2015: // Сомонаи расмии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: - .http // www.adlia.tj/ base/ show_doc.fwx? Rgn=11050); Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2012, таҳти № 675 дар бораи тасдиқи Барномаи рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонбарои солҳои 2013-2019// --Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории

**Гурӯҳи сеюмро** манбаъ ва маводҳое, ки бевосита ба раванди ташаккул ва фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон, аз ҷумла ҳисоботҳо оиди фаъолияти Раёсати фарҳанги Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, маълумот дар бораи фаъолияти Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва бахшии фарҳанги минтақаи Кӯлоб ташкил медиҳанд.

Суҳбати намояндагони соҳаи санъат ва фарҳанги вилоят аз қабили Мирзоватан Миров, Бурҳониддин Раҷабов, Аловуддин Абдуллоев, Меҳринисо Ҳоҷибоева, Маҳмадалӣ Аюбов, Толибҷон Бобоев, Муҳаммадӣ Абдурасулов, Муҳаммад Шомуддинов, Худойназар Тилавов, Мирзо Раҳмонов, Амина Табарова, Раҳмоналӣ Одинаев, Хайрулло Давлатов, Нӯралӣ Исматов, Маҳмадсаид Махсумов ва дигаронро ҳамчун сарчашмаи муҳим дар самти омӯзиши фаъолияти театрҳои касбӣ ҳисобидан мумкин аст.

Истифодаи маводҳои бойгонӣ, санаду ҳуҷҷатҳои расмӣ, ҳисобот ва ёддошту хотираҳо имкон медиҳанд, ки ҷанбаҳои асосии фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони соҳибистиқлолӣ ҳаматарафа омӯхта шаванд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** дар он зоҳир мегардад, ки муаллиф бори аввал ба таври монографӣ фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлонро мавриди омӯзиш ва таҳқиқ қарор дода, ба муайян намудани аҳамият ва нақши ин муассисаҳо дар ташаккули маънавиёти мардуми вилоят кӯшиш ба харҷ додааст. Дар баробари ин дар асоси манбаъ, сарчашмаҳо ва

---

назди Президенти Тоҷикистон - http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=444.

[1] Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳибхтисоси соҳаи фарҳанг,хунар ва табъу нашр дар солҳои 2007-2010 аз 3 июни соли 2006, таҳти № 239 // Сомонаи расмии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: (http // www.adlia.tj/base/show_doc.fwx?Rgn=11068); Барномаи давлатии рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008 – 2015 // Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон: зери таҳрири Шерматов Ҷ. – Душанбе: Эҷод, 2007; Барномаи рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистонбарои солҳои 2013-2019аз 3 декабри соли 2012, таҳти№ 675 // --Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Тоҷикистон - http:// base.mmk.tj/ view _sanadhoview.php? showdetail=&sanadID=445.

ҳуҷҷатҳои фаровони таърихӣ фаъолияти ин муассисаҳо ба таври илмӣ мавриди таҳлил қарор гирифтааст.

Илова бар ин, муқаррароти зерини илмӣ низ навгониҳои таҳқиқотро ташкил медиҳанд:

- маводҳои бойгонии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон, бахши фарҳанги минтақаи Кӯлоб ба гардиши илмӣ ворид карда шудаанд;

- таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони Шуравӣ мавриди таҳқиқоти маҷмуӣ қарор гирифтанд;

- бори аввал дар натиҷаи қабули барномаҳои давлатӣ аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷараёнҳои асосии пешравиҳои минбаъда ва рушди театрҳои касбии вилояти Хатлон дар аввали асри XXI муайян мегарданд;

- хусусиятҳои вазифавии театрҳои касбии вилояти Хатлон дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ муайян гардида, дар асоси муҳокимаронии вазъияти мушкил ба воқеа ва ҳодисаҳое, ки ба давраи таҳқиқотӣ тааллуқ доранд, холисона баҳогузорӣ карда мешаванд;

- иштироки театрҳои касбии вилояти Хатлон дар Фестивал- озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ обективона арзёбӣ гардидааст;

- вазъи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар давраи таҳқиқотӣ мавриди таҳлили воқеӣ қарор гирифтааст.

**Ба ҳимоя муқаррароти зерин пешниҳод мегарданд:**

- таҳлили маводи бойгонӣ ва адабиёти мавҷуда аз он гувоҳӣ медиҳад, ки аввалин театрҳои касбии вилояти Хатлон маҳз дар замони Шуравӣ таъсис ёфта, рушд кардаанд;

- ҳунармандони вилоят дар фестивал - озмунҳои байналмилалӣ фаъолона иштирок намуда, дар раванди муаррифии Тоҷикистон дар арсаи ҷаҳонӣ саҳми босазо гузоштаанд;

- таҳлили маводи бойгонӣ аз он далолат медиҳад, ки театрҳои касбии вилоят дар даҳсолаи аввали соҳибистиқлолии Тоҷикистон таназзул ёфта, фаъолияташон коста гардида буд;

- дар ибтидои асри XXI дар вилояти Хатлон театри сатҳи ҷумҳуриявӣ таъсис ёфт, ки саҳми муассисаи мазкур дар тарбияи маънавии мардуми вилоят хеле назаррас аст;

- баъди ба даст омадани Ваҳдати миллӣ марҳалаи нави рушди муассисаҳои фарҳангии вилоят оғоз гардид;

- омӯзиши фаъолияти театрҳои касбии вилоят ва баррасии мушкилӣ ва масъалаҳои ҳалталаби онҳо дар рушди минбаъдаи фарҳанги вилоят ва ҷумҳурӣ нақши назаррас дорад;

- мақомотҳои маҳаллӣ дар омӯзиши муассисаҳои театрии вилоят ва дар барқарор ва ҳифз намудани онҳо саҳмгузоранд;

- дар замони соҳибистиқлолии Тоҷикистон муассисаҳои нави фарҳангӣ (театрҳо) дар вилоят таъсис дода шуданд, ки дар баланд бардоштани фарҳанги ҷомеа нақши муҳим доранд;

- тибқи маълумоти маводҳои бойгонӣ аввалин театри касбии сатҳи ҷумҳуриявӣ дар минтақа дар замони шуравӣ таъсис ёфта, дар рушду нумӯи фарҳанги ҷумҳурӣ нақши муҳим дорад;

- таҳлили фаъолияти театрҳои касбии вилоят ва иштироки онҳо дар озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ ҷойгоҳи онҳоро дар рушди фарҳанги ҷумҳурӣ муайян менамояд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот** дар он аст, ки мазмун ва муҳтавои назариявии рисола, бахусус дастовардҳои фарҳангиро метавон ҳамчун натиҷаи асосии ҷараёни ислоҳоти иҷтимоӣ - фарҳангии асри XXI, минбаъд дар омӯзиши таърихи халқи тоҷик дар замони соҳибистиқлолӣ истифода намуд. Илова бар ин, натиҷаҳои таҳқиқот ҳангоми таълифи қисматҳои таърихи фарҳанги Тоҷикистон дар солҳои истиқлолият, омода намудани китобу дастурҳои таълимӣ ва курсҳои махсус аз рӯи ихтисоси санъати театрӣ дар муассисаҳои таълимии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, бо мақсади беҳтар намудан ва ба талаботи замони

нав ба роҳ мондани фаъолияти театрҳои касбӣ, ҳангоми коркарди масоили мубрами театрҳо ва таҳия намудани сохтор ва самтҳои фаъолияти минбаъдаи ин муассисаҳо аз тарафи Пажӯҳишгоҳи илмӣ – тадқиқотии фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат хоҳанд кард.

Хулосаҳо ва тавсияҳои диссертатсия барои ҳалли бисёр масъалаҳои ҳалталаби Тоҷикистон дар заминаи ташкил ва рушду такомули театрҳои касбӣ хеле муфиданд. Натиҷаи таҳқиқоти мазкур, аз ҷумла хулосаҳои илмӣ, навгониҳои илмӣ, муқарароти ба ҳимоя пешниҳодшаванда ва тавсияҳои ҷанбаи амалидошта, бевосита аз ҷониби муаллиф таҳия, баррасӣ ва собит карда шудаанд.

**Эътимоднокии натиҷаҳои диссертасиониро** дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, коркардаи натиҷаҳои таҳқиқот ва ҳаҷми интишорот, таҳлил, баррасӣ, мусоҳибаи муаллиф бо коршиносон, намояндагони барҷастаи соҳаи санъат ва фарҳанги вилоят ва муқоисаи илмию амалӣ таъмин менамояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод гардидааст.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзӯи таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси 07.00.02 – Таърихи ватанӣ (таърихи халқи тоҷик) мувофиқат менамояд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ** дар омӯзиши маводи бойгониҳои ҷорӣ, коркарди илмӣ, таҳлили нави асарҳои зиёди илмӣ, ки вобаста ба таърихи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар даврони истиқлолият рӯйи кор омадаанд, инчунин дар баррасии натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ ва таълифи мақолаҳои илмӣ зоҳир мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Натиҷаҳои таҳқиқот дар конфронсҳои байналхалқӣ ва ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ ва амалӣ ва дигар ҷамъомадҳои илмӣ-оммавӣ шунида шуданд.

Диссертатсия дар ҷаласаи муштараки шуъбаи таърихи навтарин ва таърихи санъати Институти таърих, бостоншиносӣ ва мардумшиносии ба

номи Аҳмади Дониши Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон (протоколи № 3 аз 14 марти соли 2023) муҳокима гардида, барои дифоъ пешниҳод карда шуд.

**Интишорот аз рӯйи мавзӯи диссертатсия.** Муқаррароти асосии дисертатсия дар як қатор интишороти муаллиф, аз ҷумла: 6 мақолаҳои илмии дар маҷаллаҳои тақризшавандаи КОА назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 5 мақолаи дар дигар нашрияҳо ба табъ расида, таҷассум ёфтаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия дар ҳаҷми 209 саҳифаи матни компютерӣ таълиф гардида, аз муқаддима, ду боб, шаш зербоб, хулоса, тавсияҳо ва феҳристи манбаъҳо ва адабиёти истифодашуда (бо 247 номгӯй) таркиб ёфтааст.

# БОБИ I. ВАЗЪИ ТЕАТРҲОИ КАСБИИ ВИЛОЯТИ ХАТЛОН ДАР ДАВРОНИ ИСТИҚЛОЛ

## 1.1.Аз таърихи ташаккулёбии театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони Ҳукумати Шуравӣ

Аз рӯзҳои аввали барпо гардидани хукумати нав дар Тоҷикистон, давлати Шуравӣ ба рушди муассисаҳои фарҳангиву маърифатӣ, аз ҷумла театрҳо диққати хоса медод. Театр яке аз шаклҳои нави маданият буда, дар амалӣ шудани талаботҳои низоми нави ҷамъиятӣ нақши муҳим дошт. Дар марказҳои фарҳангии қадимаи тоҷикон - Самарканд, Бухоро, Хуҷанд, Исфара, Конибодом, Ӯротеппа зиёиёни равшанфикр ва навҷӯ фаъол буданд. Онҳо таҳти таъсири театри рус, озорбойҷон ва санъати касбии саҳнавии тоза рӯи саҳна омадаи ӯзбек солҳои 1919—1921 театри ҳаваскорӣ ташкил намуданд.[1]

1 - уми ноябри соли 1925 дар ҳисоботи Бюрои ташкилии Тоҷикистонии ҲК (б) ҶШС Ӯзбекистон собит гардид, ки кори сиёсӣ-маърифатӣ дар ҷумҳурӣ баъди ташкилёбии Комиссариати халқии маорифи ҶМШС Тоҷикистон оғоз ёфт. Дар ин давра дар ҷумҳурӣ ҳамагӣ 7 клуб, 1 хонаи мадании деҳқон мавҷуд буд.[2] Аммо бинобар набудани мутахассисони соҳаи фарҳангу маориф аз мардуми маҳаллӣ ва китобу дастурҳо ба забони тоҷикӣ, кори фарҳангу маърифат суст амалӣ мешуданд. Дар соли 1927 дар Тоҷикистон ҳамагӣ 28 муассисаи фарҳангию маърифатӣ фаъолият менамуданд.[3]

Соли 1927 дар Душанбе бо ташаббуси муаллим ва нависанда Ҳаким Карим (1905-1942) маҳфили ҳаваскорони бадеӣ ташкил шуд. Гарчи ҳайати маҳфил он қадар калон ҳам набуд, лекин дар муддати кӯтоҳ фаъолияти он

---

[1] Нурҷонов, Н. Ним асри пурсамар / Н. Нурҷонов. – Душанбе, 1980. - С. 3.
[2] ФБ ҲКТ дар назди Кумитаи марказии ҲКИШ . - Ф. 3. –Р. 1.- Д. 570, -В. 94.
[3] Из истории культурного строительства Таджикистане в 1924 – 1941гг. - в двух томах. Том. 1. / Под редакцией академика А. Н. Тадж. ССР. З. Ш. Раджабова. – Душанбе. Ирфон, 1966 . - С. 414.

дар пешравӣ буд. Дар кори маҳфил қумандонҳои сурх, комсомолҳо ва худи Ҳаким Карим иштирок менамуданд.[1]

Октябри соли 1929 Тоҷикистон ҳамчун ҷумҳурии мустақил ба ҳайати Иттиҳоди Шуравӣ шомил гардид. Ин воқеаи муҳимми таърихию сиёсӣ дар ҳаёти фарҳангии халқи тоҷик дигаргуниҳои куллиро ба вуҷуд овард. Аз ҷумла, ҳаҷми маблағгузориҳо бахри инкишофи муассисаҳои фарҳангӣ зиёд гардида, маҷмӯи муассисаҳои фарҳангӣ васеъ шуд.[2]

Ташкилу бунёди Ҷумҳурии Иттифоқии Тоҷикистон боз як бори дигар аз сиёсати миллии Партияи Коммунистӣ ва ғамхории рӯзафзуни вай нисбати халқи соҳибфарҳанги тоҷик гувоҳӣ медиҳад. Ин санади таърихӣ ба инкишофу пешрафти санъати халқи тоҷик омили муҳиме шуд. Бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон Комиссариати халқии маорифи ҷумҳурӣ тобистони соли 1929 ба ташкили аввалин дастаи профессионалии театрӣ ба фаъолият сар кард. Комиссариати халқии маорифи ҷумҳурӣ барои таъсиси театри касбӣ, аз Театри давлатии узбекии ба номи Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ (1889-1929), Ҳомид Маҳмудовро (1900-1977) чун ихтисосманди касбии театр ба Сталинобод даъват менамояд. Ӯ ба сифати муассису поягузори театри касбии тоҷик на фақат ҳайати онро аз ҳисоби ҳаваскорони санъати шаҳрҳои Бухоро, Тошканд, Самарқанд ва ғайра такмил дод, инчунин гурӯҳи навозандагону сарояндагони театру хонаи радиои тоҷикро мураттаб намуд.[3]

7 - ноябри ҳамин сол дар ҷашни 12-солагии Инқилоби Октябр пардаи нахустин театри давлатии Комиссариати маорифи халқи Тоҷикистон бо иҷрои консерт боз шуд.[4] Асоси онро маҳфили ҳаваскорони аскарони сурх ташкил намуд. Ғайр аз ин, якчанд ҳунармандон аз театри сайёри бригадаи

---

[1] Иркаев, М. Очерки таърихи Тоҷикистони Советӣ / М. Иркаев, Ю. Николаев, Я. Шарипов. – Душанбе: Нашриёти Давлатии Тоҷикистон, 1969. - С. 204.
[2] ФБ ҲКТ дар назди Кумитаи марказии ҲКИШ . Ф 3. – Р. 1. Д. 570. - В. 94.
[3] Раҷабов, А. Нақши Ҳомид Маҳмудов дар пешрафти фарҳанги мусиқии тоҷик, Ҳориқаи Ҳомид Маҳмудов дар бунёд ва пешрафти Театри миллии Тоҷикистон. – Душанбе, 2020, - С. 51.
[4] Нурҷонов, Н. Ним асри пурсамар. – Душанбе, 1980. - С.5.

консертии Бухоро даъват шуданд[1]. Мавсими аввал коллективи театр аз 13 нафар – 6 ҳунарпеша (4 мард ва ду зан), 5 мутриб, коргардон ва директор иборат буд[2]. Дастаи аввалини театр аз ҳисоби иштирокдорони маҳфили ҳаваскорони драмавии клуби аскарони сурх – баталиони тоҷикии шаҳри Сталинобод (Душанбе), як дастаи актёрони ҷавони бригадаи сайёри консертии Бухоро ва дигар ҷавонони боистеъдод пурра шуд. Якумин зане, ки дар саҳнаи театр баромад карда буд – ин Гулчеҳра Бақоева (1908-1975) буд. Занони зиёд аз Бақоева ибрат гирифта, дар кори театр иштирок мекардагӣ шуданд. Фаъолияти театри нахустини тоҷик ҳамеша дар маркази диққати коргузорони ҳукумати ҷумҳурӣ қарор дошт. Барои кори муътадили театр ва ҳунармандон шароити муносиб фароҳам оварда, аз биноҳои беҳтарини он давра – бинои хонаи деҳқонон, ки то 470 ҷойи нишастро дар бар мегирифт ба ихтиёри театр дода шуд.[3]

Табиист, ки дар рӯзҳои аввали ташкилёбии театр камбудиҳои зиёди ташкилӣ, хоҷагӣ ва эҷодӣ вуҷуд дошт. Норасоии ҳунармандони ихтисосманд ва роҳбарони ботаҷриба ҳамчунин репертуари зарури миллӣ мавҷуд набуд. Дар натиҷаи ғамхорӣ ва роҳбарии рӯзафзуни ҳукумати Тоҷикистон ин камбудиҳо ба зудӣ бартараф шуда, маблағи зарурӣ ҷудо гардид ва театри ҷавони тоҷик барои кори мунтаззами эҷодӣ қомат рост кард. Дар ин давра ба ҷумҳурӣ мутахассисони роҳбарикунанда даъват гардида, омӯзиши актёрон оғоз шуд. Рӯзҳои нахустини фаъолияташро театр бо намоиши барномаҳои консертӣ ва намоишномаҳои якпардагӣ оғоз кард. Асарҳои дар ин давра ба саҳна гузошта, шаклан хурд, вале ин намоишномаҳо дар фаъолияти театр, роли мусбиро мебозид ва барои тарбияву баланд бардоштани маҳорати ҳунармандони ҷавон кӯмак мерасонид. Соли 1932 шумораи кормандони театр ба 32 нафар ва соли 1933

[1] Нурҷонов, Н. Муҳаммадҷон Қосимов. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1960. - С. 15.
[2] Шукуров, М. Р. История культурной жизни советского Таджикистана (1917-1941гг.). Ч.1.- Душанбе: Ирфон, 1970. – С. 445.
[3] Назаров, М. Санъати халқи тоҷик. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1961. - С. 50 -51.

бошад ба 57 нафар мерасад. Ҳайати театр каме мукаммалтар ҳам шуд аз ин сабаб масъалаи репертуар ҳамчун мавзӯи асосии кории театр гардид. Солҳои 1930 -1931 барои кори доимӣ дар театри ҷавони тоҷик аз ҷумҳурии бародарии Ӯзбекистон коргардонҳо ва ҳунармандон актриса София Туйбоева (1913-1996) ва коргардон Фатҳулло Умаров (таваллудаш 1897) аз театри Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ ва сонияи ҳунарманд ва коргардон Миркарим Саидов (1910-1940)[1] аз театри Бухоро омаданд. Бо вуҷуди душвориҳои он давра театр тавонист ба сафари ҳунарӣ баромада, соли 1930 ба аҳолии минтақаҳои дурдасти ҷумҳурӣ зиёда аз 70 спектакл ва дар Сталинобод 50 спектакл намоиш диҳад.[2]

Дар вилояти Хатлон аввалин маҳфилҳои ҳаваскорони бадеӣ солҳои 30-юми асри XX таъсис ёфтаанд. Маҳфилҳои худфаъолиятии бадеӣ дар марказҳои ноҳияҳо бо ёрии омӯзгорон, коркунони ташкилотҳо, мардумони пешқадами деҳот ва ҳаваскорони халқӣ алалхусус масхарабозҳо ташкил ёфта буданд. Репертуари маҳфилҳо аз суруду таронаҳои халқӣ, рақсҳои халқӣ бо баромади асбобҳои миллӣ иборат буд. Инчунин ба репертуар саҳначаҳои хурди хусусияти ташфиқотидошта дохил мешуданд. Маҳфили худфаъолияти бадеии собиқ ноҳияи Даштиҷум (Ш. Шоҳин) аввалин маҳфил дар минтақаи Кӯлоб буд ва он бо ташаббуси Ҳошим Қосимов (1901-1964) таъсис ёфта буд. Маҳфил бо роҳбарии Ҳошим Қосимов солҳои 1933-1934 асари хурди мусиқавии Ҳ. Қосимов «Духтари Буйдоқ»-ро рӯи саҳна оварданд. Мавзӯи асарро воқеае, ки соли 1918 дар Даштиҷум гузашта буд, ташкил медод. Иҷрокунандагон аъзоёни маҳфил - милитсионерҳо буданд, ки нақшҳои ба зимма доштаашонро бо як маҳорати баланд иҷро намуданд.[3]

---

[1] Нурҷонов, Н. Мактаби актёрии тоҷик. – Душанбе, 2011. - С. 162 - 164.
[2] Назаров, М. Санъати халқи тоҷик. – Сталинобод: Нашриёти давлатии Тоҷикистон, 1961. - С. 52 - 53.
[3] Нурджанов, Н. Таджикский народный театр по материалам Кулябской области. - М., 1956.- С.187.

Бояд қайд намуд, ки соли 1930 дар заминаи сохторҳои маданию равшаннамоӣ, зери роҳбарии Ҳомид Маҳмудов дастаҳои ҳаваскорони мусиқӣ - драмавӣ дар шаҳри Кӯлоб ва Қӯрғонтеппа ташкил карда шуданд.[1]

Соли 1934 театрҳои ноҳиявии Конибодом, Нов (Спитамен), Ашт, Ӯротеппа (Истаравшан), Панҷакент, Шаҳринав, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа дар Тоҷикистон рӯи саҳна омада буданд.[2] Аммо бо сабабҳои норавшан фаъолият накардани театри Кӯлоб маълум нест. Шумораи театрҳо дар ҷумҳурӣ сол аз сол меафзуд. Агар то 1-уми январи соли 1934 дар ҷумҳурӣ 4 театр фаъолият мекард, ин шумора дар соли 1941 ба 24 адад мерасад.[3]

Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии шаҳри Кӯлоб ба номи Сайдалӣ Вализода соли 1936 дар заминаи дастаи ҳаваскорони санъати Омӯзишгоҳи омӯзгории шаҳри Кӯлоб ташкил ёфта, дар шакли дастаи худфаъолият амал мекард. Дар аввал ҳайати театр аз 15 овозхону навозанда аз қабили Маҳмуд Султонов (1909-1957), Қодир Шарифов, Муҳиддин Исҳоқхонов, Гадо Шарипов ва чанде дигар иборат буд. Театр, ки бино надошт ҳунармандон дар саҳнаҳои клубӣ ва майдонҳои кушоди колхозҳо баромад мекарданд.[4]

Сипас дар асоси Қарори Шурои Комиссарияти Халқии Ҷумҳурии Шуравии Сотсиалистии Тоҷикистон аз 29 апрели соли 1938 таҳти № 433 ба театри мусиқӣ - драмавӣ табдил ёфта, доираи фаъолияташ нисбатан васеъ шуда, ҳайаташ ба 36 нафар мерасад. Сарварони аввалини театр Жорж Албертович Вилямс (1898-1982)[5] ва Муҳаммадҷон Боиров (1914-1984) буданд.[6]

Пайи ҳам ҳунармандони халқӣ овозхонон, мутрибон, раққосон ва масхарабозон ба театр ҷалб карда шуданд. Аксарияти онҳо то давраи

---

[1] Маҳмудов, Б. Маҳмуднома. Бунёдкор. – Душанбе, 2021. - С. 205.
[2] [2] ФБ ҲКТ дар назди КМ ҲКИШ. - Ф. 3. - Р. 109. - Д. 59. - В. 40.
[3] Нурджанов, Н. История таджикского советского театра. – Душанбе, 1967. - С. 401.
[4] Смирнов, В. Имтиҳони калони қувваҳои эҷодии театри Кӯлоб // Тоҷикистони сурх. – 1945. - №190 (5110). - 19 сентябр.
[5] ЦГА. Тадж. СС. - Ф. 1483. - Р 5. Д. 10. – В. 157.
[6] Ашӯр, Ф. Мунаввара Аминова. Даргоҳи ҳунар (бахшида ба 70 - солагии Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб). – Душанбе, 2008: - С. 4.

инқилоби Октябр ҳунармандони театрҳои халқӣ буданд ва дар ҷашну маъракаҳо, тӯйҳо ва дигар чорабиниҳо баромад менамуданд. Дар миёни онҳо ҳофиз ва шоири ҳалқ Сайдалӣ Врлизода (1900-1971), Чол Одинаев ва Ҳалим Раҳимов - навозандагони сурнай ва таблак, усто Абдулло Азизов - навозандаи даф (доира), К. Саидов (1908-1954) ва дигарон буданд. Нахустин режиссёри театр Муҳиддин Исҳоқхонов буд, ки ӯ қаблан солҳои 1928-1937 дар Театри узбекии Қоқанди шаҳри Тошкенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон ба ҳайси актёр ва коргардон фаъолият мекард.[1] Аввалин репертуараи театр асосан аз суруду мусиқӣ, рақсҳо, дуэтҳо, саҳначаҳои на он қадар ҳаҷвомез, ки мавзуҳои муҳимми рӯзро дар бар мегирифт, иборат буданд. Ин саҳнаҳои хурди мазҳакавӣ шаклаш ба намоиши масхарабозон монандӣ дошт, ки табиӣ ва хело равшану нишонрас бозӣ карда мешуд. Ҳайати эҷодӣ мувофиқ ба талабот ва завқи бадеии тамошогарони даврони худ буда, ба фолклори тоҷик такя мекарданд. Театри Кӯлоб солҳои аввали мавҷудияташ аз сабаби ихтисосманд набудани роҳбари бадеии худ ба мушкилотҳои ташкилию эҷодӣ рӯ ба рӯ буд. Аммо бар замми ин, ҳайати ҷавони театр аз рӯзҳои аввали таъсисёбиаш дар байни аҳолӣ ва колхозчиён корҳои маданӣ ва тарбиявиро мегузарониданд. Соли 1937 аввалин намоишномаи «Дохунда» аз рӯи асари устод С. Айнӣ (1878-1954), ки аз ду қисм иборат буд, ба шумор мерафт. Ин намоишнома сарфи назар аз баъзе камбудиҳои техникию коргардонӣ писанди тамошобинон гардида буд.[2]

Дар ташкил ва пешрафти кори театри навтаъсис саҳми шоир ва ҳофизи халқ Сайдалӣ Ворлизода калон аст.[3] С. Вализода соли 1938 ба театри Кӯлоб ба кор омад. То ин дам ӯ ду сол дар театри колхози Сталинобод фаъолият кардааст. Донандаи хуби эҷодиёти халқ, намояндаи анъанаву санъати халқӣ буд, ки ӯ репертуараи театрро бо намунаҳои фолклории

---

[1] Львов, Н. Материалы к истории Таджикского театра / Н. Львов // Труды Гос. центр. Театрального музея им. А. А. Бахрушина. - Москва - Ленинград, 1941. - С. 121.
[2] Ҳафизов, А. Нуктае аз таърихи Кӯлоб ва соҳибунвонҳои соҳаи фарҳанги он.-Душанбе, 2018. - С. 21.
[3] Бобоев, Т. Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии Кӯлоб (1988) //Энсиклопедияи Кӯлоб, Душанбе – 2006. - С. 495.

тоҷик инчунин аз эҷодиёти худаш (сурудҳо, дуэтҳо, саҳнаҳои хурди ҳаҷвӣ ва песаҳо) бою рангин месозад. Дар кори коргардонӣ ва песаҳои худ ӯ бисёртар кӯшиш менамояд, ки аз санъати бою рангини тоҷик истифода намояд. С. Ализода асарҳои «Хоҳиши Гулчеҳра» (1938), «Аҳмад ва Барно»-ро (1944) бо мароқи том эҷод карда, дар ҳамбастагӣ бо ҳайати эҷодӣ рӯи саҳнаи театр меорад. Мазмуну мундариҷаи намоишномаҳои мазкур аз ҳаёти мардуми оддӣ дарак дода, дар бораи дӯстиву садоқат, ватандориву халқпарварӣ қисса мекарданд.[1]

Пеш аз оғози Ҷанги Бузурги Ватанӣ (1941) дар ҷумҳурӣ 24 театрҳои ноҳиявӣ фаъолият мекард, ки куҳантарини онҳо Театри мусиқӣ - драмавии шаҳри Кӯлоб ба ҳисоб мерафт.[2]

Театри касбии шаҳри Кӯлоб ҳанӯз аз рӯзҳои аввали Ҷанги Бузурги Ватанӣ ҳамчун нерӯи тавонои ташфиқотӣ, суруду тарона, савту каломи оташини худро ба муқобили душман равона карда, баҳри муқтадир гаштани диди маънавии халқ, бахусус мардуми ақибгоҳ минбари тарбия гардида буд. Ҳунарварони театр на танҳо аз саҳна, балки дар сафи пеши Армияи Шуравӣ бо душман рӯ ба рӯ шудаанд. Аз ҷумла, ҳунармандон Саидҷон Ҷӯраев, Раҷаб Миров, Шариф Гадоев, Абдулло Алиев ихтиёрӣ ба ҷанг рафтанд.

Солҳои баъдиҷангӣ сафи санъаткорони театр аз ҳисоби намояндагони миллату халқиятҳои гуногун - ӯзбекҳо, русҳо, тоторҳо, осетинҳо ва амсоли инҳо, ки истеъдоди фавқулода доштанд, пурра ва мустаҳкамтар мегардад.[3]

Масъалаи таъсис додани театри касбӣ дар водии Вахш дар охири солҳои сиюм ба миён гузошта шуда буд, аммо он бо сабаби саршавии Ҷанги Бузурги Ватанӣ ба таъхир афтод. Театри мусиқӣ – мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа ҳайати эҷодие, ки соли 1934 дар заминаи маҳфили ҳаваскорони мусиқии чойхонаи ноҳия таъсис ёфта, то соли 1944 чун театри

---

[1] Нурджанов, Н. Таджикский народный театр по материалам Кулябской области.- М., 1956. – С. 296.
[2] ЦГА.Тадж. ССР. - Ф. 370. - Оп.1. - Д. 36. - Л. 42.
[3] Бобоев, Т. Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии Кӯлоб (1988). Энсиклопедияи Кӯлоб, Душанбе, 2006. - С. 495.

драмаи мусиқии байниноҳиявӣ амал мекард. Шумораи аъзоёнаш солҳои 1935 - 1936 12 нафарро ташкил медод, ки онҳо Анваров Ортиқ бадеҳасаро, Тошпулатов Ҳафиз раққос - овозхон, Воҳидов Қуддус актёр баъдан директори театр, Воҳидова Салима актёр ва дигарон буданд. Солҳои 1937-1938 актёр Ҳамид Саидаҳмадов (таваллудаш 1913) аз театри Сталинобад (Душанбе) ҳамчун роҳбари бадеии театр фиристода мешавад.[1]

Моҳи майи соли 1944 қарор дар бораи таъсис ёфтани Театри вилоятии мусиқӣ - драмавӣ дар маркази вилоят шаҳри Қӯрғонтеппа дар заминаи театри халқӣ, ки солҳои зиёд амал мекард, ба тасвиб расид.[2]

Таъсис ёфтани аввалин театри касбӣ дар маркази Вахшонзамин, як падидаи наве дар соҳаи фарҳанг ба шумор рафта, дар фаъолияти минбаъда ба муассисаи бонуфузи фарҳангии як минтақаи Тоҷикистон табдил мегардад.

Театр аз сабабе, ки роҳбари бадеии ихтисосманд надошт, соли 1944 хатмкардаи студияи тоҷикии Донишкадаи театрии ба номи А. В. Луначарскии шаҳри Москва Абдулло Ҷӯраев (таваллудаш 1911) ба вазифаи роҳбари бадеӣ театр таъин мегардад. А. Ҷӯраев, ки соли 1941 аз Москва ба Душанбе омада буд, то ин замон дар театри ба номи А. Лоҳутӣ кору фаъолият мекард. Дар ин давра А. Ҷӯраев ба асарҳои якпардагӣ ва калонҳаҷм шуруъ менамояд. Намоишномаҳои нахустини театр, мазҳакаи «Майсара»-и Ҳамза Ҳакимзода Ниёзӣ ва «Найрангҳои Скапен»-и Ж. В. Молер (1622-1673),[3] «Арӯси панҷсӯма»-и М. Ӯрдубодӣ (1872-1950) инчунин драмаи ишқӣ-лирикии «Тоҳир ва Зӯҳро»-и С. Абдулло (1905-1972), бо забони ӯзбекӣ ба саҳна гузошта шуда буданд.[4] Аввалини сарварони театр Ж. А. Вилямс ва Исматов Файзулло (1902-1962) буданд.[5]

---

[1] Львов, Н. Материалы к истории Таджикского театра / Н. Львов // Труды Гос. центр. Театрального музея им. А. А. Бахрушина. - Москва - Ленинград, 1941. - С. 119 - 120.
[2] ЦГА. Тадж. ССР. - Ф. 370. - Оп. 5. ед. хр. 3, - Л. 19.
[3] Раҳмонқулов, А. Театри давлатии мазҳакаи мусиқии ш. Қӯрғонтеппа // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ. III. – Душанбе. 2004. - С. 196.
[4] Нурҷонов, Н. Хайрӣ Назарова. - Душанбе. 1999. - С. 6.
[5] ЦГА. Тадж. ССР. - Ф. 1483. - Оп. 5. ед. хр. 3. - Л. 160.

Тирамоҳи соли 1945 рӯзҳои санъати вилояти Кӯлоб дар шаҳри Сталинобод (Душанбе) баргузор гардид, ки ҳайати эҷодии Театри драмавии шаҳри Кӯлоб намоишномаи «Сартароши камгап»-и Ҷ. Икромӣ (1909-1993) (дар асоси ҳикояҳои «Ҳазору як шаб»), «Табиби зӯракӣ»-и Ж. Б. Молер ва барномаи марғуби консертиро пешкаши сокинони пойтахт мегардонанд.[1] Дар ҷамъбасти рӯзҳои санъат санъаткорон Т. Бобиева, М. Исҳоқхонов, С. Ализода ва В. Смирнов сазовори унвони Артисти хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон ва гурӯҳи артистони театр бо Ифтихорномаҳои Президиуми Шурои Олии ҶШС Тоҷикистон сарфароз мегарданд.[2]

Бояд қайд кард, ки коллективи эҷодии театри Кӯлоб таҳти роҳбари бадеии театр В. Смирнов солҳои (1943-1947) дониши касбии худро сайқал дода, ҳамзамон бо таҷрибаи театри рус ошно гардиданд.

Репертуари театр дар солҳои аввали баъдиҷангӣ асосан барномаҳои консертиро дар бар мегирифт. Қисми драмавиаш бошад, аз песаҳои як-ду пардагӣ дар таҳияи коргардонҳо В. Смирнов то соли 1947 ва баъдан солҳои 1949 - 1950 коргардон Ф. Тошмуҳаммедов (1926-2018) гузошта шуда буд.[3]

Соли 1946 дар ҷумҳурӣ 16 театр, Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи А. Лоҳутӣ, Театри давлатии опера ва балет, Театри драмавии русӣ, Театрҳои вилоятии мусиқӣ - драмавии Ленинобод, Хорӯғ, Кӯлоб, Қӯрғонтеппа, Ғарм, Театри вилоятии сайёри колхозии Сталинобод, Театри давлатии русии мусиқию мазҳакавӣ, Театри тамошобини ҷавон (ТЮЗ), театрҳои ноҳиявии Конибодом, Ӯротеппа, Панҷакент, Исфара ва Нов фаъолият мекарданд.[4]

---

[1] Раҳмонқулов, А. Театри мазҳакаи мусиқии ба номи С. Ализодаи ш. Кӯлоб // Энсиклопедияи Адабиёт ва санъати тоҷик, Ҷ. III – Душанбе, 2004. - С. 198.

[2] Нурджанов, Н. Таджикский народный театр по материалам Кулябской области. – М., 1956. – С. 194.

[3] Из истории культурного строительства в Таджикистане. Т.2. – Душанбе,1972. - С. 222.

[4] Нурджанов, Н. История советского театра. (1941-1957). - Душанбе, 1990. - С. 356 - 357.

Дар вилояти Хатлон бошад 2 театр кору фаъолият дошт. Репертуари театрҳо асосан аз барномаҳои консертӣ ва песаҳои якпардагӣ иборат буданд.[1]

Солҳои 1947-1948 театри касбии Кӯлоб як зумра ҷавонони соҳибистеъдодро қабул менамояд. Инҳо Ҳаким Маҳмудов (1932-1996), Фатҳулло Хоҷаев (1932-2009), Зайдулло Хоҷаев (1923-2003), Соҷида Хоҷаева (1927-2008), Тошгул Абдушукурова (1929-2000), Кордак Ғуломов (1928-1996), Зулайхо Раҳимова (1923 - 2015) ва дигарон буданд.[2]

Дар ин давра дар театри шаҳри Қӯрғонтеппа низ ҳунарпешагон - Хайрӣ Назарова (1929-2020) - Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, Султонбегим Алифбекова (1921-1983) - Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, Ҳукуматшоҳ Мулкамонов (таваллудаш 1926), Бика Хаёлбекова (таваллудаш 1930) (раққоса, иҷрокунандаи лапарҳо), Алиҷон Ҷӯраев (доирадаст) ва дигарон кор ва ҳунарнамоӣ мекарданд. Дар театр ғайр аз ҳунармандон боз ду дастаи худфаъолияти бадеии русҳо ва тоторҳои Қрим кору фаъолият менамуданд, ки дар ҳайати онҳо раққосаҳо, ҳофизон ва доирадастони моҳир шомил буданд.

Мутаассифона, соли 1947 дар натиҷаи сар задани сӯхтор, аҳли эҷодии театр бе бинои хизматӣ мемонанд.[3] Ва ин ҳодиса яке аз иллатҳои барҳам хурдани театр ҳам мегардад. Лозим ба ёдоварист, ки пас аз барҳам хурдани театр солҳои 1947-1952 сараввал директори театр Вилямс Ж. А, ҳунарпешагон Хизгиева Л. З. (таваллудаш 1917), Нозимов Ҳасан (таваллудаш 1926) ба театри шаҳри Кӯлоб, Муллоқандов Борух (таваллудаш 1922), Назарова Хайрӣ, Исматов Файзулло, Бозорова Зулфия (таваллудаш 1922), Фатҳуллоев Алаҷон (таваллудаш 1912) ба театрҳои шаҳри Душанбе пайи ҳам ба кор мераванд.[4] Дар ин давра дастаҳои

---

[1] Синицын, В. Соловьиный источник // Коммунист Таджикистана, №257 (5291). - 1947 - 28 декабр.

[2] Аз суҳбат бо собиқ мутриби театри Кӯлоб (1949-1985), Тиллоев Неъматулло. 13.10.2021.

[3] Мухаммадиев, Ш. Золотой юбилей театра // Новый Хатлон. – 1997. - №1 (3671). – 5 март.

[4] ЦГА. Таджикской ССР.– Ф.1483. – Оп. 5. - Д. 1. Л-57, 88, 96, 160, 167, 187

ҳунарии тоторҳои Қрим ва русҳо фаъолияти худро дар доираи маҳфилҳои худфаъолияти бадеӣ давом медоданд.[1]

Солҳои 1954-1956 дар ҷумҳурӣ 8 театри касбӣ фаъолият мекард, ки аз ин шумора 4 - тояш театрҳои ҷумҳуриявӣ ва 4 - тои дигараш театрҳои вилоятӣ буда, яке аз онҳо театри драмавии Кӯлоб ба шумор мерафт.[2] Ба мушкилиҳои ҷойдошта нигоҳ накарда, ҳунармандони театр шавқу завқи доштаи худро барои рушди санъат дареғ надошта, фаъолияташонро идома медоданд.

Бо қарори Кумитаи иҷроияи Шурои депутатҳои меҳнаткашони шаҳри Кӯлоб №359 аз 21 ноябри 1959 дар шаҳри Кӯлоб театри ҳалқии худфаъолият ташкил карда мешавад. (Замимаи 1).

Театри халқӣ - як навъ театри оммавиест, ки дар байни халқ маъмул буда, шаклҳои фаъолияташ бо эҷодиёти даҳанакии халқ алоқаи зич дорад. Дар собиқ Иттиҳоди Шуравӣ беҳтарин коллективҳои дастаҳои ҳаваскоронро «Театри халқӣ» меномиданд. Ин унвон ба дастаҳои ҳаваскорони пуртаҷрибае дода мешуд, ки онҳо дастаҳои худфаъолияти дорои ҳайати эҷодии устувор буда, барои дар саҳна офаридани спектаклҳо шароиту имкониятҳои хуб доштанд. Дар намоишномаҳои театри халқӣ актёрон якчанд ролро иҷро мекарданд, яъне қиёфаашонро ба воситаи рангкунии рухсор (грим) сиёҳии дег, орд, пашми буз ва ғайра тағйир медоданд. Намоишномаҳои театри халқӣ бештар дар хонаҳои васеъ ва дар ҳавои кушод пешкаши тамошобинон карда мешуданд. Эҷодиёти актёрҳои халқӣ асосан ба зисту зиндагонӣ, маишат ва орзуву омоли мардуми меҳнаткаш зич алоқаманд буд. [3]

Дар вилояти Хатлон аз соли 1961 инҷониб 6 театри халқӣ - театри халқии ноҳияи Москва (Ҳамадонӣ) (аз соли 2008 Филармонияи халқӣ),

---

[1] Аз суҳбат бо корманди шоистаи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон Холмирзо Сангимуродов, 21.12.2019.

[2] ТА МК РТ // Справка по делам искусство при совета министров ССР. О состоянии искусство в Таджикистане. №119, 1954 г.

[3] Авдеев, А. Происхождение театра, Л., 1959; Нурджанов, Н. Таджикский народный театр, М.,1956; Нурҷонов, Н. Народные театры, М.,1962. Энсиклопедияи Советии Тоҷик. Ҷ. VII. – Душанбе, 1987. - С. 331 - 332.

Қурғонтеппа (Бохтар), Ёвон, Муъминобод, Фархор ва Қумсангир (Ҷайҳун) фаъолият доранд. Яке аз нахустин маҳфилҳои ҳаваскорони санъат дар ноҳияи Москва соли 1953 дар колхози ба номи С. Киров ташкил ёфта буд. Ин маҳфилро овозхони босалиқа, донандаи сурудҳои халқӣ Бобохалил Одинаев (1878-1968)[1] роҳбарӣ мекард. Солҳои 1956-57 бо қарори Ҳукумати ҶШС Тоҷикистон хоҷагиҳои собиқ ноҳияи Даштиҷум ба ноҳияи навбунёди Москва муҳоҷир карда мешаванд. Дар қатори муҳоҷирон оилаи Ҳошимовҳо низ буд. Вақте, ки ҳофизи хушсадо, донандаи шеъру сурудҳои халқӣ ва классикӣ Ҳошим Қосимов ва писарони ӯ Одинаву Абдулхайр ба ноҳия кӯчида омаданд, дар кори маданияту санъат дигаргуниҳои ҷиддӣ ворид гаштанд. О. Ҳошим соли 1959 баъди хатми омӯзишгоҳи мусиқии шаҳри Душанбе, ҳамчун мутахассиси ҷавон ба ноҳияи Ҳамадонӣ ба кор меояд. Ӯ бо ҳамроҳии падараш Ҳ. Қосим, амаки Бобохалил, бародараш Абдулхайр, навозандагону сарояндагони хушсалиқа Д. Орзуев (1932-1984), Г. Содиқова ва дигарон маҳфили бадеии хеле пурқуввате таъсис менамоянд. Нуфузи ин маҳфил рӯз то рӯз зиёд шуда, дар азназаргузаронии ҳаваскорони санъати ноҳия ҷойи аввалро ишғол мекунад.[2]

Соли 1961 дар шаҳри Душанбе азназаргузаронии ҷумҳуриявии театрҳои халқӣ ва хонаҳои маданияти ноҳияҳо барпо шуд. Дар ин азназаргузаронӣ ҷойи якум насиби ҳунарпешагони хонаи маданияти ноҳияи Ҳамадонӣ гардид. Мувофиқи қарори мушовараи Вазорати маданияти ҶШС Тоҷикистон ба хонаи маданияти ноҳияи Ҳамадонӣ унвони театри халқӣ дода мешавад ва Ҳошим Қосимов ва Бобохалил Одинаев сазовори унвони баланди Ҳофизи халқии ҷумҳурӣ мегарданд.[3]

Аввалин роҳбари бадеии театр Одина Ҳошимов буд. Намоишномаҳои нахустини театр «Арвоҳ»-и Самад Ғанӣ (1908-1974), «Шартҳои никоҳ»-и А. Убайдуллоев (1935-2008), «Маро бубахш»-и С. Сафаров (1935-2008), «Риштаи дӯстӣ»-и М. Рабиев (1913-1983) ба ҳисоб меравад. Инчунин, дар

---

[1] Ҳасанзод, С. Парастуҳои саҳна. - Кӯлоб, 1992. - С. 5.
[2] Икромов, И. Одинаи Ҳошим. – Душанбе, 2001. - С. 14.
[3] Салимов, А. Солҳои шастум // Зафар. – 1987. - №111 (2233). - 12 сентябр.

театр дастаҳои драмавӣ, мусиқӣ ва ҳаҷвӣ амал мекарданд.[1] Бояд қайд кард, ки театри халқии ноҳия аввалин театри халқие буд, ки дар минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон таъсис ёфт.

Дар ҷумҳурӣ дар соли 1963 11 театри халқӣ вуҷуд дошт, ки ин театрҳои Кӯлоб, Қӯрғонтеппа (Бохтар), Панҷакент, Конибодом, Ғарм (Рашт), Орҷоникидзеобод (Ваҳдат), Рӯшон, Регар (Турсунзода) ва ноҳияҳои Москав (Ҳамадонӣ), Ленин (Рӯдакӣ), инчунин дар назди клуби иттифоқи касабаи кормандони муассисаҳои давлатӣ дар шаҳри Душанбе буданд.[2]

Аз соли 1959 то 1968 Театри драмавӣ-мусиқии шаҳри Кӯлоб дар шакли театри халқӣ амал мекард. Дар ин давра раҳбарият ва ҳайати эҷодии театр пайваста кӯшиш ба харҷ медоданд, ки обрӯву эътибори театро дар ҷумҳурӣ ва берун аз ҳудуди он ҳифз намуда, беҳтару қавитар созанд. Бо назари тоза рӯ овардан ба фолклору этнографияи тоҷик, расму оин ва анъанаҳои миллӣ мақсади асосии кормандони театр ба ҳисоб мерафт.

Дар ин роҳи пуршараф хизмати мудири шуъбаи фарҳанги мақомоти иҷроияи шаҳр Корманди хизматнишондодаи маданияти ҶШС Тоҷикистон Қурбон Зардаковро (1929-1993) қайд кардан ба маврид аст. Устоди сахтгир ва дар айни замон меҳрубону дурандеш товонист, ки бо нигаҳ доштани тартибу низоми корӣ, ҷалби ҳунарварони хушсалиқа ва имдоду дастгириҳои беғаразонааш театрро ба як муассисаи бонуфузи фарҳангӣ мубаддал гардонад. Драма низ дар ин давра ривоҷу равнақи тозае меёбад. Дар азназаргузаронии умумииттифоқии театрҳои халқӣ дар шаҳри Москва соли 1967 ҳайати эҷодии театр ҷойи аввалро ишғол намуда, санъаткорони он Фатҳулло Хоҷаев, Саъдуллоҳ Каримов ба унвони Артисти Хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон, Гӯрез Назирмадов ва Қурбон

---

[1] Ёдгорӣ, Н. Ноҳияи Москва - 50 сол. – Душанбе: Афсона. 1999. - С. 47 - 48.
[2] ТА МК РТ // Отчет о деятельности и состояние народних театров в республике 1963 г. - Л. 2.

Зардаков Кормандони Хизматнишондодаи Маданияти ҶШС Тоҷикистон ноил гардиданд.[1]

Хушбахтона, ҳунарварии мардуми маҳал, тавоноии гурӯҳи эҷодӣ ва хусусан, хоҳишу дархости хайрхоҳонаи устод Қ. Зардаковро ба эътибор гирифта, соли 1968 театри драмавии шаҳри Кӯлоб дубора барқарор мегардад, ки сарварии онро Корманди хизматнишондодаи маданияти Тоҷикистон Қ. Зардаков ба уҳда мегирад.[2]

Солҳои 1969-1971 ба вазифаи саркоргардони театр Мирзо Шаропов таъин гардида, намоишномаи «Оинаи махмалпеч»-и Ф. Ансорӣ, «Дарди бедаво»-и С. Сафар рӯйи саҳнаи театр овард. Ҳамзамон мавсуф ду гурӯҳи сайёри драмавӣ ва мусиқӣ ташкил намуда, қариб ба тамоми шаҳру навоҳии кишвар сафарҳои ҳунарӣ анҷом дода, ба мардум хизмати маънавӣ расониданд. [3]

Театри халқии ноҳияи Ёвон соли 1969 дар заминаи маҳфили драмаи назди Хонаи маданияти ноҳия ташкил шудааст. Бо коргардонии К. Эмомалиев аввалин намоишномаи театр «Бародарон»-и М. Бахтӣ буд, ки худи ҳамонсол ба саҳна гузоштанд. Ҳайати эҷодии театр ба ноҳияҳои гуногун иҷумҳурӣ сафарҳои ҳунарӣ намудааст. Дар театр дастаҳои мусиқӣ ва ҳаҷвӣ низ амал мекард.[4]

Соли 1970 дар кишвар 10 театри касбӣ фаъолият мекард.[5] Соли 1975 вазифаи директори Театри мусиқӣ-драмаи ба номи Сайдалӣ Вализодаи шаҳри Кӯлобро Ҳофизи халқии ҷумҳурӣ устод Одина Ҳошим (1937-1993) ба уҳда мегирад. Дар солҳои роҳбарии устод О. Ҳошимов фазои театр рангу ҷилои нав пайдо мекунад. Чанде аз санъаткорони ҷавони бомаҳорат ба монанди Т. Бобоев, Т. Холова, Ҷ. Сироҷов ва дигарон дар атрофи ӯ

[1] Раҳмонқулов, А. Театри мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи ш.Кӯлоб// Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ. III. – Душанбе, 2004. - С. 198.
[2] Сафармуҳаммад Аюбӣ. Ним асри тарбияи завқ. – Кӯлоб, 1988. - С. 6.
[3] Аз суҳбат бо собиқ саркоргардони театри Кӯлоб (1969-1971) М. Шаропов, 06.12.2021.
[4] Раҳмонкулов, А. Театри халқии ноҳияи Ёвон // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ. III. – Душанбе, 2004. - С. 201-202.
[5] ТА МК РТ // Справка о проверке работы Министерства культуры Таджикской РСС за 1-ой полугодие 1970. - Л.1.

ҷамъ шуда, саҳнаро орову таровати тоза бахшиданд. Метавон ин давраро айёми навҷӯиҳо ва назари тозаи эҷодӣ ба санъати касбӣ номид.

Бо роҳбарии С. Ҳотамов Театри халқии шаҳри Қӯрғонтеппа аз соли 1966 то 1970 28 - намоишнома ба саҳна гузошта, аз ин 21-тоаш намоишҳои якпардагии диданию ҷолиб барои тамошобинон буд.[1]

Комёбиҳои пайдарҳами ҳайати эҷодии театри халқии шаҳри Қӯрғонтеппа буд, ки моҳи декабри соли 1971 бо қарори Президиуми Совети Олии ҶШС Тоҷикистон ба роҳбари бадеии театри халқӣ Саидмурод Ҳотамов унвони Корманди хизматнишондодаи маданияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шуд. Театр соли 1972 ба истиқболи 50-солагии ташкилёбии Давлати Шуравӣ асарҳои саҳнавии бисёрпардагии «Оинаи махмалпеч»-и Ф. Ансорӣ, «Садбарг»- и С. Сафарро ва соли 1973 «Салом муаллим»-и А. Баҳорӣ, «Як бегоҳ»-и Чихарковро рӯи саҳна оварда, дар азназаргузаронии ҷумҳуриявии дастаҳои ҳаваскорон дар шаҳри Душанбе иштирок намуда, сазовори ҷойи якум гардид ва бо грамотаи фахрии Президиуми Совети Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида шуданд.[2]

Соли 1974 баъди азназаргузаронии дастаи ҳаваскорони санъат дар конкурси телевезионии ҷумҳуриявии «Бӯстон - 1» бо қарори ҷаласаи ҳайати мушовараи Вазорати фарҳанги ҶШС Тоҷикистон дар назди хонаи фарҳанги ноҳияи Муъминобод театри халқӣ таъсис ёфт, ки ин дуюмин театри халқӣ дар минтақаи Кӯлоб ба ҳисоб мерафт. Дар таъсиси театр ҳиссаи аввалин ҳунармандони он Ҷ. Сабзаев (1937-2009), Ю. Холов, И. Кордчаев (1941-1979), Н. Акрамов ва М. Кабутова калон аст. Нахустин коргардони театр Ҷ. Сабзаев буд. Фаъолияти театри халқии ноҳия соли 1974 аз спектакли «Бародарон»-и М. Бахтӣ оғоз ёфтааст. Дар театр инчунин, дастаҳои драмавӣ, ҳофизон, раққосон ва дастаи фолклорӣ -

---

[1] Мухаммадиев, Ш. Золотой юбилей театра //Новый Хатлон. – 1997. - №1 (3671). - 5 март.
[2] Аз суҳбат бо собиқ директори театри Қӯрғонтеппа (2004-2013), Бурҳониддин Раҷабов, 22.12.2021.

этнографӣ амал мекарданд.[1] Солҳои 1976 - 1980 давраҳои кушоиши фаъолияти эъҷодии аҳли ҳунари Театри мусиқӣ-драмавии шаҳри Кӯлоб ба ҳисоб мерафт. Баъди ба вазифаи саррежиссёр таъин шудани Мирзоватан Миров дар нумӯи драматургия такони наве ба вуҷуд омад. Асарҳои ҷаҳонию ватанӣ, ки мавзуҳои таърихию тарбиявиро дар бар мегирифт, таҳия ва рӯи саҳна оварда шуданд: «Шамшер ва рангинкамон»-и А. Қаҳҳорӣ (1924-2007), «Се нафар ҳӯшдор»-и А. Баҳорӣ (1927-2010), «Комбриг Томин» ва «Соли фаромӯшнашаванда»-и М. Рабиев, «Робияи Балхӣ»-и А. Атобоев (1934-1985), «Сафар Амиршоев»-и Т. Аҳмадхонов ва Р. Сафаров (1930-2005), «Карим-девона»-и Т. Аҳмадхонов, «Андро ва Сандро»-и Г. Хугаев (1922-2005), «Тӯй рӯзи шанбе тайин шудааст»-и М. Каримов (1919-2005), «Писари калонӣ»-и А. Вампилов (1937-1972), «Ҳукмномаи хотимавӣ»-и Н. Думбадзе (1928-1984) ва бо унвони шаби песаҳои якпардагӣ «Бадқасд»-и А. П. Чехов (1860-1904), «Кӯпрук»-и Ф. Ниёзӣ (1914-1991) ва «Бародарон»-и М. Бахтӣ буданд. Театри мазкур бо ин намоишномаҳо солҳои 1976, 1979 ва 1984 ва барномаҳои консертӣ ба шаҳри Душанбе ба сафари ҳунарӣ баромада тайи чанд рӯз ба истиқболи гарми тамошобинони пойтахт рӯ ба рӯ шуд.[2]

Театри халқии шаҳри Қӯрғонтеппа аз оғози фаъолияти худ то охирҳои солҳои ҳафтодум 38 асари бисёрпардагӣ ва 41 асари якпардагии драматургони тоҷику дигар миллатҳоро рӯи саҳна оварда, бо ҳунару истеъдоди ҳаваскоронаш пешкаши тамошобинон гардонида, шуҳрати худро дар саросари ҷумҳурӣ пайдо мекунад.

Бо фармони Вазорати маданияти ҶСШ Тоҷикистон 2 августа соли 1979 дар заминаи театри халқӣ - Театри давлатии мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа ташкил карда шуд. Баъди ташкил шудани театри касбӣ Мурод Қурбонов (1950-2001) ҳамчун коргардон, Маҳмадалӣ Раҳматуллоев

---

[1] Раҳмонқулов, А. Театри халқии ноҳияи Муъминобод // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик, Ҷ.III. – Душанбе, 2004. - С. 203.
[2] Амроев, У. Марде дар дунёи ҳунар / Амроев У // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. - №10. - С. 136.

(1955-2017) - роҳбари мусиқӣ, Х. Сатторқулов - ҷонишинони роҳбар ва бо тавсияи кумитаи ҳизбию кумиҷроияи вилоят Шокир Сафаров (1936-1988) ба ҳайси роҳбари театр таъин мегарданд.[1]

Аз сабаби нарасидани мутахассисони касбӣ маъмурияти театрро зарур омад, ки аз ҳайати эҷодии театри халкӣ якчанд ҳаваскорон аз қабили Д. Муқимов, С. Мирзоев, Т. Куканов, М. Аюбов, 3. Аверченко, Ҳ. Мулкамонов ва чанде дигаронро даъват намояд. Аз гирду атроф бошад, як қатор ҳунарпешагон чун Х. Сангимуродов, С. Сафаров, Н. Абдуллоев (1956-2000) ва чанде дигар пайи ҳам ба театр омаданд. Аммо бо кадом иллат роҳбари бадеии театри халқӣ С. Ҳотамовро, бо вуҷуди ин қадар меҳнату заҳматҳояш дар канор монда ба театри касбӣ ба кор даъваташ накарданд. Аксарияти ҳайати эҷодии театрро ҳаваскорон ташкил менамуд ва кушиш менамуданд, ки дар кору фаъолияташон ба театр ба таври касбӣ тағйиротҳо дароранд чунки театр акнун театри касбӣ буд.

Солҳои 1979-1980 вазифаи саррежисёри Театри мусиқӣ – драмавии вилояти Кӯлоб ба номи С. Вализодаро Щербина Николай Филиппович ба уҳда дошт. Номбурда дар ин солҳои фаъолияташ намоишномаҳои «Мӯъҷизаи муқаррарӣ»-и Е. Щварц (1896-1958) дар тарҷумаи М. Хаёлов (1945-2002) ва «Восеъ»-и С. Улуғзода (1911-1997) таҳия намудааст.[2] Дар ин давра аҳли эҷоди театр боз намоишномаи «Раиси сездаҳум» - А. Абдулин ва «Мулки меросӣ»-и Т. Аҳмадхоновро дар таҳияи М. Миров ба саҳна гузоштанд.

Бо қарори Совети Вазирони ҶШС Тоҷикистон №280 аз 25 августи соли 1980 бо мақсади абадӣ гардонидани хотираи шоир С. Вализода Театри вилоятии мусиқию драмавии Кӯлоб ба номи С. Вализода гузошта мешавад.[3] Дар он давра байни дигар муассисаҳои касбии санъати ҷумҳурӣ,

---

[1] Зариф, И. Кохи ҳунари вахшон. (Аз таърихи театри Қӯрғонтеппа).- Қӯрғонтеппа, 2013. - С. 12-13.

[2] Хафизов, А. Нуктае аз таърихи Кӯлоб ва соҳибунвонҳои соҳаи фарҳанги он. – Кӯлоб, 2018. - С. 124.

[3] БҶ ВМҶШСТ Маҷмӯаи қарорҳои Ҳукумати РСС Тоҷикистон. – 1980. - №8 (258). - В.17.

театри мазкур дорои сабку чеҳраҳои ба худ хосро доро буд. Дар ин театр беҳтарин ҳунармандон ба монанди А. Баротов (1937-2019), Г. Назирмадов, Ғ. Каримов (1938-2018), А. Абдураҳмон, Б. Азизов (1950-2021), Д. Холов, Б. Ҳасанов, Т. Бобоев ва боз чанде дигар дар атрофи раҳбарияти театр ва саркоргардони он Мирзоватан Миров ҷамъ омада, бо ҳунару истеъдоди худ саҳнаи театрро маъниву таровати тозае мебахшанд. Ҳамчунин пайваста консетрҳо ташкил карда мешуд, ки дар онҳо устод О. Ҳошим, Д. Холов, Б. Азизов, С. Қосимова, М. Миров, А. Комилова, Б. Ҳасанов, ва дигарон таҳти роҳбарии М. Миров, А. Баротов ва Ш. Бедаков хотири ҳаводорони созу мусиқиро болида мегардониданд.[1]

9 январи соли 1980 Театри давлатии мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа пардаи худро ба рӯи тамошобинон кушода, бо коргадонии М. Қурбонов намоишномаеро бо номи «Иллоанта» (Эшони Иллоанта ва Қории хиромон) аз рӯи асари драманавис А. Атобоев пешкаши тамошобинон мегардонад. Дар ин давра асари адиби туркман Г. Мухторов (1914-1980) «Бибиҷонро ба занӣ мегирам»-ро дар таҳияи А. Агеев рӯи саҳна меорад. Худи ҳамон сол ба театр шоир З. Ибод ҳамчун мудири бахши адабӣ, ки баъдтар ба навиштани асарҳои саҳнавӣ шуғл варзида ба кор даъват шуд, инчунин бо роҳхати Вазорати маданияти ҶШС Тоҷикистон як гурӯҳ хатмкунандагони Донишкадаи давлатии санъати Тоҷикистон ба номи М. Турсунзода Б. Раҷабов, М. Ҳоҷибоева, А. Азимов (1957-2011), Н. Ҷаронов ва дигарон ба театр ба кор омаданд. Акнун театр аз М. Қурбонов ва ҳунармандонаш дар кору фаъолияти эҷодиашон масъулити зиёдро талаб менамояд. Ин буд, ки коргардон М. Қурбонов ду намоишномаро ки яке аз рӯи асари «Уқоб»-и С. Сафаров ва дигараш бошад аз рӯи асари «Чанори гуё»-и С. Саидмуродов ва Б. Раҳимзода, ки дар мавзӯҳои атеистию истеҳсолӣ навишта шуда буданд омода сохта ба комиссияи қабул пешниҳод гардониданд ва ҳангоми қабули намоишномаҳо аз тарафи устодон Н. А. Исломов (1920-1989) ва Х. Майбалиев баҳои хуб ҳам гирифт.

[1] Аз суҳбат бо собиқ саркоргардони театр (1975-1992), Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Мирзоватан Миров, 20.12.2020.

Ҳунармандони театр дар ин сол ба хоҷагиҳои маҳаллӣ 137 барномаҳои консертӣ ва спекталҳо пешкаши зиёда аз 24 ҳазор одамон гардониданд.[1]

Театри халқии ноҳияи Фархор соли 1980 дар заминаи дастаи ҳаваскорони назди Хонаи маданияти ноҳия таъсис ёфтааст. Дар таъсиси театр ҳиссаи аввалин роҳбари бадеии театр мудири бахши маданияти ноҳия Ғайрат Сафар (1938-1980) ва ҳунарманд Р. Алиев калон аст. Дар театр дастаҳои драмавӣ, мусиқӣ ва ҳаҷвӣ амал мекарданд. Аввалин намоишномаи драмавии театр песаи «Эшони ҳуштак» буд, ки онро ҳаваскор Т. Авсақолов ба саҳна гузоштааст. Саҳначаи «Эшони Ҳуштак» дар азназаргузаронии ҷумҳуриявии театрҳои халқӣ ҷойи аввалро ишғол кардааст[2]. Дар ҳамин давра ба рушди ансамблҳои оилавӣ низ диққати ҷиддӣ дода мешуд. Соли 1980 дар ноҳияи Фархор ансамбли оилавии Қиём Наҷмиддинов дар азназаргузаронии умумииттифоқии телевизионии ансамблҳои оилавӣ дар шаҳри Маскав баромад намуда, ба ин васила санъати мардумии тоҷикро муаррифӣ намудаанд.[3]

Бо қарори Кумитаи иҷроияи Шурои депутатҳои меҳнаткашони шаҳри Қӯрғонтеппа, таҳти №350 аз 10 майи соли 1980 Театри халқии шаҳри Қӯрғонтеппа таъсис дода шуд.[4] Вале, мутаассифона, аз суҳбат бо директори театр Қурбонова Х. маълум гардид, ки аз натиҷаи кору фаъолияти театр дар он солҳо бойгонӣ ё санаде боқӣ намондааст, бинобар ин мо натавонистем, ки фаъолияти театри мазкурро дар он солҳо баррасӣ намоем.

Дар заминаи маҳфили драмавии Хонаи маданияти ноҳияи Қумсангир (Ҷайҳун) 26 январи соли 1981 театри халқии ноҳия таъсис ёфт.[5]

---

[1] ЦГА.Тадж.ССР. Доклад директора театра Сафаров Ш. -1981 - 22 январ. - Ф. 1483. - Оп. 9. - Д. 1561. - Л. 5-6,

[2] Ҳақназаров, Н. Театри халқӣ // Энсиклопедияи Фархор. – Душанбе: Ирфон, 2011.- С. 369.

[3] Шарифзода, Б. Барқарор шудани Ҳокимияти Советӣ дар гурӯҳҳои районҳои Кӯлоб. Энсиклопедияи Фархор. – Душанбе: Ирфон, 2011. - С. 77.

[4] Аз суҳбат бо Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, директори театри театри халқии Бохтар Қурбонова Хиромон, 21.02.2021.

[5] Раҳмонқулов, А. Театри халқии ноҳияи Қумсангир // Энсиклопедияи адабиёт ва санъати тоҷик. Ҷ. III. – Душанбе, 2004. - С. 204.

Ҳунарпешагони театр Н. Абдуалиев, Б. Ҳалимова, Х. Кабутов, М. Шайдуллоев ва дигарон дар таъсиси театр саҳми хеле калон доранд. Нахустин намоиши театр аз песаи якпардагии «Таърифхӯҷаев»-и А. Деҳотӣ ва Б. Раҳимзода оғоз ёфтааст. Аввалин саркоргардони театр Б. Мамадназаров буд.[1]

Соли 1982 Театри ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб намоишномаҳои бо номи шаби песаҳои якпардагӣ «Тангкӯча»-и М. Бахтӣ, «Шабистон»-и Ҷ. Қуддус дар таҳияи М. Миров пешкаши тамошобинон намуданд.[2] «Шабистон» - и Ҷ. Қуддус ба мавзӯи қадру қиммати одам, тарбия ва одоб рӯ оварда ин мавзӯи мушкилро дар доираи асари хурди саҳнавӣ дар заминаи ҳаёти имрӯза ҳал мекунад.

Аҳли эҷодии театри Кӯлоб соли 1983 песаи «Офарин, Шерак!»-и А. Ининро дар тарҷумаи А. Баҳорӣ рӯи саҳна меоранд. Намоишнома барои бачаҳо ва наврасон дар асоси ривоятҳои тоҷикӣ офарида шуда, пурмазмун ва дорои аҳаммияти зиёди тарбиявӣ мебошад.[3] Дар ин давра театр ба асари адиби молдавӣ Н. Есиненко (1940-2016) «Мукофот» рӯ меорад. Коргардони намоишнома М. Миров кушидааст, ки ба асар нисбатан озодона муносибат кунад. Ӯ песаро ба ҷиҳати психологию экзотикӣ ва урфу одати мардуми маҳал мувофиқ гардонида дар натиҷа мақбули бинанда мегардад.[4] Ҳамчунин дар арафаи соли нав театр аз рӯи песаи драматурги намоёни Фаронса Ж. Б. Молер «Найрангҳои Скапен» (тарҷумаи Ш. Қиём) ки аз се парда иборат буд таҳия ва пешниҳоди тамошобинони деринтизорашон гардониданд.[5]

Театри мусиқӣ – драмавии вилояти Кӯлоб ба номи С. Вализода соли 1984 ба истиқболи 60 - солагии ташкилёбии ҶШСТ ва Ҳизби Коммунистии

---

[1] Аз суҳбат бо Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон Муқаддас Шайдуллоев. 07.01.2021.
[2] Бобоев, Т. Шаби пиесаҳои якпардагӣ // Комсомоли Тоҷикистон. – 1982. - №72 (7012). – 9 июн.
[3] Аюбзода, С. Офарин Шерак //Маданияти Тоҷикистон. – 1983. - №44 (252). - 3 июн.
[4] Ёдгорӣ, Н. Дар саҳна «Гран-При» // Маданияти Тоҷикистон. – 1983. - №93 (301).- 22 ноябр.
[5] Аз суҳбат бо собиқ директори театри Кӯлоб Бобоев Толибҷон (1987-1999), 08.11.2020.

он намоишномаҳои «Салом падарони азиз!»-и Р. Отколенко (1941-2013) - тарҷумаи Ш. Собиров, «Дараи шикастаҳо»-и Ҷ. Қуддусро дар таҳияи саррежиссёри театр М. Миров рӯи саҳна гузоштанд. Инчунин барномаҳои консертӣ бо иштироки ҳунармандон Ҳофизи халқии ҷумҳурӣ О. Ҳошимов, ҳунарманди хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон Д. Холов, ҳунарманди хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон С. Қосимова, ҳунарманди хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон Б. Азизов ва консерти ҳунармандони муассисаҳои касбиву маҳфилҳои ҳаваскорӣ баргузор гардид.

Аз 21 то 31 октябри соли ҷорӣ дар шаҳри Москва фестивал-конкурси умумииттифоқии артистони ҳаҷвнигор барпо гардид. Дар қатори ширинкорони машҳури ҷумҳурӣ А. Қодиров ва Ш. Солеҳов ширинкорон Т. Бобоев ва Ҷ. Сироҷов дар ин фестивал бо саҳначаҳои «Кампирҳои деҳаи мо»-и Ҷ. Қуддус ва «Тугма»-и Н. Худойбахшов иштирок карда сазовори баҳои баланди ҳайати доварони конкурс гашта, Лаурети конкурси умумииттифоқии артистони ҳаҷвнигор дониста шуданд ва бо диплом ба вилоят баргаштанд.[1]

Мавсими нави театрӣ дар соли 1985 барои ҳайати эҷодӣ ва мухлисони санъати театрии Театри мусиқӣ – драмавии вилояти Кӯлоб хотирмон буд. Зеро дар ин сол мардум ҳам ҷашни 60 - солагии ташкилёбии ҶШСТ ва ҲК Тоҷикистон, 40-солагии ғалабаи Армияи Советӣ бар Германияи фашистиро сазовор пешвоз мегирифтанд. Ба репертуари театрҳои кишвар спектаклҳои махсус ҷой дода буданд. Дар қатори дигар театрҳо аҳли ҳунари театри мазкур бахшида ба ин ҷашнҳо барномаи калони консертӣ ва намоишномаи «Маҷрӯҳон»-и В. Кримкоро дар таҳияи Т. Аҳмадхонов рӯи саҳна оварданд. Дар асоси қарори Комитети Марказии ҶШС Тоҷикистон барои сазовор ҷашн гирифтани 60-солагии ташкилёбии Комсомоли Тоҷикистон моҳи марти соли ҷорӣ театр намоишномаи «Раъно»-и Насриддин Исломовро рӯи саҳна овард. Инчунин ба муносибати 100-

---

[1] Аюбзода, С. Актёрони мо Лауреат // Роҳи Ленинӣ. – 1984. - №213. - 2 ноябр.

солагии «Шӯриши Восеъ» театр як барномаи консертӣ ва намоиши спектаклӣ пешкаш намуданд.

Театри мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа солҳои 1980-85 зери коргардонии Қадамшо Халилов тавонист якчанд намоишномаҳоро, аз қабили «Бори кач»-и А. Ҳамдам, «Иморикаш»-и Ҷ.Куддус, «Асрори бешаи сабз»-и И. Файзуллоев (1935-2003), «Чаҳорум»-и К. Симонов (1915-1979) - тарҷумаи А. Атобоев, «Баҳодур»-и А. Баҳорӣ, «Аҷаб одаме»-и М. Бахтӣ дар ҳамбастагӣ бо рассомон Н. Бобоҷонов, Шоҳабутолибов Ш, оҳангсозон М. Атоев (1938-1994) ва Қ. Яҳёев рӯи саҳнаи театр оварад.

Театри мусиқӣ – драмавии вилояти Кӯлоб дар соли 1986 дар таҳияи саррежиссёри театр М. Миров намоишномаҳои «Писари Ситора»-и О. Уайлд (1854-1900), «Дар чорсӯ»-и Н. Табаровро рӯи саҳна овард. Ногуфта намонад, ки намоишномаи «Дар чорсӯ» дар ҳамин сол спектакли дӯстдоштаи тамошобинони борикбуну сахтгири Кӯлоб гардида буд.[1] Дар якҷоягӣ таҳиягарон Ҷ. Сироҷов, М. Раҳмонов ва Н. Ҷалолов намоишномаеро бо номи «Шаби Чехов» дар тарҷумаи М. Ҷӯрабекова, Э. Муллоқандов (1912-1977) рӯи саҳна оварданд.

Дар ин сол Театри мусиқӣ – мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа аз рӯи асарҳои Карло Готсӣ «Сиёҳ, сурх, сафед» (тарҷумаи З. Аҳрорӣ) ва асари Роберт Тома «Доми фиреб»-ро (тарҷумаи Ш. Собир) бо ҳамроҳии рассомон Б. П. Серебровский, Н. Бобоҷонов ва бастакор Т. Сатторов (1953-2007) чун фоҷиа - мазҳакаи афсонавии характери тарбиявидошта дар таҳияи Б. Абдураззоқов рӯи саҳна овард.[2] Ш. Халилов баъди роҳбари бадеии театр таъин шуданаш худи ҳамон сол дар якҷоягӣ бо рассом Н. Бобоҷонов, бастакорон С. Халилов ва Ф. Одина (1938-2010) ҳамкорӣ

[1] Бобоев, Т. Намоишномаи нави театрӣ. Роҳи Ленинӣ. №11 (8246), 1986 - 18 январ.
[2] Зариф, И. Оинаи некӣ ва мардонагӣ // Ҳақиқати Қӯрғонтеппа. – 1987. - №2 (2302). - 3 январ.

намуда, аз рӯи асари «Моҷарои обфурӯш»-и нависанда Ш. Ҳаниф (1934-2007) намоишномаи мазҳакавиеро рӯи саҳна оварданд.[1]

Соли 1987 Театри мусиқӣ – драмавии Кӯлоб унвони театри мазҳакаи мусиқиро ба худ мегирад. Дар рӯзномаи «Адабиёт ва санъат» 19 феврали 1987 саррежиссёри театр М. Миров чунин қайд карда буд, ки «Барои васеъ кардани ҳайати эҷодӣ ва танзими оркестр заминаи ҳунарӣ кайҳо вуҷуд дошт. Имкониятҳои нави моддӣ, таъсиси оркестри боқувват қариб ду маротиба зиёд шудани теъдоди ҳунармандон дар ҳайати эҷодӣ ба назди мо масъулият мегузорад. Бинобар ин мо мекӯшем, ки рӯҳи дигаргунсозӣ пеш аз ҳама мазмуни кори моро фаро гирад»[2]

Дар ин давра дар Театри мазҳакаи мусиқии вилояти Кӯлоб ба номи С. Вализода 38 нафар ҳунармандон ба фаъолияти эҷодӣ машғул буданд. Аз ин шумора 9 нафар ба унвони «Артисти хизматнишондодаи ҶШС Тоҷикистон» ва 2 нафар бо унвони «Корманди хизматнишондодаи маданияти ҶШС Тоҷикистон», инчунин Одина Ҳошимов ба унвони «Ҳофизи халқии ҶШС Тоҷикистон» ва Мирзоватан Миров ба унвони «Ходими хизматнишондодаи санъати ҶШС Тоҷикистон» ноил гашта буданд.[3]

Дар ин мавсим ҳайати эҷодии Театри мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа бо коргардонии Ш. Халилов асари А. Дударев «Остона»-ро дар тарҷумаи М. Муҳаббатшоев (1937-2003) рӯи саҳна оварданд. Театр бо мазҳакаи «Тӯйи бедомод»-и Ҷ. Қуддус дар фестивали театрҳои Иттифоқи Шуравӣ дар шаҳри Тифлиси Ҷумҳурии Гурҷистон иштирок намуда, бо Дипломи фестивал сафароз гардонида шуд.[4] Ба муносибати ҷашни 70-солагии Инқилоби Октябри Кабир театр ба шаҳри Душанбе сафари ҳунари намуда, аз санаи 7 то 20 декабри соли 1987 намоишномаҳои «Остона»-и А.

---

[1] Аз суҳбат бо собиқ роҳбари бадеӣ ва коргардони театри Қӯрғонтеппа Ш. Халилов, 01.07.2021.
[2] Орифов, Ш.Театр беҳбудӣ мехоҳад // Адабиёт ва санъат. – 1987. - №8 (280). - 19 феврал.
[3] Ҳисоботи Управлениаи маданияти вилояти Кӯлоб. - 1987.
[4] Аз суҳбат бо Ҳунарманди халқии Тоҷикистон, сардори Раёсати фарҳаги вилояти Хатлон Абдуллоев А, 22.10.2020.

Дударев, «Доми фиреб»-и Роберт Тома (1927-1989), «Сиёҳ, сурх, сафед»- и Карло Готсиро дар саҳнаи театри ҷавонони ба номи М. Воҳидов (1939-1977) ва намоишномаҳои «Тӯйи бедомод»- и Ҷ. Қуддус, «Авлиё ва осӣ»-и В. Ворфоломеевро дар саҳнаи театри давлатии академии драмаи ба номи А. Лоҳутӣ ба тамошобинон пешкаш намуданд.[1]

Дар соли 1987 театри Кӯлоб ид дошт, яъне панҷоҳсолагии худро ҷашн гирифт. Бо қарори Совети Олии ҶШС Тоҷикистон Театри мазҳакаи мусиқии ба номи С. Ализодаи вилояти Кӯлоб барои иштироки фаъолонааш дар тарғиби санъати сермиллати советӣ ва ба муносибати 50-солагии ташкил ёфтанаш 21-уми марти соли 1988 бо Грамотаи Фахрии Президиуми Совети Олии ҶШС Тоҷикистон мукофотонида мешавад ва инчунин ҷоизадори Комсомоли Ленинии вилоят мегардад, ки ин боиси ифтихормандии кормандон ва дӯстдоронаш мегардад. Ба ин муносибат театр намоиши театркунонидашударо бахшида ба ин ҷашн рӯзҳои 26 то 28 апрели ҳамон сол пешкаши ҳаводоронаш мегардонад. Театр дар ин сол як чанд намоишномаҳоро рӯи саҳна овард, ки инҳо мазҳакаи «Доми фиреб»-и Робер Тома (1927-1989) (тарҷумаи Ш. Собир) таҳиягар М. Раҳмон ва «Ҷавонмардро кӣ дӯздид?»-и Исо Боташев (1925 - 1991) (тарҷумаи Б. Шукуров) таҳиягар М. Миров, драмаи «Ҳуррият»-и Ғ. Абдулло дар таҳияи Х. Майбалиев, песаи бачагонаи «Мӯъҷизаи Мавлоно Шариф»-и А. Алексадрова ва И. Д. Долинов ва як барномаи консертиро, ки аз ду қисм иборат буд, пешкаши тамошобинони сершуморашон гардониданд. Санъати халқии Кӯлоб бо ҳунармандони варзидааш на танҳо дар ҷумҳурӣ, балки берун аз он ҳам шуҳратёр гардидааст. Сафарҳои эҷодии театри драмавии шаҳри Кӯлоб солҳои 1976 то 1988 хеле зиёду самарабахш ҷараён мегирад. Санъати миллати тоҷикро дар иҷрои ҳунармандони варзидаи театри Кӯлоб тамошогарони мамлакатҳои Афғонистону Эрон, Австрияву Фаронса, Лаосу Муғулистон, Юнону Таиланд, Руминияву Маҷористон,

---
[1] Аз суҳбат бо саркоргардони театр Шавкат Халилов, 01.07.2021.

Ҳиндустону Покистон, Ҷопону Олмон, Россияву Чехословакия ва кишварҳои Араб диданд.[1]

Соли 1989 дар ҷумҳурӣ 13 театри касбӣ амал мекард.[2] Аз ин шумора 2 театри касбӣ дар вилояти Хатлон фаъолият дошт. Театрҳои касбии вилоят бо як руҳу илҳоми тоза ва иродаи қавӣ мавсими нави театриро оғоз карда, дар фестивал - озмуни ҷумҳуриявии «Парасту – 1989» бо намоишномаҳои худ иштироки фаъолона намуданд. Театри Қӯрғонтеппа дар ин озмун ду асар - яке «Тартюф»-и Ж. Б. Молерро (тарҷумаи Ҷ. Раҳматов) ва дигаре «Фарёди ишқ»-и Ғ. Абдулло (1912-1984) ва театри Кӯлоб бошад асари «Фишор»-и С. Аюбиро дар таҳияи Арбоби шоистаи санъати тоҷик М. Миров пешкаш намуданд.[3]

Мунаққиди шинохта, театршинос Наталя Староселская дар мақолааш бо номи «Рӯзи нав», ки дар маҷаллаи «Театр», рақами 11-и соли 1989 чоп шуда буд, чунин ибрози андеша намудааст. «Фишор»-и шоири тоҷик С. Аюбӣ (коргардон М. Миров) дар ҳақиқат воқеаи нодирест. Ин намошнома моро ба он водор месозад, ки дар бораи театри сиёсӣ на ҳамчун зуҳуроти гражданӣ - иҷтимоӣ балки ҳамчун зуҳуроти санъат ҷиддан фикр кунем.[4]

Нависанда Сафармуҳаммад Аюбӣ (1945-2011), чунин изҳори ақида намудааст: «Фишор» - дар хусуси дардҳои зиндагӣ, масъалаҳои доғи рӯз - фалаҷшавии усули фармон-фармоии роҳбарии ҳизбӣ, зиндагии қолабии роҳбарон, порахӯриву ғоратгариҳои сохторҳои низомӣ, дарду алами мардуми заҳматкаш бо назм иншо шуда буд. Нахустнамоиши ин асари саҳнавӣ як навъ инқилобе дар санъати театрии тоҷик буд..».[5] Дар рӯзномаи «Чархи гардун» худи коргардон М. Миров дар бораи ин асар чунин андешаронӣ намудааст: «Дар радифи асарҳои зиёди таҳиякардаам

---

[1] Аз суҳбати Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон Худойназар Тилавов, 15.12.2020.
[2] БҶ ВМ ҶШСТ. Маҷмӯаи ҳисоботи шашмоҳаи Вазорат оиди фаъолияти театрҳо дар соли 1989. - В.1.
[3] От «Парасту» к «Наврузу» (Хроника театральных фестивалей). – Душанбе, 1990. – С. 25.
[4] Староселская, Н. Рӯзи нав // Маҷаллаи «Театр». – 1989. - №11.
[5] Шарифов, Ш. Саҳифаҳо аз таърихи театри ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб // Пайёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (маҷаллаи илмӣ). – 2017. - №3/1. – С. 86 – 91.

«Офарин Шерак»-и А. Инин, «Карим-девона»-и Т. Аҳмадхон, «Ромео ва Ҷуллета»-и У. Шекспир (1564-1616), «Фишор»-и С. Аюбӣ барои ман ҳамчун режиссёр мақому арзиши хоса дорад».[1]

Соли 1989 дар Муғулистон бо иштироки ҶШС Тоҷикистон рӯзҳои ИҶШС бо муваффақият анҷом ёфт. Ҳунарнамоии санъаткорони театри Кӯлобро тақрибан 13 ҳазор сокини муғул тамошо карданд. Ҳунарпешагон дар вилоятҳои Ховд, Баян-Улгии Муғулистон зиёда аз даҳ барномаҳои консертӣ намоиш доданд, ки аз ҷониби тамошобинон бо самимияти баланди дӯстона қабул карда шуд.[2]

Театри Қӯрғонтеппа дар фестивали ҷумҳуриявии «Парасту – 1989» баҳои баланд гирифт ва барои беҳтарин кори коргардонӣ ба коргардон Ф. Қосимов мукофоти Вазорати маданияти Тоҷикистон супорида шуд.[3] Албатта, барои театр ин комёбии бузург буд, зеро дар як сол ду намоишномаро ба фестивал пешкаш намуда, аз ҳар ду соҳиби диплому мукофотҳои махсус гардиданд.[4]

Доир ба ҳунару истеъдоди ҳунармандони театри Кӯлоб мунаққидони зиёд ибрози назар намудаанд. Театршинос В. Разаков дар рӯзномаи «Хатлон» (аз 23 марти соли 1991) чунин навиштааст: «Аз нигоҳи санъат дар тӯли ин солҳо театри тоҷик, бахусус театри Кӯлоб дорои ҳунарварони болаёқат гардид. Ва бояд Кӯлоб, ки ба назари ман худ як театри кушод аст, бо ҳунарпешаҳои варзидааш фахр кунад. М. Миров, Т. Бобоев, Ҷ. Сироҷов ва чанде дигарон санъати театрии Кӯлобро аз марказаш берун баровардаанд ва шоёни таърифанд».[5]

---

[1] Меҳрафзун. «Барои ҳунарманд аз маълумоти касбӣ дида, тарбияи завқ муҳимтар аст» // Чархи Гардун. – 1999. - 3 декабр.
[2] Раҳмоналиев, Д. Сафари ҳунарӣ ба Муғулистон // Тоҷикистони Советӣ. – 1989. – 23 ноябр.
[3] Абдулвоҳидов, Б. Бо боли «Парасту» // Ҳақиқати Хатлон. – 1989. - №59 (2859). - 25 март.
[4] Аз суҳбат бо Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Курбон Собиров, 30.06.2021.
[5] Аюбзода, С. «Парасту» лона дар Хатлонзамин монд // Хатлон. – 1991. - №59 (4353). -23 март.

Инчунин мунаққиди театр Б. Хуррамова дар рӯзномаи «Тоҷикистони советӣ» чунин андешаронӣ намудааст: «…Боиси комёбист, ки қариб ҳамаи актёрони театри Кӯлоб ба таври табиӣ ва озод бозӣ мекунанд».[1] Шоир ва драматург С. Аюбӣ доир ба театри Кӯлоб низ навишта буд: «…Ман аз театри Кӯлоб, алалхусус роҳбарони ҳамонвақтаи он Т. Бобоев ва М. Миров барои чунин мактаби хуб як умр миннатдорам.[2] Дар воқеъ, дар ташаккул ва такомули фаъолияти театри Кӯлоб устодон М. Миров ва Т. Бобоев саҳми хоса доранд ва бо ворид шудани ин шахсиятҳо фаъолияти театр ба куллӣ тағйир ёфта, муҳити солими эҷодӣ ҷараён гирифт.

Таъкид бояд кард, ки тайи ин солҳо дар Театри мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи вилояти Кӯлоб дар ороиши саҳнаҳо рассомон Аҳмад Нозимов (1939-1983), Александр Гейвандов ва дар эҷоди суруду оҳангҳо бастакорон Хайрулло Абдуллоев, Талабшоҳ Сатторов, Фаттоҳ Одина ва дигарон хизмати босазое намудаанд.

20-уми июли 1989 бо қарори Шурои Вазирони ҶШС Тоҷикистон, бо мақсади инкишофи минбаъдаи санъати мусиқии тоҷик, жанри «фалак» ва фалаксароӣ дар заминаи дастаи ҳунарпешагони Театри мусиқӣ - мазҳакавии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб, дастаҳои ҳунарии ҳаваскорони санъат, инчунин сарояндагону навозандагон, раққосаҳои шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоб ансамбли фолклорию этнографии «Фалак», таъсис ёфт. Роҳбари бадеии ансамбл Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Давлатманд Холов, устоди рақс Файзулло Каримов таъин гардиданд. Ансамбл дар муддати кӯтоҳ ба муваффақиятҳои эҷодӣ ноил шуд. Яке аз муваффақиятҳои ансамбл намоишномаи «Савти фалак» дар таҳияи Ҳунарпешаи Халқии Тоҷикистон Убайдулло Раҷабов мебошад, ки дар Озмуни чоруми ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ «Парасту» (соли 1991 дар шаҳри Кӯлоб) писанди ҳакамон гардид. Барнома, ки дар заминаи фолклор ва этнографияи Кӯлоб таҳия гардида буд, ҳамчун намоиши хуби саҳнавӣ арзёбӣ шуд. Ҳунармандони ансамбл дар давраи фаъолияти начандон

[1] Хуррамова, Б. Имтиҳони ҳунар // Тоҷикистони советӣ. – 1984. - №112. -12 май.
[2] Диловар, К. «Асарҳоям зиндагиномаи мананд!» // Баҳори Аҷам. – 2002. -1 январ.

тӯлонӣ бо сарварии сароянда Давлатманд Холов ба Эрон, Ҳиндустон, Арабистон, Фаронса, Олмон, Амрико, Италиё, Ангола, Ҷопон, Австрия, Русия (6 маротиба) сафарҳои ҳунарӣ намуданд. Барои фаъолияти баланди эҷодӣ ҳунармандони ансамбл Н. Холов, Х. Ватанова, З. Назарова соли 1997 ба унвони Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, Д. Холов ба Ҷоизаи давлатии Тоҷикистон ба номи А. Рӯдакӣ (2002) ва ордени Шараф дараҷаи I (2005) мушарраф гардидаанд.[1]

Дар мавсими соли 1990 ҳунармандони театри Кӯлоб аз рӯи асари адиби ҳинд Кришан Чандар (1941-1977) драмаи ишқӣ - лирикии «Як гулу сад харидор»-ро дар таҳияи коргардон Мирзо Раҳмон, «Соддаякҳо»-и Я. Стелмах (1949-2001), «Зани оҳанин»-и Ш. Бошбеков (тарҷумаи Ш. Қиёмов) дар таҳияи Арбоби санъати тоҷик М. Миров рӯи саҳна оварданд. Ҳамин сол барномаи консертии санъаткорони вилояти Кӯлоб бахшида ба рӯзҳои вилояти Кӯлоб дар ВМКБ баргузор гардид.[2]

Гурӯҳи ҳунармандони Театри мазҳакаи мусиқии шаҳри Кӯлоб ин сол бо барномаи тозаи консертӣ ба шаҳри Мазори Шарифи Ҷумҳурии Исломии Афғонистон (1990) сафари ҳунарӣ намуданд. Сафари ҳунарӣ 22 рӯз дар Мазори Шариф ва Балхи таърихӣ идома ёфт. Дар ин сафар устоди санъати тоҷик О. Ҳошимов, М. Миров, С. Қосимова, А. Комилова, Ф. Тӯраева, Ҷ. Сафаров, директори театр – Т. Бобоев ва чанд тан сароядагону мутрибон шомил буданд. Тамошобинони шаҳри Мазори Шариф баромади ҳунармандони театрро бо самимияти зиёд истиқбол мекарданд. Махсусан санъати иҷроиши Сураё Қосимоваро баргашта шунидан мехостанд.[3]

Ҳамин тавр, дар замони Шуравӣ муассисаҳои театрӣ яке аз шохаҳои муҳимми фаъолияти идеологии роҳбарияти собиқ вилоятҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа ба шумор мерафт. Ин солҳо театрҳои касбӣ ва халқӣ инчунин

---
[1] Бобоев, Т., Бобозода, Ф. «Фалак». Энсиклопедияи Кӯлоб. – Душанбе, 2006.- С. 523.
[2] Аюбзода, С, Ҳакимзода Ш. "Зани оҳанин"-и М. Миров // Хатлон. – 1990. - №47 (9176). - 30 июн.
[3] Миров, М. Афғонистон пойгоҳи меҳр (хотираҳо ва мулоҳизаҳо). – Душанбе, 2013.- С. 14.

дигар муассисаҳои фарҳангӣ бунёд гардиданд, ки дар онҳо чорабиниҳои фарҳангӣ бо ҷалби васеъи мардум гузаронида мешуданд. Фаъолияти ин муассисаҳои фарҳангӣ сол аз сол дар баланд бардоштани маърифати сиёсӣ ва маънавиёти мардум нақши муҳим дошт. Агар дар солҳои 30 – 40-уми асри XX масоили асосӣ дар вилояти Хатлон ин бунёди муассисаҳои театрӣ буд, пас дар солҳои 40 – 80-ум мавзӯи рушди ин муассисаҳо, аз ҷумла маблағгузорӣ ва тайёр кардани мутахассисони соҳаи фарҳанг ҳаллу фасл мешуданд. Таъсис ёфтани аввалин театри касбӣ дар вилоят ва ҷалби ҳунарварон, боиси ба мусиқии касбӣ ворид гардидани мероси мусиқиҳои халқии вилояти Хатлон гардид.

Бешак, давраи Шуравиро давраи тиллоии театри тоҷик меноманд. Дар замони Шуравӣ барои рушду такомули санъати касбӣ ва фарҳанги миллии тоҷик бахусус санъати театрӣ диққати ҷиддӣ дода шуда буд. Давра ба давра таъсис ёфтани театрҳои касбӣ ва халқӣ, маблағгузорӣ шудани онҳо, тайёр намудани мутахассисони касбӣ, инчунин ташкилу баргузории фестивалу озмунҳо гувоҳи ин гуфтаҳост. Ҳамчунин дар ин давра таъсисёбии театрҳои касбӣ дар вилояти Хатлон ва ҷалб намудани ҳунарварони хушсалиқа буд, ки боиси ба мусиқии касбӣ ворид гардидани лаҳни мусиқиҳои халқии вилояти Хатлон гардид. Фаъолияти театрҳои касбии вилоят дар баланд бардоштани сатҳи маънавию маърифатии мардум нақши муҳимро мебозиданд. Театрҳои касбии вилояти Хатлон тавонистанд, ки ин солҳо ҳунари волои худро дар дохил ва хориҷи ҷумҳурӣ ба мардум нишон дода, соҳиби нуфузу эътибор гарданд.

## 1.2. Вазъи театрҳои касбии вилоят дар солҳои аввали ба даст овардани Истиқлоли давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ҷумҳурии Тоҷикистон то ба даст овардани истиқлол дорои заминаи мустаҳками иқтисодӣ, илмӣ ва ҳамчунин фарҳангӣ буд. Вазъи моддиву маънавии мардум ҳам хуб буд. Театрҳои касбӣ бо намоишҳои нав ба нав пайваста дар хизмати мардум қарор доштанд ва сокинони кишвар барои

ғанӣ гардонидани сатҳи маърифатии худ ба театр бештар рӯ меоварданд. Масалан, агар то соли 1991 шумораи тамошобинон 1,2 млнро ташкил мекард,[1] пас ин нишондиҳанда дар соли 2009 ба 431 000 мерасад, ки ин қариб се баробар кам аст.[2]

Баъди пош хӯрдани Иттиҳоди Шуравӣ дар соли 1991 собиқ ҷумҳуриҳои он соҳибистиқлол гардиданд. Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали ба даст овардани истиқлолияти давлатӣ ба мушкилиҳои иқтисодию сиёсӣ рӯ ба рӯ шуд. Норасоии маблағ барои барқарор кардани хоҷагии халқ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ бе таъсир намонд. Ҳамчунин дар ин давра ҷудо нагардидани маблағҳои зарурӣ ба соҳаи фарҳанг ба он оварда расонид, ки вазъу ҳолат ва фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла театрҳои касбӣ дар ҳолати ногувор қарор доштанд.

Фаъолияти театрҳои тоҷик дар солҳои 1992 - 1993 муваққатан боз монда буданд. Ин парешонӣ ба коллективи эҷодии театрҳои кишвар ва рушди фарҳанги театрӣ монеа эҷод менамуданд. Бад шудани вазъи иҷтимоии шаҳрвандон дар сатҳи рӯҳиявии халқ инъикос меёфт.[3]

Воқеаҳои фоҷиабори аввали солҳои 90-уми кишвар ҳамчун саҳифаи сиёҳ ба таърихи халқи тоҷик дохил гардидаанд. Ин воқеаҳо дар матбуотҳои даврӣ, китобу мақолаҳо бо номҳои «ҷанги бародаркуш», «ҷанги шаҳрвандӣ», «ҷанги минтақавӣ», «ҷанги худкушӣ» ва ғайра зикр гардидаанд.[4] Ҷанги ба вуқуъомада сабабҳои объективӣ ва субъективии худро дошт. Аввалан, дар рафти бозсозӣ чӣ дар миқёси Иттифоқ ва чӣ Ҷумҳурии Тоҷикистон мушкилиҳои иқтисодӣ ба амал омаданд. Аз фаъолият мондани баъзе корхонаҳо, ба фурӯш нарафтани молу маҳсулот,

---

[1] История таджикского народа. Т.6. / под общей редакции Р. Масова. – Душанбе, 2011.- С.586.
[2] Ҳотамов, Н., Довудӣ, Д., Мулоҷонов, С., Исоматов, М. Таърихи халқи тоҷик. – Душанбе, 2011. - С. 544.
[3] Табаров, М. Театр и независимость. – Душанбе, 2010. - С.141.
[4] Набиева, Р. Таърихи халқи тоҷик. Китоби дарсӣ / Р. Набиева, Ф. Зикриёев, М. Зикриёева. – Душанбе: Собириён, 2010. – С. 202.

сари вақт нагирифтани маош, зиёд шудани миқдори бекорон, поин рафтани сатҳи зиндагӣ норозигиро дар минтақа бештар мекард.

Баъд аз воқеаҳои моҳи феврали соли 1990 Ҳизби наҳзати ислом аз пинҳонкорӣ баромада, мунтазам дар якҷоягӣ бо дигар аҳзоби демократӣ байни шаҳрвандон кори сиёсиро пеш гирифт. Аз 26-уми март то 14-уми май соли 1992 дар ду майдони шаҳри Душанбе майдони «Шаҳидон» ва «Озодӣ» гирдиҳамоӣ сурат гирифт, ки дар зери шиорҳои сиёсии зидди ҳукумат ва исломгароии ифротӣ мегузашт.

Дар Тоҷикистони соҳибистиқлол аз моҳи майи соли 1992-юм сар карда задухурди байни ду қувваи бо ҳам зид оғоз ёфт ва аз рӯзҳои аввали ҷанг ҳазорҳо хонаҳои истиқоматӣ, корхонаҳо аз кор мондаю валангор шуданд, гаравгонгирӣ ва қатли шаҳрвандон торафт авҷ гирифт. Ин давраи амалан оғози ҷанги шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон буд. Амалиёти ҳарбӣ на танҳо дар пойтахти ҷумҳурӣ, инчунин дар вилояти Қӯрғонтеппа - ҳозира вилояти Хатлон ва водии Ҳисор бо задухӯрди ду қувваи бо ҳам муқобил рӯз аз рӯз авҷ мегирифт. Ҳамин тавр, зиддияти думоҳаи майдонҳои «Шаҳидон» ва «Озодӣ» ба ҷанги ошкорои бародаркушӣ табдил ёфт.[1]

Дар ҳақиқат, Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввал ба мушкилиҳои зиёд рӯ ба рӯ шуд. Суст шудани муносибатҳои иқтисодӣ бо собиқ ҷумҳуриҳои бародарӣ, ҷанги шаҳрвандӣ, ки аввали солҳои 90 – уми асри XX минтақаҳои Тоҷикистони марказию ҷанубиро фаро гирифта буд, оқибатҳои ин ҷанг, норасоии маблағҳо барои барқарор кардани хоҷагии халқ ба иқтисодиёти ҷумҳурӣ таъсири манфӣ расониданд.[2]

Ҷанги шаҳрвандӣ дар дохили мамлакат асосҳои аҳлоқии шаҳрвандон, хусусан насли наврасро заиф намуда, дар натиҷа ба он оварда расонид, ки даст ба ҳар гуна корҳои номатлуб зананд.

---

[1] Набиева, Р. Тоҷикистон дар асри XX ва ибтидои асри XXI / Р. Набиева, Ф.Зикриёев, М.Зикриёева. - Душанбе: Матбуот, 2008. -С.204.

[2] Хотамов, Н.Б. Социально-экономические преобразования Республики Таджикистан в период суверенитета (1991-2006 гг.) – Душанбе, 2008. – С.9.

Ин ҷанг дар баробари дигар соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат ба фаъолияти театрҳои касбӣ низ таъсири манфӣ расонид. Таҷзияи гурӯҳҳои ҳунарии кишвар монеиривоҷи фарҳанги театрӣ гардид. Авзои иҷтимоӣ бухрони маънавиро ба бор овард. Теъдоди тамошобинони театр коҳиш ёфт. Новобаста аз вазъи сиёсии кишвар гурӯҳҳои ҳунарӣ батадриҷ фаолияти худро идома доданд. Ҷойи намоишномаҳои рӯзмарраву маишӣ ва мазҳакаро асарҳои публисистӣ, зеҳниву ақлӣ ва таърихӣ гирифтанд.[1]

Дар даҳсолаи аввали даврони соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон маблағгузорӣ ба муассисаҳои театрӣ кам гардид, ки ба харобшавии базаи моддӣ – техникии онҳо оварда расонд. Таҷрибаи ҷаҳонӣ нишон медиҳад, ки бе инкишофи соҳаи фарҳанг иқтисодиёти худро давлат ғанӣ гардонида ва ҳамчунин сатҳи зисту зиндагии мардумро низ баланд карда наметавонад. Бо дарназардошти ин нукта, баъди ба даст омадани истиқлолият зарурати инкишоф додани соҳаи фарҳангро барои пешрафти ҷомеа ба назар гирифта, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» аз 13 декабри соли 1997 таҳти рақами № 519 қабул гардид, ки дар он сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг муайян шудааст.

Бо имзо гардидани «Созишномаи умумии истиқрори сулҳ ва ризоияти миллӣ дар Тоҷикистон» дар санаи 27-июни соли 1997 ва ба даст омадани Ваҳдати миллӣ беҳтаршавии фаъолияти театрҳо дар вилоят аз нав оғоз меёбад.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2005) роҷеъ ба сиёсати фарҳангии давлат қайд намуданд: «Сиёсати фарҳангии давлат имрӯз ба эҳёи фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ ва рушди фарҳанги миллӣ равона гардидааст. Ҳарчанд, ки дар давоми солҳои истиқлолият дар ин самт ба дастовардҳои назаррас ноил гардидаем, вале вазъи муассисаҳои фарҳангӣ, хусусан фаъолияти онҳо дар бобати баланд бардоштани сатҳи маърифати мардум ба талаботи замон

---

[1] Табаров, М. Театри ҷавонони Тоҷикистон (ҷустуҷӯҳои эҷодӣ) -Душанбе, 2020.- С.115.

ҷавобгӯ нест. Вазорати фарҳанг ва мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ бояд дар бобати пешгирӣ ва қатъиян манъ намудани раванди номатлуби ғасб кардан, хариду фурӯш ва истифодаи ғайримақсадноки биноҳои муассисаҳои фарҳангӣ ва таъмиру барқарорсозии онҳо чораҳои фаврӣ ва муассир андешанд».[1]

Дар ин давра яке аз масоили ҳалталаб ва ташвишовар - ин бо мутахассисони соҳа таъмин кардани муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла театрҳо маҳсуб меёфт, зеро аз сабаби ночиз будани моҳона бештари мутахассисони соҳибтаҷриба тарки вазифа карда буданд.

Дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар вазъи театрҳои халқӣ ва касбӣ ба куллӣ тағйир ёфт. Маблағгузорӣ нашудани муассисаҳои фарҳангӣ сабаби рафтани мутахассисон аз соҳаи фарҳанг шуда, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, хусусан дар вилояти Хатлон қариб, ки театрҳо аз фаъолият боз монданд. Вилояти Хатлон низ дар радифи дигар манотиқи ҷумҳурӣ ба буҳрони сиёсию иқтисодӣ рӯ ба рӯ шуд.

Вобаста ба ин Президенти кишвар дар суханрониашон 29 октябри соли 2013 дар шаҳри Кӯлоб қайд намуда буданд: «Мувофиқи ҳисобҳо, хисороте, ки дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ ба Тоҷикистон расидааст, беш аз 10 млрд доллари америкоиро ташкил медиҳад, ки 60 фоизи он ба вилояти Хатлон рост меояд.»[2]

Ин ҷанг дар баробари иқтисодиёт, инчунин ба пешрафти фарҳангии кишвар низ хисороти гарон овард.

Бо вуҷуди ин мушкилиҳо театрҳои касбии вилоят талош мекарданд то ҷое таъсиргузор дар зеҳну рӯзгори маънавӣ ва сиёсии кишвар бошанд ва ҳунармандон батадриҷ фаъолияти худро идома медоданд.

---

[1] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ – 16.04.2005. [Манбаи электронӣ]. http://mmk.tj/ru/president/letter/ (санаи истифодабарӣ: 20.03 2021).

[2] Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо роҳбарон ва фаъолони вилояти Хатлон // Садои мардум. №138-139 (3123-3124), 1 ноябр 2013.

Соли 1991 дар ҷумҳурӣ 14 театрҳои касбӣ фаъолият доштанд, ки аз ин 2 театри касбӣ дар вилояти Хатлон амал мекард.

Фаъолияти театрҳои касбии вилоят дар ин сол хубу назаррас буд. Аз ҷумла барои шаҳри Кӯлоб соли воқеаҳои бузурги фарҳангиву таърихӣ маҳсуб меёфт. Махсусан моҳи марти ҳамин сол Кӯлоб ба шаҳри маъвои ҷашну сур ва тантанаҳо табдил ёфт. Ҷашни «70 - солагии Ҳокимияти Шуравӣ», «Ҷашни Наврӯз», озмуни ҷумҳуриявии «Парасту» сурат гирифтанд. Ин сол Театри мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб намоишномаи «Номӯс»-ро аз рӯи асари Кришана Чандар (1914-1977) - «Як гулу сад харидор» дар таҳияи Мирзо Раҳмон, ки бо рақсҳои ҷолиби таҳиянамудаи Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон Муҳаммадӣ Абдурасулов оро ёфта буд, рӯи саҳна оварда, пешкаши мардум гардониданд. Мавзӯи асар дар бораи ҳаёти ду ҷавони дилдода, ки чӣ тавр муҳаббати онҳо аз хурсандӣ ба ғам мубуддал гаштаву оқибат бо марг рӯ ба рӯ мегарданд, қисса менамояд.[1] Ҳунармандони театр дар ин сол ҳамчунин намоишномаи характери сиёсию таърихидоштаи «Султон султон аст»-ро аз рӯи асари адиби мисрӣ Саадулло Ваннус (1941-1997) дар тарҷумаи Қутбӣ Киром (1932-1995) ва Сафармуҳаммад Аюбӣ, дар таҳияи Б. Абдураззоқов саҳнавӣ мегардонанд. Мавзӯи асар қариб, ки ба замони мо мувофиқ омада, дар он дар бораи давлату давлатдорӣ, сарҷамъии миллат, муборизаи шоҳи одил бо як зумра мардуме, ки оромии ҷомеаро намехоҳанд, тасвир ёфта буд.[2]

Маврид ба зикр аст, ки соли 1991 ҳукумати вилояти Кӯлоб бо дарназардошти дархосту пешниҳодҳои пай дар пайи ҳунармандони Театри вилоятии мазҳака - мусиқии ба номи Сайдалӣ Вализодаи шаҳри Кӯлоб ба бунёду сохтмони бинои наву замонавии театр, ки бояд дар паҳлӯи рости собиқ бинои театр бо маблағи зиёда 1 - миллион сӯм сохта ва ба истифода

---

[1] Бахмет, М. О любви прекрасной и грустной // Кулябская Правда. – 1991. - №2 (4983). – 3 январ.

[2] Аз суҳбат бо Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон, собиқ саркоргардони театр (1993-2000) Мирзо Раҳмонов, 17.11.2021.

дода мешуд, оғоз кард.[1] Мутаассифона, бинобар сабаби пош хӯрдани ҳукумати Шуравӣ ва сар задани ҷанги шаҳрвандӣ дар кишвар сохтмони бинои мазкур анҷом дода нашуд.

Нооромиву бетартибиҳои кишвар ба кори ҳунармандони Театри мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа душвориҳои зиёд ворид сохт. Вазъияти ба амал омада дар манотиқи Қӯрғонтеппа, садди фаъолияти коргардонҳое гардид, ки барои таҳияи намоишномаҳо ба театр аз пойтахт меомаданд. Бояд қайд кард, ки роҳбарияти театр ва аҳли эҷод дар тайёр намудани намоишномаҳо аз сабаби норасоиии маблағ барои хариди ашёҳои лозима (таҷҳизотҳои техникӣ, лисобҳои саҳнавӣ ва ғайра) ба душориҳои зиёд рӯ ба рӯ мешуданд. Новобаста аз ин мушкилиҳо кор дар театр пеш мерафт. Ҳайати эҷодии театр таҳти роҳбари бадеии театр Бурҳониддин Раҷабов дар давоми ин солҳо намоишномаи «Хоби чаппа»-и Ҷ. Қуддус, ки мавзӯи он бо роҳи ҳаҷв зери танқид қарор додани баъзе аз табақаҳои ҷомеа ва намоишномаи «Моҷарои имтиҳон»-и А. Атобоев, ки рӯидодҳои давраи имтиҳонсупории донишҷӯёнро ба таври мазҳака қисса мекард, рӯи саҳна меоранд.[2]

Соли 1992 дар ҳаёти мардуми тоҷик, соли ниҳоят душвору фоҷиавӣ буд. Дар ҷараёни ин фоҷиа фарҳанги ҷумҳурӣ низ зиёни калон дид. Дари муассисаҳои фарҳангӣ ба рӯйи шаҳрвандон ноаён баста шуда, одамон аз театр, рақсу суруд ва дигар анвои фарҳанг иҷборан дур шуданд. Вале, фарҳанги асил ҳаргиз аз байн намеравад, ҳеҷ як силоҳ қодир нест, ки фарҳанги мардум, ақлу хиради рӯшани мардумро ба нестӣ барад. Ҳатто дар чунин ҳолати мудҳиш низ санъаткорони асил асар эҷод мекарданд, ходимони фарҳанг барои баланд бардоштани маърифати одамон фаъолият менамуданд.

Мутаассифона, аз соли 1992 сар карда, муддате театрҳои касбии вилоят низ бо душвориҳо рӯ ба рӯ мегарданд. Ҷанги шаҳрвандӣ, вазъияти

---

[1] Раҳмоналиев, Д. Сохтмони театри нав // Хатлон. – 1991. - №4 (9298). - 5 январ.
[2] Юнусов, А. Мавсими нави театрӣ // Навиди Вахш. – 1991. - №202 (3512). - 19 октябр.

носолими ҷумҳурӣ, беқадрии адабу ҳунар, нооромиҳо ва паст гардидани сатҳи зиндагии мардум ба он оварда мерасонад, ки девори мустаҳками коллективҳои эҷодии театрҳо ба тадриҷ заиф мегардад. Бо вуҷуди ин мушкилиҳо Театри мазҳакаи мусиқии ба номи Сайдалӣ Вализодаи шаҳри Кӯлоб зери сарварии Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Толибҷон Бобоев бо такя бо садоқатмандону дӯстдорони санъат пайваста азму талош меварзид, ки театр, ҳамчун минбари тарғиби ахлоқи неки ҷомеа ва тарбиятгари насли ҷавон фаъолияти эҷодии худро самаранок идома диҳад.[1] Дар ин давра санъаткорони Кӯлоб бо роҳбарии Ҳунармандони шоистаи Тоҷикистон Т. Бобоев ва Ҷ. Сироҷов ба як қатор хоҷагиҳову коргоҳҳои ноҳияи Конибодоми вилояти Ленинобод (Суғд) сафари ҳунарӣ анҷом доданд.[2] Инчунин соли ҷорӣ аҳли эҷодии театри мазкур намоишномаи «Заволи Чамбули Мастон»-и Сафармуҳаммад Аюбиро дар таҳияи Мирзоватан Миров рӯи саҳна оварданд. Дар ин асар нуқсону камбудиҳои гурӯҳҳои мухталифи ҷомеа бо воситаи гурғулӣ ифшо карда шуда буд.[3] Ҳамчунин дар ин сол драмаи манзуми мусиқӣ «Арвоҳзада»-и М. Ғоиб дар таҳияи коргардон М. Раҳмон рӯи саҳна омад. Ин асар дар мавзӯи зери танқиди сахт қарор додани рафтори баъзе аз мансабдорони бадахлоқ таҳия гардида буд.

Театри мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа дар ин сол кӯшиш ба харҷ дода, фаъолияташро пеш мебурд. Дар ин мавсим ҳунармандони театр намоишномаи бачагонаи характери тахаюлидоштаи «Бойи золим ва кали зирак»- и П. Сатторӣ (1938-1993) (таҳиягар Б. Раҷабов) ва «Ӯ дар байни мост»-и Сиёвуш ва Қ. Сатторов дар таҳияи Н. Ҷароновро рӯи саҳна

---

[1] БҶ ВФҶТ//Гузориши маҷлиси машваратии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон №4/9. 1992. - В. 3.

[2] Бобоев, Т. Сафари театр бо иштироки Т.Бобоев ва Ҷ. Сироҷов // Садои Конибодом. - 1992. - 8 август.

[3] Аз суҳбати собиқ саркоргардони театр (1975-1992) Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Мирзоватан Миров, 20.12.20.

оварданд.[1] Мавзӯи асар характери сиёсӣ-таърихиро дар бар гирифта, аз ноорромии ҷамъият ва сиёсати давлатдорӣ қисса мекард.

Соли 1993 аз тарафи сафоратхонаи Ҷумҳурии Исломии Эрон ба Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба хотири рушди театрҳои касбӣ дар ҷумҳурӣ мутобиқи мактуби таҳти № 2768/160 аз 05. 11. 1371 (солшумории ҳиҷрӣ), ба маблағи 1 млн рубл кӯмаки бебозгашт расонида шуд. Бо фармони Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам А. Хоҷаев аз ин миқдор 200 000 рубл ба Театри мазҳакаи мусиқии ба номи Сайдалӣ Вализодаи шаҳри Кӯлоб ҷудо карда шуд.[2]

Ин мавсим ҳунармандони Театри мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа асари мазҳакавии «Корол»-и драманависи лаҳистонӣ Славомир Мрожек (1930-2013), ки муҳтавои асар моҷарои табиби чашм, бобо бо набераашро қисса мекард, ҳамчунин намоишномаи характери таърихдоштаи «Дақиқӣ»-и С. Аюбро, ки жанри фоҷиаро доро буда, аз рӯзгори шоир Дақиқӣ (930-977) нақл мекард, дар таҳияи Б. Раҷабов рӯи саҳнаи театр оварданд.[3]

Соли 1994 дар вилояти Хатлон 2 театри касбӣ фаъолият мекард. Дар ин давра театрҳои касбии вилоят 4 намоишнома таҳия намуда, манзури тамошобинон гардониданд. Ҳамчунин дар чандин озмунҳои ҷумҳуриявӣ ширкат намуданд. Репертуари Театри мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб дар соли 1994 пурра ба ҷашни 680 солагии мир Сайид Алии Ҳамадонӣ (1314 - 1385) бахшида шуда буд. Намоишномаи «Аз хок баромадему дар хок шудем…» дар таҳияи Ҷумахон Сироҷов пешкаши тамошобинон гардид. Ҳамзамон дар ин сол аҳли ҳунару эҷоди театр 60-солагии зодрӯз ва 40-солагии фаъолияти ҳунарии Корманди Шоистаи фарҳанги Тоҷикистон Гӯрез Назирмадов ва «Шаби рақс» бахшида ба 25-

---

[1] Зариф,И. Кохи ҳунари вахшон. (Аз таърихи театри Қӯрғонтеппа). – Қӯрғонтеппа, 2013. - С. 38.
[2] БҶ ВФҶТ // Фармони Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (01. 02.1993. № 10).-В.1.
[3] Аз суҳбати Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Аловуддин Абдуллоев, 22.10.2020.

солагии фаъолияти эҷодии Муҳаммадӣ Абдурасуловро бо шукуҳ ҷашн гирифтанд.[1]

Боиси хушнудист, ки ба ҳама мушкилиҳо нигоҳ накарда, сафарҳои ҳунарии театр ба шаҳру навоҳии кишвар, аз ҷумла шаҳри Панҷакент, ноҳияҳои Конибодом, Колхозобод (Ҷаллолиддини Балхӣ) ва ғайра сурат гирифта дар натиҷа ба хазинаи театр 6 миллион рубл даромади пулӣ ворид гардид.

Театри ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб тавонист дар нимсолаи аввали соли 1994 70 чорабинӣ гузаронида, пешкаши 39 300 нафар тамошобин гардонад ва ба маблағи 2 859 000 рубл даромади пулӣ ба хазинаи театр ворид намояд.[2]

Бояд қайд намуд, ки соли сипаригардида ҳайати эҷодии театр дар аксар ҷорабиниҳои идонаи сатҳи вилоятӣ ва ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок менамоянд.

Дар ин давра бахшида ба 680 - солагии донишманд Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ҳунармандони театр асари «Мири кабир»-и Муҳаммад Ғоибро дар таҳияи Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Давлат Убайдуллоев рӯи саҳна меоранд ва чанд сол баъд (моҳи ноябри соли 2001) бо намоишномаи мазкур ба Ҷумҳурии Исломии Эрон сафари эҷодӣ мекунанд.[3] Лозим ба зикр аст, ки намоишномаи мазкур яке аз корҳои аввалини коргардони бомаҳорат, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Давлат Убайдуллоев ба шумор рафта, аз тарзу услуб, назару ифода ва навҷӯиҳои таҳиягар шаҳодат медод.[4]

Театри мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа дар ин мавсим ба муносибати 680 - солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ дар заминаи асари «Ҳазрати Амирҷон»-и С. Сабзаев намоишномаи ҷолиберо рӯи саҳна овард.

---

[1] Аз суҳбати Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон Муҳаммадӣ Абдурасулов, 14.04.2020.
[2] БҶ БРФМКВХ // Ахборот оиди фаъолияти муассисаҳои фарҳангии минтақаи Кӯлоб дар нимсолаи аввали соли 1994. - В. 6.
[3] БҶ РФВХ // Ҳисоботи хаттӣ оиди ҷамъбасти фаъолияти идораи фарҳанги Ҳукумати вилояти Хатлон ва муассисаҳои фарҳангии он дар соли 2001. - В. 5.
[4] Аз суҳбати Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон Худойназар Тилавов, 21.12.2020.

Накшҳоро ҳунармандон хеле ҳаётӣ ва табиӣ бозиданд, ки писанди ҳамагон гардид. Ҳамзамон аҳли эҷоди театр намоишномаи «Садқаи санъат шавед»-и А. Азимиро (таҳиягар Б. Раҷабов) ба саҳна гузоштанд.[1]

Соли 1995 низ дар ҷумҳурӣ 14 театри касбӣ, аз ҷумла 2 театр дар вилояти Хатлон фаъолият мекард.[2] Ин муассисаҳо бо мақсади тарбияи маънавии аҳолии мамлакат, дар рӯҳияи ватандӯстӣ, инсонпарварӣ, бародарӣ ва зимнан ташфиқу таблиғи фарҳангу тамаддун ба мардум хизмат мерасониданд. Театрҳо кушиданд то дар ин мавсим боз фаъолияти эҷодии худро беҳтар намоянд.

Ҳайати эҷодии Театри мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб дар ин давра асари А. Баҳорӣ «Фармони Кадушоҳ»-ро дар таҳияи Мирзо Раҳмон саҳнавӣ мегардонанд. Асар мазҳакавӣ буда, замони давлатдории шоҳи нодонеро тасвир намудааст, ки аз бефаҳмии худ дар охир аз тахт маҳрум гаштааст. Асар ба маънои томаш шаҳодат медиҳад, ки на ҳар кас ҳоким шудаву аз ӯҳдаи ин вазифаи пурмасъул баромада метавонад. Ҳамзамон намоишномаи таърихии «Мири Кабир»-и М. Ғоибро дар таҳияи Д. Убайдуллоев рӯи саҳна меоранд. Асари мазкур аз рӯзгори шоир ва мутафаккири форсу тоҷик Сайид Алии Ҳамадонӣ нақл мекард. Инчунин санъаткорони театр соли сипаригардида бо барномаҳои консертии базми идона ба муносибати ҷашни 680-солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ ва чаҳорумин солгарди Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо номи «Чароғи маърифат», шаби эҷодии оҳангсоз Шариф Бедаков ва «Шаби ханда», ки ба 40-солагии зодрӯз ва 20-солагии фаъолияти ҳунарии ҳаҷвнигорони шинохта Ҳунарпешагони шоистаи Тоҷикистон Толибҷон Бобоев ва Ҷумахон Сироҷов бахшида шуда буданд, баромад намуданд.[3]

---

[1] Аз суҳбати мудири қисми адабии театри вилоятии шаҳри Бохтар Зариф Ибод, 18.05. 2019.

[2] БҶ ВФҶТ // Ҷамбасти натиҷаҳои фаъолияти кормандони вазорати фарҳанг ва иттилооти ҶТ дар соли 1995 ва проблемаю дархостҳо ва вазифаҳои минбаъдаи онҳо. – В.3.

[3] Аз суҳбат бо Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон Толибҷон Бобоев,15.09.2020.

Дар соли 1995 аҳли эҷодии Театри мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа таҳти сарварии Б. Раҷабов намоишномаи мазҳакавии «Кӯзаи гӯё»-и А. Абубакр (тарҷумаи А. Абдуллоев), ки мавзӯи тарбиявиро дар бар гирифта, кӯдаконро ба омӯхтани илму ҳунар ҳидоят менамуд, инчунин намоишномаи «Хуш омадӣ, Соли Нав»-и А. Азимовро (таҳиягар А. Абдуллоев) рӯи саҳна меоранд.[1]

Соли 1996 ҳар ду театри касбии вилояти Хатлон фаъолияти худро тадриҷан идома медиҳанд. Дар ин давра театрҳои касбии вилоят се намоишномаи нав саҳанавӣ гардонида, ҳамчунин бо барномаҳои консертии худ сафарҳои ҳунарӣ анҷом доданд.

Театри мазҳакаи мусиқии ба номи С. Ализодаи шаҳри Кӯлоб соли 1996 бахшида ба 60-солагии таъсисёбиаш барномаи идонаи театриро бо номи «60-сол» омода намуда, дар сатҳи баланд пешкаши тамошобинон гардонид. Дар рӯзи ҷашни камолот ҳайати эҷодии театрро раиси шаҳри Кӯлоб Абдукарим Абдураҳимов таъсисёбии нахустин театри касбиро дар вилояти Хатлон самимона шодбош гуфт. Ӯ қайд намуд, ки «Театри Кӯлоб аз рӯзҳои аввали фаъолияташ дар тарғибу идеяҳои инсондӯстӣ, эҳтироми шахс, ғояҳои сулҳхоҳию накӯкорӣ ва дар ин бобат ёрирасони беғарази ҳукумати маҳаллӣ буд. Асарҳои офаридаи ҳунармандони ин даргоҳ аз қабили «Робияи Балхӣ»-и А. Атобоев, «Восеъ»-и С. Улуғзода, «Фишор»-и С. Аюбӣ ва ғайра дар миқёси ҷумҳурӣ ва берун аз он бо санъати баланди худ шуҳратёр шуданд».[2]

Бо мақсади густариши фарҳанги сокинони ҷумҳурӣ, таҳкими минбаъдаи дӯстиву равобити байни меҳнаткашони Тоҷикистон бо пешниҳоди Созмони Милали Мутаҳид ва фармони вазири фарҳанг таҳти №263 аз 4 сентяри 1996 аз моҳи сентябри соли 1996 то моҳи майи соли 1997 даҳаи «Ҳунар, сулҳ, дӯстӣ» дар минтақаи Кӯлоб ва ҳамчунин то ҷашни 6-

[1] Аз суҳбат бо ҳунарманд ва коргардони театри вилоятии шаҳри Бохтар Қурбонмаҳмад Шукуров, 20.01.2021.
[2] Бобоев, Т. Ситораҳои театр. Садои Коргар. -1996. – 6 октябр.

солагии Истиқлолияти Тоҷикистон дар ҳамаи вилоятҳои ҷумҳурӣ «Ҳафтаи фарҳанг» гузаронида шуд.

Дар ин замина, аз 9-ум то 15-уми декабри соли 1996 дар вилояти Ленинобод (Суғд) ва аз 10-ум то 18-уми марти соли 1997 рӯзҳои фарҳанги минтақаи Кӯлоб дар вилояти Бадахшон гузаронида шуд.[1] Ҳамчунин ҳайати эҷодии театр дар соли сипаришуда намоишномаи «Фиғон»-и Ф. Сафаровро дар таҳияи М. Раҳмон ба саҳна гузоштанд.[2]

Ҳайати эҷодии Театри мусиқӣ – мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа дар ин сол аз рӯи асари А. Азимов «Муҳаббати парӣ»-ро дар таҳияи коргардон Б. Раҷабов рӯи саҳна оварданд.[3]

Ҳунармандони Театри мазҳакаи мусиқии ба номи Сайдалӣ Вализода шаҳри Кӯлоб соли 1997 асари Файзи Ашӯр «Ё раб!» дар таҳияи Р. Одинаев рӯи саҳна оварданд, ки он воқеъаҳои даҳшатбори ҷанги шаҳрвандиро зери назари таҳлилу танқид гирифта буд. Ин намоишнома як навъ даъват ва хитобе буд дар роҳи истиқрори сулҳ ва дарёфту таҳкими осоиш миёни мардуми азияткашидаи ҷумҳурӣ. Нақшҳои асосиро Х. Тилавов, М. Раҳмонов, А. Табарова, Г. Назирмадов ва дигарон бо маҳорати баланд иҷро намуданд. Саҳнавӣ гардидани ин асар ва асари «Мири Кабир»-и Шоири халқии Тоҷикистон Муҳаммад Ғоиб сабаб шуд, ки минбаъд раҳбарияти театр ва умуман, соҳаи маънавиёту фарҳанги вилояти Хатлон дар таҳияи аксар чорабиниҳои фарҳангӣ, барномаҳои театришуда ба Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Давлат Убайдуллову Раҳмоналӣ Одинаев таваҷҷуҳи бештаре зоҳир намоянд.[4]

Театр дар ин сол бахшида ба ҷашни 25-солагии фаолияти ҳунарии Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон Ҷумъахони Сафар барномаи консертиро бо номи «Арзи меҳр» бо як самимияти хосе ҷашн гирифт.

---

[1] ЦГА. Тадж. ССР. - Ф. 360. - Оп. 10. - Д. 30. - Л. 30.
[2] Аз суҳбати Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон Мирзо Раҳмонов, 10.02.2021.
[3] Аз суҳбати Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон Муҳаммад Шомуддинов, 22 .10.2020.
[4] Аз суҳбат бо саркоргардони театри Кӯлоб Одинаев Раҳмоналӣ, 13.05.2020.

Ҳунармандони Театри мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа зери коргардонии Аловуддин Абдуллоев намоишномаи ҷолиберо аз рӯи асари Ж. Б. Молер «Найрангҳои Скапен» (дар тарҷумаи Ш. Қиём) рӯи саҳна меоранд. Намоишнома, ки жанри мазҳакаро доро буда, бо усули нав ва иҷрои хуби нақшҳо аз ҷониби ҳунармандони театр пешкаши дӯстдорони санъат гардид.

Таҳлилҳо собит сохт, ки мавсими соли 1998 театрҳои вилоятии шаҳри Қӯрғонтеппа ва Кӯлоб қариб, ки ба ягон дастоварди эҷодӣ муваффақ нашуданд, аниқтараш ягон намоишнома рӯи саҳна наоварданд. Дар ин сол театрҳо фаъолияти худро танҳо бо намоиш додани консертҳо равона карданд. Аз сабаби кам будани маошу набудани шароити эҷодӣ аксари коргардонҳову ҳунармандон театрро тарк карданд.[1]

Театри мазҳакаи мусиқии ба номи Сайдалӣ Вализодаи шаҳри Кӯлоб бахшида ба ҷашни байналмилалии Наврӯз намоишномаи адабию мусиқии «Наврӯзи Аҷам»-ро бо сабки хоса тақдими бинанда месозад.

Театри вилоятии мусиқӣ - мазҳакавии Қӯрғонтеппа дар ин сол ба як қатор шаҳру ноҳияҳо сафарҳои ҳунарӣ анҷом дода, намоишномаи «Ҳиллаҳои Аҷӯзкампир»-и З. Ибодро дар ноҳияҳои Нов (Спитамен), Конибодом ва шаҳри Хуҷанди вилояти Ленинобод (Суғд), инчунин порчаҳо аз намоишномаҳои «Тӯйи бедомод», «Хоби чаппа»-и Ҷ. Қуддус ва «Найрангҳои Скопен»-и Ж. Б. Молерро дар ноҳияҳои Москва (Ҳамадонӣ), Фархор, Панҷ, Қумсангир (Ҷайҳун), Данғара, Сарбанд (Леваканд) ва шаҳри Кӯлоб пешкаши тамошобинон гардониданд. Ҳамзамон гурӯҳи консертии театр бо роҳбарии Ҳунармандони шоистаи ҷумҳурӣ Талабшо Куганов ва Адолат Комилова борҳо дар назди меҳнаткашони вилоятҳои Хатлону Суғд бо барномаҳои махсуси ҳунарӣ баромад карданд. Ҷамъи умумии чорабиниҳои театр дар соли ҷорӣ ба 198 расида, дар он 93299

[1] БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти идораи фарҳанги вилояти Хатлон ва муассисаҳои фарҳангии он дар соли 1998. - В. 5.

нафар тамошобинон иштирок карданд. Аз ҳисоби консертҳо ва спектаклҳо ба буҷаи театр 1млн. 576 ҳазор рубл ворид гаштааст.[1]

Соли 1999 муассисаҳои фарҳангии вилоят бо мақсади амалан татбиқ намудани қарору фармонҳои Президенти кишвар, Ҳукумати ҷумҳурӣ ва Вазорати фарҳанг, дар иртибот ба ҷашни 1100 - солагии давлати Сомониён (819-999) тасмим гирифта буд, ки чорабиниҳои зиёди сиёсию фарҳангӣ ташкил ва баргузор гардонад. Дар ин раванд аз аввали сол тамоми роҳбарони муассисаҳои фарҳангӣ, аз ҷумла театрҳои касбии вилоят вазифадор карда шуданд, ки ҷиҳати дар сатҳи баланд гузаронидани ҷашни мазкур тайёрии ҷиддӣ бинанд.

Ба истиқболи ин ҷашн Театри мусиқӣ – мазкавии шаҳри Қӯрғонтеппа асари драматурги ҷавон Файз Сафар «Давлати Сомониён» (таҳиягар Б. Раҷабов)-ро, ки аз ду қисм иборат буд ва театри мазҳакаи мусиқии ба номи С. Ализодаи шаҳри Кӯлоб драмаи манзум «Сомонхудот»-и Сафармуҳаммад Аюбиро таҳия намуда, рӯи саҳна меоранд. Намоишномаи «Сомонхудот»-и С. Аюбиро Арбоби ҳунари Тоҷикистон Турахон Аҳмадхонов бо даъвати як зумра ҳунармандон аз театрҳои пойтахт хеле шавқовар таҳия менамояд.[2]

Дар ин мавсим ҳайати эҷодии театри Қӯрғонтеппа таҳти коргардонии Аловуддин Абдуллоев таҳияи асари Зариф Ибод «Ҳиллаҳои Аҷузкампир»-ро давом дода, намоишномаи ҷолиберо барои бачагону наврасон пешкаш намуданд.

Ҳайати эҷодии театри шаҳри Кӯлоб новобаста аз мушкилии молиявию иқтисодӣ корҳои назарраси эҷодиро ба сомон расонид ва дар чандин чорабиниҳои шаҳриву вилоятӣ фаъолона ширкат намуд. Бахшида ба ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён, 8-умин солгарди Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба шаҳри Кӯлоб омадани роҳи оҳани паҳнбар

---

[1] БҶ ВФҶТ // Гузориш оиди фаъолияти муассисаҳои фарҳанги вилояти Хатлон ба ВФҶТ дар соли 1998. - В. 2-4.
[2] БҶ РФВХ // Ҳисоботи хаттии раёсати фарҳанги вилояти Хатлон. - 1999. - В. 3-4.

барномаи театрикунонидашудаи адабию мусиқии «Тулӯи бахти тоҷик» намоиш дода шуд.[1]

Соли 2000 – ум бе муболиға барои коллективҳои ҳунарию эҷодии театрҳои касбии вилоят соли пешравиҳо буд. Дар ин давра театрҳои касбии вилоят намошномаҳои нав рӯи саҳна оварда, бо барномаҳои консертӣ ба сафарҳои ҳунарӣ баромада, хотири сокинони вилоятро шод гардониданд.

Театри мазҳакаи мусиқии ба номи Сайдалӣ Вализодаи шаҳри Кӯлоб фаъолияти эҷодии худро нисбат ба солҳои пешин тавонист хубтар ба роҳ монад. Баъди омӯзишу таҳқиқи дақиқи Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ ва Раёсати фарҳанги вилоят ҷиҳати камбудиҳое, ки вобаста ба фаъолияти театр ҷой доштанд, ба хулосае омадан мумкин аст, ки дар кори театр ба куллӣ дигаргуниҳои назаррас ба амал омаданд. Роҳбари нави таъиншудаи театр Мунаввара Аминова (1948 - 2012) тавонист он ҳунармандони касбиеро, ки бо сабабҳои гуногун аз театр рафта буданд, дубора ба театр ҷалб намояд. Давоми соли сипаришуда театри мазкур 6 спектакл ва 16 барномаҳои консертӣ намоиш дод, ки аз ин ҳисоб 3 миллиону 919 000 рубл ба даст омад. Ҳунармандони театр ба ноҳияҳои Восеъ, Фархор, Муъминобод, Ховалинг, Вахш, Сарбанд, Ҷиликӯл (Дӯстӣ), Қӯрғонтеппа ва Темурмалик сафарҳои ҳунарӣ намуда, барномаҳои хуби консертӣ ба намоиш гузоштанд. амчунин театр дар ин сол намоишномаҳои «Бозори нафс»-и Ҷумъа Қуддусро дар таҳияи Давлат Убайдуллоев рӯи саҳна оварда, бо ин намоишнома дар ҷашни 100-солагии устод С. Вализода баромад намуд. Илова бар ин, порча аз «Кӯпрук»-и Фотеҳ Ниёзиро бахшида ба рӯзи ғалаба пешкаши тамошобинон кард. Бинои театр, ки солҳо боз ба таъмир эҳтиёҷ дошт, хушбахтона, бо дастгирии Мақомоти иҷроияи ҳокимияти далатии вилоят ва Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ ба

---

[1] БҶ БРФМКВХ // Гузориш оиди фаъолияти муассисаҳои фарҳангии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб дар соли 1999. - В. 2-5.

маблағи 17 млн рубл дар арафаи ҷашни 100-солагии устод Сайдалӣ Вализода таъмир гардид.[1]

Пайдост, ки мавсими нав барои ҳайати эҷодиву ҳунарии Театри давлатии мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа соли муваффақияту комёбиҳо гардид. Ин сол бо қарори Созмони Милали Муттаҳид «Соли байналмилалии фарҳанги сулҳ» эълон гардид. Ин иқдом, аз ҷониби Пешвои миллат - Президенти Ҷумҳурӣ, инчунин мардуми тоҷик хуб пазируфта шуд аз ин рӯ театр кӯшиш мекард, то ки ин сол нисбати солҳои дигар фаъолияти эҷодияшро боз ҳам беҳтар ба роҳ монда, дар чорабиниҳову озмунҳои ҷумҳуриявӣ фаъолона иштирок намояд.

Дар доираи чорабиниҳои "Соли байналмиллалии фарҳанги сулҳ» бо Қарори Вазорати фарҳанг озмуни умумиҷумҳуриявии театрҳои касбӣ ва мардумӣ, таҳти унвони «Театр такягоҳи сулҳ» эълон гардид. Бо мақсади баланд бардоштани фаъолияти эҷодии коллективҳои ҳунарӣ ва инкишоф додани истеъдодҳои мардумӣ бо ташаббус ва дастгирии Раёсати фарҳанг ва Маркази эҷодиёти халқи вилояти Хатлон аз 15 ноябр то 22 ноябри соли 2000-ум дар толори Театри мусиқӣ - мазҳакавии вилоятии шаҳри Қӯрғонтеппа (Бохтар) фестивал - озмуни ҷумҳуриявии «Театр такягоҳи сулҳ» барпо гардид.

Театри вилоятии мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа дар ин озмун бо коргардонии Б. Раҷабов ва дар ҳамдастии рассом Хайрулло Давлатов, оҳангсоз Ш. Қосимов аз рӯи асари адиби озарӣ Ӯ. Ҳоҷибеков (1924-1979) «Аршин-мололон»-ро, ки мавзуи ишқу муҳаббат ва оиладориро дар бар гирифта, дар жанри мазҳака рӯи саҳна оварда, пешкаши тамошобинон гардониданд. Дар ин намоишнома Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон М. Тоҷибоева (Гулчеҳра), ҳунарпешагон А. Абдуллоев (Султонбек), Қ. Зоиров (Аскар), О. Каримова (Ҷаҳон), Н. Гадоева (Зебо), Н. Лутфуллоева (Осиё), М. Шомуддинов (Сулаймон), Қ. Шукуров (Валӣ) бо

---

[1] БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти идораи фарҳанги вилояти Хатлон ва муассисаҳои фарҳангии он дар соли 2000. - В. 4.

маҳорати баланд бозӣ намуданд. Даромади пулии театр дар ин сол 2 млн 700 000 рублро ташкил медиҳад.[1]

Бояд хотирнишон кард, ки соли 2000-ум бо талошу кӯшиш, таклифу пешниҳоди Корманди шоистаи Тоҷикистон Холмирзо Сангимуродов ва дастгирии бевоситаи сардори Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон Сайидбухорӣ Маҷидов дар назди Театри давлатии мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа театр - студияи «Лӯхтак» таъсис меёбад, ки роҳбари бадеии он Холмирзо Сангимуродов таъин мегардад. Ин иқдом дастоварди чашмрас барои аҳли ҳунари театр ва кулли сокинони вилоят буд.

Театр - студияи «Лӯхтак»-и назди театр аввалин намоишномаашро рӯзи 27 марти ҳамин сол аз рӯи асари Зариф Ибод «Гаҳворачунбонак ва мор» дар таҳияи Б. Раҷабов ва Х. Сангимуродов пешкаши хурдсолон гардонид ва дар тарбияи маънавии тамошобинони хурдсоли шаҳру ноҳияҳои вилоят нақши созанда гузошт.[2]

Ҳамин тавр, бояд тазаккур дод, ки фаъолияти эҷодии театрҳои касбии вилояти Хатлон дар даҳсолаи аввали истиқлолият бинобар камбудиҳои зиёди ҷойдошта, ки ҳалли онҳо, албатта, бештар ба маблағ вобаста буд, дар ҳолати начандон хуб қарор дошт. Вале, хушбахтона, сарфи назар аз мушкилиҳои зиёд дар ин давра театрҳо тавонистанд 28 намоишнома ба саҳна гузоранд. (Замимаи 2).

Вазъи театрҳои вилоятро дар даҳсолаи аввали истиқлол метавон чунин натиҷагирӣ кард:

1. Давраи таърихие, ки мавриди тадқиқот қарор гирифт, нишон дод, ки вазъи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар ҳолати ногувор қарор доштанд. Бо пош хурдани Иттиҳоди Шуравӣ робитаҳои иқтисодӣ, фарҳангӣ байни ҷумҳуриҳо, аз он ҷумла Ҷумҳурии Тоҷикистон бо марказ суст гардид. Солҳои 90-ум, аз сабаби ба амал омадани ноором иву

---

[1] БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти идораи фарҳанги вилояти Хатлон ва муассисаҳои фарҳангии он дар соли 2000. - В. 3.

[2] Зариф, И. Намоишномати аввали лӯхтак // Набзи Қӯрғонтеппа. – 2000. - №12 (2883). - 28 март.

бетартибиҳо вазъи сиёсию иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварро бuҳрони амиқ фаро гирифт. Ҷанги шаҳрвандӣ ва бuҳрони сиёсӣ ва иқтисодие, ки фазои Тоҷикистони тозаистиқлолро фаро гирифта буд, таъсири манфии худро ба соҳаи фарҳанг бахусус театрҳои касбӣ низ расонид.

2. Дар фаъолияти эҷодии театрҳои касбии вилоят мушкилиҳои зиёд ба назар мерасид. Норасоии мутахассисони касбӣ, созҳои мусиқии миллӣ, сару либоси саҳнавӣ, песаҳои саҳнавӣ бо забони тоҷикӣ аз ҷумлаи мушкилиҳои асосии ҳунармандон буданд. Асоси мушкилиҳоро дар фаъолияти театрҳои касбии вилоят ҷудо нагардидани маблағи кофӣ ва норасоии таҷҳизотҳои техникӣ ташкил медод.

3. Дар даҳсолаи аввали истиқлолият, ки давраи гузариш ба иқтисоди бозоргонӣ ба ҳисоб меравад, ба фаъолияти театрҳои касбӣ диққати ҷиддӣ дода намешуд, ки дар натиҷа базаи моддӣ – техникиашон суст ва сифати фаъолияти муассисаҳои мазкур паст гардид.

4. Сабаби асосии паст гардидани фаъолияти театрҳои касбии вилоят, ин пеш аз ҳама бuҳрони иқтисодӣ ва иҷтимоӣ буд, ки дар давраи ҷанги шаҳрвандӣ ва баъди он ҷомеаи моро фаро гирифта буд.

5. Дар ин давра ҳайати эҷодии театрҳои касбӣ фаъолияти худро бештар ба гузаронидани намоишҳои консертӣ маҳдуд намуда буданд ва фаъолияти ташфиқотии театрҳо оиди ҷалби ҷавонон ба назар намерасид.

Барҳам хурдани Ҳукумати Шуравӣ дар фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон таъсири худро расонид. Ҷанги шаҳрвандӣ хисороти зиёде дар соҳаҳои гуногуни кишвар, хусусун дар соҳаи фарҳанг ворид намуд. Мутаассифона, аз соли 1992 сар карда, муддате театрҳои касбии вилояти Хатлон бо душвориҳо рӯ ба рӯ гашта, фаъолияташон коста мегардад. Норасоии актёрон, набудани коргардонҳо, нокифоя будани маблағ, хароб гаштани базаи моддӣ – техникӣ боиси заиф гаштани фаъолияти ин муассисаҳо гардида буд.

Ба ҳамаи ин мушкилиҳо нигоҳ накарда, дар ҷамъбасти даҳсолаи аввали истиқлолият батадриҷ мақсад, вазифа ва самтҳои асосии фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон муайян гардиданд.

### 1.3. Саҳми Ҳукумати Ҷумҳурӣ ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон дар барқарорсозӣ ва ташаккулёбии театрҳои касбӣ

Дар партави сиёсати фарҳангии Ҳукумати кишвар ва зери роҳбарии хирадмандонаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон новобаста аз мушкилоти иқтисодӣ фаъолияти соҳаи фарҳанг беҳтар гардида, маънавиёти ҷомеа бештар густариш меёбад.

Баргузории ҷашнвораҳо, чорабиниҳои фарҳангию таърихӣ ва фестивал-озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ аз рукнҳои сиёсати давлатии фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, муттасил баргузории ин барномаҳо эътибори Тоҷикистонро меафзояд. Театрҳои касбии кишвар, тавассути сиёсати давлатӣ фаъолияти беҳтар намуда, аз ҷумла тармиму азнавсозӣ ва бунёди биноҳои замонавӣ, рӯи саҳна омадани чеҳраҳои нави ҳунарӣ ва иштирокдори фестивал - озмунҳои минтақавию ҷумҳуриявӣ шуданд.

Пайдост, ки дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ бар асари буҳрони иқтисодӣ ва оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ сатҳи иҷтимоии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон паст гардид.

Хушбахтона, бо дастгириву ғамхориҳои пайвастаи ҳукумати кишвар ин мушкилот давра ба давра ҳалли худро пайдо кард, ки аз он пеш аз ҳама низоми муназзами воридоти буҷети давлатӣ гӯвоҳӣ медиҳад. Агар дар соли 1991 барои пешрафти соҳаи фарҳанг 77.9 млн рубл (воҳиди пули Шуравӣ) ҷудо шуда буд, ки 1,6% аз буҷаи умумии давлатиро ташкил медод, пас соли 1996 1,1млн рубл (воҳиди пули тоҷикӣ) - 1,5% ва соли 2000 6,3 млн рубл, ки 2,4% аз буҷаи умумии давлатро ташкил медод, ҷудо гардид. Соли 2010 бошад ба соҳаи фарҳанг

214 млн сомонӣ ҷудо гардид, ки ин 60% нисбати соли 2009 зиёд аст.[1]

Соли 2016 ҳаҷми он 825,3 миллион сомониро ташкил намуд. Маблағгузорӣ ба соҳаи фарҳанг ва варзиш дар даврони соҳибистиқлолӣ 504 маротиба афзуда, музди меҳнати кормандон 16 маротиба зиёд гардид. Яъне сол то сол таваҷҷуҳи давлату ҳукумат ба соҳаи фарҳанг, аз ҷумла театрҳо зиёд шудааст. Самти давлатӣ дар соҳаи театр ва фаъолияти театрӣ қисми таркибии сиёсати фарҳангии давлат буда, ба эътирофи нақши нодири театр чун унсури ҷудонашавандаи фарҳанг, воситаи нигоҳдории худогоҳии миллӣ, аз муассисаҳои иҷтимоие, ки барои инкишофи ҷомеа аҳаммияти калон дорад, асос меёбад.

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди фаъолияти театрҳои касбӣ дар мамлакат заминаҳои мусоидро фароҳам овард. Дар шароити имрӯза иқтисодиёти кишвар муттасил дар пешрафт буда, маблағгузории муассисаҳои фарҳангӣ аз буҷаи давлат сол то сол дар афзоиш аст. Зимнан бояд қайд кард, ки ғамхории пайвастаи давлату ҳукумат, бахусус Президенти кишвар баҳри беҳдошти фаъолияти соҳаи фарҳанг бахусус театрҳои касбӣ назаррас аст. Мисоли ин гуфтаҳо Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 – уми майи соли 2002 таҳти № РП-767 маҳсуб меёбад, ки тибқи он барои ба анҷом расонидани корҳо оид ба таҷлил ва ободонии театр дар ноҳияи Данғара маблағи 400 000 сомонӣ ба таври илова ба Вазорати фарҳанг ҷудо карда шуд.[2]

Бояд тазаккур дод, ки соли 2000 бо қарори Созмони Милали Муттаҳид «Соли байналмилалии фарҳанги сулҳ» эълон гардида буд. Дар доираи ин иқдом, бо пешниҳод ва роҳбарии Ҳунарпешаи мардумии Ҷумҳурии Тоҷикистон Саодат Азизова ва ибтикори гурӯҳе аз ҳунармандон, бо ҳамкориву мусоидати раиси ноҳияи Данғара Шералӣ Гулов миёни муассисаҳои ноҳия фестивали «Кабӯтари сулҳ» баргузор

---

[1] История таджикского народа Т.6 // под общей ред. Масова Р. – Душанбе, 2011. - С. 577.

[2] БҶ ВФҶТ // Дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги ҶТ дар нимсолаи аввали соли 2002-ум ва пешниҳоду вазифаҳо роҷеъ ба самтҳои минбаъдаи кор. - В. 3.

гардид. Пас аз анҷоми фестивал ва кашфи истеъдодҳову нерӯҳои ҳунарии ҷавонони ноҳия, баргузоркунандагони фестивал пешниҳод намуданд, то дар заминаи Хонаи фарҳанги ноҳияи Данғара театри касбии мусиқӣ ва драма бунёд гардад.[1]

Пешниҳоди мазкур дар таври расмӣ ба Ҳукумат ва Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардид ва пас аз баррасии он Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 сентябри соли 2003 таҳти № 478 «Дар бораи таъсиси Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ - драмавӣ» дар маркази ноҳияи Данғараи вилояти Хатлон ба тасвиб расид.

Нуралӣ Исматов (1962 - 2021), ки корманди Хонаи фарҳанги ноҳия буд, ба вазифаи директории театри навтаъсис таъин мешавад. Дар ибтидои фаъолияти театр масъалаи муҳим, ки бо мушкилоти фаровон ҳамроҳ буд ин ба театр таъмину ҷалб намудани кадрҳои муносибу соҳибтахассус аст. Ба ин мақсад, дар марҳалаи нахуст тавассути радио ва рӯзномаи маҳаллӣ озмун эълон гардид. Дар озмун 10 нафар ширкат намуда, 2 нафар аз онҳо барои кор дар театр пазируфта шуданд. Ҳайати эҷодии театр дар солҳои аввали фаъолияти худ қадамҳои устувор ниҳода, сарфи назар аз душвориҳо ва мушкилоти моддиву иқтисодӣ норасоии мутахассис ва маблағгузорӣ, репертуар ба комёбиҳо ноил шуд. Дар марҳалаи аввал (2003 - 2007) шумораи кормандони эҷодии коллективи театр 41 нафарро ташкил медод. Соли 2003 бо мақсади омӯзишу тарбияи ҳунармандон ва таъмини театри навтаъсис бо мутахассис, бо мусоидати раиси ноҳия Шералӣ Гулов аз миёни ҷавонони соҳиблаёқати ноҳия 40 нафар довталаб дар шуъбаҳои гуногуни Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода ба таҳсил фаро гирифта шуд. Аз гурӯҳи мазкур 23 нафар ба шуъбаи актёрии донишкада дохил шуданд ва роҳбарии ин курсро дар тамоми муддати таҳсил (2003 - 2007) Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Саодат Азизова ба ӯҳда дошт. Ба гуфтаи ӯ: «Аксарияти донишҷӯёни ин

[1] Кабутов, З., Махсумов, М. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ – драмавии ноҳияи Данғара. – Душанбе, 2013. - С. 10.

курс шавқ ва муҳаббати фаровоне ба ҳунари актёрӣ доштанд, бо тадриҷ аз моҳияти ин ҳунар пай мебурданд ва дар муддати омӯзиш кӯшишҳои онҳо шоистаи таваҷҷуҳ буд»[1]. Ба ҳамин тариқ, нахустин қадами муҳим дар амри роҳандозӣ ва фаъол намудани Муассисаи давлатии «Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ ва драмаи ноҳияи Данғара» бардошта шуд.[2]

Фаъолияти эҷодии театр аз соли 2004 оғоз гардид. Бо вуҷуди ниёзи шадид ба мутахассисон ва такмили гурӯҳи корӣ, ҳайати эҷодии театр нахустин спектакли драмавии «То қиёмат»-ро аз рӯи намоишномаи драмнависи тоҷик - Сафармуҳаммад Аюбӣ ба саҳна гузоштанд. Намоишномаи мазкур дар навъи театри як актёр офарида шуд ва нақши қаҳрамони онро ҳунарманди театр Маҳмадсаид Махсумов иҷро намуд.[3]

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ» 2 декабри соли 2002, таҳти № 80 қабул гардид,[4] ки он асосҳои эҳё ва инкишофи навъҳои гуногуни театрҳоро ба низоми муайян медарорад. Қонуни мазкур муносибатҳоеро, ки дар ҷараёни офаридан ва ба тарзи мустақим пешниҳод намудани намоишномаҳои театрӣ ба миён меоянд, ба танзим даровардa, асосҳои ҳуқуқии фаъолияти театрӣ, ҳамчунин шаклҳои дастгирии давлатии онро муайян мекунад.

Дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3-июли соли 2002 № 282 «Дар бораи баргузории ҷашни 2700-солагии шаҳри Кӯлоб» дар Театри мазҳакаи мусиқии ба номи Сайдалӣ Вализода корҳои сохтмонию азнавсозӣ сурат гирифт. Таъмиру азнавсозии бинои театри мазкур ба яке аз иншоотҳои ҷашнии 2700 - солагии Кӯлоб дохил гардида, ҳамон сол барои таъмиру азнавсозии бинои театр аз тарафи Вазорати фарҳанг 20 500

[1] Аз суҳбати Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Саодат Азизова, 10.02.2021.
[2] Кабутов, З., Махсумов, М. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ – драмавии ноҳияи Данғара. – Душанбе, 2013. - С. 15-16.
[3] Ҳамон ҷо. - С. 18.
[4] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ аз 2 декабри соли 2002, таҳти № 80 // Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: - http:// base.mmk.tj/ view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=92.

сомонӣ ва аз тарафи Вазорати молияи ҷумҳурӣ 35 000 сомонӣ маблағ ҷудо гардид.[1]

Бояд тазаккур дод, ки дар соли 2002 бо кумаку дастгирии раиси Маҷлиси миллии Тоҷикистон Маҳмадсаид Убайдуллоев 22 000 сомонӣ ва дар асоси супориши раиси вилоят Амиршо Миралиев 68 000 сомонӣ маблағ ба Театри мазҳакаи мусиқии ба номи Сайдалӣ Вализода ҷудо карда шуд. Аз ин маблағ 25 000 сомонӣ барои харидории микроавтобуси «Газел», 10 000 сомонӣ сару либос, 50 000 сомонӣ таъмири театр, 5000 сомонӣ омодагӣ ба озмуни «Парасту-2003» сарф шуданд. Ҳамчунин дар ин сол бо кумаку дастгирии раиси вилоят А. Миралиев аз буҷаи вилоят барои таъмири капиталии Театри ба номи А. Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа 80 000 сомонӣ ҷудо карда шуд.[2]

Илова бар ин, бо дастгирии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, саҳми бевоситаи Президенти Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар арафаи таҷлили 2700-солагии шаҳри Кӯлоб бинои театри Кӯлоб пурра таъмир гардида, барои кори эҷодии кормандони он шароити мусоид фароҳам оварда шуд

Дар иртибот ба ин, Сарвари давлату ҳукумат дар паёмашон ба Маҷлиси Олӣ 25 апрели соли 2004 қайд намуда буданд: «Дар се соли охир аз ҳисоби маблағҳои давлатӣ барои азнавсозии театрҳои мавҷудаи мамлакат беш аз 7 миллион сомонӣ ҷудо карда шуд».[3]

Театри Вализодаи шаҳри Кӯлоб новобаста аз мушкилиҳои солҳои пешин дар оғози асри XXI фаъолияти худро дар ҷодаи ҳунар бо қадамҳои устувор оғоз намуда, ҳам аз ҷиҳати сатҳи касбӣ ва ҳам аз ҷиҳати репертуари бойю рангини худ дар қатори театрҳои касбии бонуфузи ҷумҳурӣ шомил гардид. Бинобар сабаби дар таъмир қарор доштани бинои театр, якчанд сол ҳунармандони театр макони машқи худро дар

---

[1] БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти идораи фарҳанги вилояти Хатлон ва муассисаҳои фарҳангии он дар соли 2002. - В. 2.

[2] БҶ РФВХ//Ҳисоботи Идораи фарҳанги вилояти Хатлон ва муассисаҳои тобеъи он дар соли 2003. - В. 3.

[3] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ – 25.04.2008. [Манбаи электронӣ]. :http://mmk.tj/ru/president/letter. (Санаи истифодабарӣ: 10.02.2021).

Қасри фарҳанг ва муддате дар боғи фарҳангу истироҳати шаҳри Кӯлоб муҳайё намуда, ҳамзамон ба омодасозии барномаҳои консертӣ рӯ меоранд. Сафарҳои эҷодӣ пайваста ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ боиси нигаҳ доштани эътибори театр миёни мухлисони сершумори худ мегардад.

Соли 2006 бо дастгирию кӯмаки раиси вилояти Хатлон Амиршо Миралиев, раиси шаҳри Қӯрғонтеппа М. Насруллоев рӯзи 29 ноябр 60-солагии таъсисёбии Театри мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа ҷашн гирифта шуд. Дар чорабинӣ меҳмонон аз дуру наздик иштирок карда ҳайати эҷодии театрро табрик намуданд. Дар ин рӯз ба собиқадорони меҳнат ва ҳунармандони театр бо нишонҳои сарисинагии «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон», Ифтихорномаҳои Вазорати фарҳанг, мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят ва тӯҳфаҳои хотиравӣ сафароз шуданд.[1]

Дар асоси супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон оид ба таъмини Театри мусиқӣ - мазҳакавии ба номи Сайдалӣ Ализодаи шаҳри Кӯлоб бо воситаҳои декоративӣ, асбобҳои мусиқӣ, таҷҳизотҳои саҳнавӣ ва мебели идоравӣ аз ҷониби мутахассисони Вазорати фарҳанг харҷнома ба маблағи умумии 390198 сомонӣ таҳия гардида, таҳти № 1-07/2965, дар таърихи 1.11.2007 ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ирсол гардида буд. Баъди тасдиқ шудани харҷнома аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ҷудо намудани маблағ, таҷҳизотҳои дар боло зикр гардида ба театри мазкур ирсол гардиданд. Таъмин намудани театр бо таҷҳизотҳои зарурӣ, барои беҳдошти фаъолияти театри мазкур мусоидат намуд.[2]

Зимнан бояд қайд кард, ки соли 2008 барои ҳунармандони Театри мусиқӣ - мазҳакавии ба номи Сайдалӣ Ализодаи шаҳри Кӯлоб соли барору комёбиҳо буд. Дар ин сол ҳунармандони ин даргоҳи ҳунар 70

---
[1] БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2006. - В. 5-6.
[2] БҶ ВФ ҶТ // Гузориши Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2007. № 1-03/3051. – В. 4-5.

солагии таъсисёбии театри мазкурро бо як шукуҳу шаҳомати зиёд ҷашн гирифтанд. Дар чорабинӣ меҳмонон аз дуру наздик омада аҳли ҳунару эҷоди театрро бо беҳтарин таманниётҳо табрик гуфтанд. Баъди сухани табрикотии раиси вилоят ва вазири фарҳанг як қатор кормандони театр бо нишонҳои сарисинагии «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон», ифтихорномаву тӯҳфаҳои хотиравии мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилоят сафароз шуданд. Баъдан ҳунармандони театр бо намоиш додани порчаҳо аз намоишномаҳои «Супориши ЧК»-и А. Сидқӣ, «Фишор»-и С. Аюбӣ, «Найрангҳои Скапен»-и Ж.Б. Молер ва «Шуллук ва занҳои террорист»-и Ш. Солеҳов ва барномаи консертӣ бо иштироки овозхонони писандида ба тантанаи ҷашн ҳусну таровати тозае зам намуданд.[1]

Дар соли 2009 Театри мусиқӣ - мазҳакавии ба номи Сайдалӣ Вализодаи шаҳри Кӯлоб зимни таҳияи нақшаи корӣ дар ҳамбастагӣ бо шӯъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳри Кӯлоб намоишномаи «Шумқадам»-и Ш. Солеҳовро, ки коргардон онро бо дарки амиқ таҳия намуда, аз рӯзгори ҷавононе, ки маҷбуран онҳоро ба шавҳар додаву гирифтори озору азият мегардонанд, қисса мекунад, рӯи саҳна оварданд. Ин намоишнома дар муассисаҳои шаҳру деҳот аз рӯи имконияҳои пешниҳод кардашуда, аз 27-уми апрел то 8-уми августи соли ҷорӣ 15 - намоиш ва дар ДДК 5-намоиш, ФДТТК 1-намоиш, дар ҷамоатҳои шаҳр ва ноҳияи Кӯлоб - 10 намоиш, ҷамъ 31 - намоиш гузаронида шуда, ба 4114 - нафар тамошобин хизмат намудаанд.[2]

Бо мақсади ташвиқу тарғиб намудани санъати миллӣ, ҷалб намудани ҷавонон ва тайёр намудани замина бароиояндаи театр, таҳти сарпарастии маъмурияти театр ва дархости падару модарон ва ҳамкорӣ бо шуъбаи маорифи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр аз ҳисоби

---

[1] Сафарзода, Н. Театри Вализода 70 - сола шуд // Хатлон. – 2008. - №45 (2683). - 10 ноябр.
[2] БҶ БРФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб дар соли 2009. – В. 2.

хонандагони муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ ва мактаби мусиқии бачагонаи №2 аз 1-майи соли 2009 гурӯҳи «Наврас»-и назди театр ташкил карда шуд, ки дар он 10-нафар наврас ба таълими санъати актёрӣ, мусиқӣ ва сурӯд фаро гирифта шуданд. Бахшида ба рӯзи байналхалқии кӯдакон бо иштироки гурӯҳи «Наврас»-и назди театр, дар истироҳатгоҳи назди муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳр аз 2-юм то 10-уми июни соли 2009 барномаи хуби ҳунарӣ гузаронида шуд. Инчунин дар интернати ҷумҳуриявӣ ва интернати ноқисулақлони шаҳр ва деҳот низ чунин барнома ба таври ройгон намоиш дода шуд. Аз 5 - июн то 10 августи соли 2009 ба саҳна гузоштани намоишномаи «Асҳоби қиёс»-и Ғ. Ашӯров дар таҳияи коргардон Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон Давлат Убайдуллоев ва композитсияи адабӣ - мусиқӣ бо номи «Чароғи уммат» дар таҳияи саркоргардони театр Р. Одинаев ба ҷашнҳои 18-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 1310-солагии бузургдошти Имоми Аъзам Абӯҳанифа Нӯъмон ибни Собит (699-767) ба нақша гирифта шуда, дар таърихи 11 -август ба Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва 18-август ба Вазорати фарҳанг барои қабул пешниҳод карда шуд. Намоишномаҳо аз тарафи Вазорати фарҳанг ва Раёсати фарҳанги вилоят ва тамошобинон хуш пазируфта шуданд.[1]

Соли 2010 аз тарафи ҳукумати иҷроияи вилояти Хатлон ба Театри мусиқӣ - мазҳакавии ба номи Сайдалӣ Ваҳизода 295021 сомонӣ ҷудо гардида буд, ки назар ба соли 2009 (288766 сомонӣ) 6255 сомонӣ зиёд мебошад. Дар ин давра ҳунармандони театри мазкур 107 намоишнома таҳия намуда, пешкаши мардум гардониданд, ки дар онҳо 58618 нафар тамошобин иштирок намуданд.[2]

Бояд қайд кард, ки дар соли 2011 бо пешниҳоди роҳбарияти театри Қӯрғонтеппа ва дастгириҳои бевоситаи раиси вилоят дар назди театр, студияи маҳорати актёрӣ кушода шуда, дар он 14 нафар ҷавонону

---

[1] Ҳамон ҷо. – В. 3.
[2] БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба натиҷаҳои ҷамбасти фаъолияти Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои он дар соли 2010 ва вазифаҳои минбаъдаи кормандони соҳа. - В. 4.

наврасони лаёқатманд аз устодони ботаҷриба маҳорати актёриро меомӯхтанд.[1]

Ҳайати эҷодии театр дар маҷмуъ 144 намоишномаи пулакӣ, 23 ройгон ҷамъ ба 76 000 тамошобин хизмати маънавӣ расонида, 47 000 сомонӣ ба хазинаи театр ворид намуданд, ки ин нисбат солҳои пешин хеле зиёд буд.[2] Пайдост, ки дар ин солҳо Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон баҳри инкишофу рушди санъати театрӣ имкониятҳои васеъро фароҳам овардааст. Ин буд, ки фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон дар соли 2012 боз ҳам беҳтар гардида, асарҳои тоза рӯи саҳна оварда шуданд, ки бо ин намоишномаҳо ва барномаҳои консертӣ аҳли эҷоди театр сафарҳои ҳунарӣ анҷом дода, бо ҳунари хеш дар тарбияи маънавии сокинони кишвар саҳм гузоштанд.

Бо мақсади иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 декабри соли 2012 № 675 «Дар бораи Барномаи рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2019», аз ҳисоби сметаи хароҷотии барномаи мазкур соли 2014 300 000 сомонӣ барои таъмири бинои театри Данғара пешбинӣ гардида,[3] маблағи муайяншуда пурра ба таъмиру корҳои сохтмонии театр сарф гардид.[4]

Қабули Барномаи мазкур баҳри рушди театр ва муҳайё сохтани фазои мусоиди меъёрӣ - ҳуқуқӣ, ҳаллу фасли маҷмуи мушкилоти мавҷудаи соҳа ва фаъолияти пурсамари муассисаҳои театрии кишвар заминаи мусоид фароҳам овард.

---

[1] Ҳангомаи Исмат. Комёбӣ ҳам ҳаст камбудӣ ҳам… // Хатлон. – 2012. - №22 (2864). - 31 май.
[2] БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба натиҷаҳои ҷамбасти фаъолияти Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои он дар шаш моҳи соли 2011 ва вазифаҳои минбаъдаи кормандони соҳа. - В. 3.
[3] БҶ ВФҶТ // Фармоиши Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.07.2014.
[4] БҶ ВФҶТ // Ҳисоботи театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара дар шаш моҳи соли 2015. - В. 2.

Барномаи рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2019[1] дар асоси талаботи Қонуни ҶТ «Дар бораи фарҳанг», Қонуни ҶТ «Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ, Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа таҳия гардидааст. Мақсади Барномаи мазкур таъмин намудани рушди босуръати санъати театрии анъанавии Тоҷикистон, ҳифз ва рушди анъанаҳои театри репертуарии тоҷик, офаридани намоишномаҳо аз рӯи намунаҳои асарҳои классикии ватанӣ ва хориҷӣ, драматургияи муосир, спектаклҳои нав барои кӯдакон ва наврасон равона гардида, рушд ва муҳофизати анъанаҳои беҳтарини санъати театрии тоҷик ҳамчун сарвати миллӣ, васеъ кардани аудиторияи тамошобинон, баланд бардоштани нақши санъати театрӣ дар ҳаёти фарҳангии кишвар, баланд бардоштани мақоми театри тоҷик дар хориҷи кишвар мебошад.

Бояд гуфт, ки театрҳои касбии вилояти Хатлон талаботи фарҳангии аҳолиро қонеъ гардонида, баҳри рушди маънавиёт ва фарҳанги ҳар як шахс ва ҷомеа дар маҷмуъ хизмат мерасонанд ва муаррифгари санъати миллии тоҷик мебошанд.

Репертуари театрҳои мазкур баҳри баланд бардоштани завқи эстетикии мардум, инъикоси ҳаёти воқеии тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ равона гардида буданд.

Дар шаш моҳи соли 2015 ҳунармандони Театри мусиқӣ – мазҳакавии ба номи Сайдалӣ Ализодаи шаҳри Кӯлоб 62 - намоишнома таҳия намуда, (аз ҷумла 17 намоишнома ройгон) манзури тамошобинон гардониданд. Дар ин намоишномаҳо бештар аз 8000 тамошобинон иштирок намуданд, ки даромади пулии он 25050-сомониро ташкид дод.[2]

Дар соли 2016 ҳунармандони театр 250 - намоишнома гузаронида, (аз ҷумла 106 намоишнома ройгон) ба хазинаи муҳосиботи театр 42 000

---

[1] Барномаи рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2019 аз 3 декабри соли 2012, таҳти № 675 // -- Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Тоҷикистон - http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=445.
[2] БҶ БФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти муассисаҳои фарҳанги минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар шаш моҳаи аввали соли 2015. – В. 3.

сомонӣ маблағ ворид карданд.[1]

Ҳайати эҷодӣ Театри ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара дар соли 2016 ба шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои Фархор, Ёвон ва Рӯдакӣ, сафарҳои ҳунарӣ анҷом дода, дар натиҷа 25 000 сомонӣ ба хазинаи театр ворид карданд.[2]

Истиқлолият барои театр на танҳо имконоти нави эҷодиро фароҳам овард, балки имтиҳони ҷиддие низ дар роҳи нигоҳ доштани ин санъати воло ва боло бурдани сатҳи малакаву маҳорати касбӣ низ гашт.

Дар партави нишондодҳои Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои такмил ва инкишофи санъати театрии тоҷик корҳои зеринро анҷом додан зарур аст:

- аз тарафи давлат дастгирӣ намудани фазои ягонаи театрӣ;

- тарғиби мақсаднок, гуногунранг ва инкишофи кулли навъҳои санъат ва комёбиҳои эҷодии театрҳо;

- ҳифзи иҷтимоии ходимони театр, кӯмак ба такомули эҷодӣ ва тахассусии кормандони соҳа;

- ҳавасмандкунии пешниҳодот дар соҳаи театр, барои кӯдакон ва наврасон;

- мунтазам баргузор намудани фестивалҳои театрӣ, азназаргузаронӣ, озмунҳо баҳри қонеъ гардонидани ниёзҳои фарҳангии табақоти мухталифи иҷтимоӣ - демографии аҳолӣ;

- ҷамъбаст ва паҳннамоии таҷрибаи ҳавасмандкунӣ дар рушди ташаббусҳо дар соҳаи театр;

- таъмин намудани гурӯҳҳои эҷодӣ бо дархостҳо, нашри песаҳо, партитураҳо, либретто ва дигар маводи чопӣ;

- ба роҳ мондани фаъолияти таъминоти методӣ ва мунтазам баргузор намудани семенарҳо оид ба маркетинг барои театрҳо;

- таҳия, нашри маводи методӣ ва густариши таҷрибаи шаклҳои нави кор бо тамошобинон ва фурӯши билетҳо, системаҳои абонентии

[1] БҶ БФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти муассисаҳои фарҳанги минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон 2016.- В. 2.

[2] Натиҷаҳои фаъолияти Вазорати фарҳанг дар соли 2016 ва самту вазифаҳои афзалиятноки рушди соҳаи фарҳангу санъат ва табъу нашр дар соли 2017. - С. 25.

силсиладор в. ғ;

- баргузор намудани сабқатҳо бо мақсади гирдоварии маблағ барои дастгирии рушди театр (лотореяҳо, силсилаи консертҳои хайрия ё идҳои мардумӣ, фурӯши нишонаҳои рамзӣ ва ғайра);

- ташкили фестивалҳои байналмилалии театрҳо ҳамчун яке аз воситаҳои рушди равобити фарҳангӣ ва ҳамкорӣ бо анҷуманҳои театрии ҷаҳон;

- ҳидоят намудан ба фаъолияти метсенатҳо ва сармоягузорони санъати саҳнавӣ;

- таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба истифодаи ҳама гуна имтиёзҳои иқтисодӣ барои сармоягузорон (муҳайё сохтани шароити фаъолияти афзалиятнок барои соҳибкорон, қарз, дархост, ба иҷора супоридан, сертификат гирифтан ва ғайра);

- бунёди театрҳои бачагона, наврасон, лӯхтак, дар марказҳои вилоят ва шаҳрҳои калон.

Дар соли 2014 аз ҳисоби маблағҳои ҷудогардидаи буҷети маҳаллӣ дар ҳаҷми 34 965 сомонӣ қисмати толори рақсӣ, намои берунии бинои Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С. Ализодаи шаҳри Кӯлоб таъмир гардида, барои пешрафти кори гурӯҳи консертӣ таҷҳизоти барқӣ харидорӣ шуд ва барои боз ҳам беҳтар шудани сифати хизматрасонӣ ба мардум мусоидат кард.[1]

Илова бар ин, маъмурияти театр оиди иҷрои бандҳои нақша-чорабинии «Барномаи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008 - 2015» аз ҳисоби сметаҳои хароҷотии буҷети маҳаллӣ корҳои зеринро ба анҷом расониданд. Харидори намудани таҷҳизоти тақвияти овоз ба маблағи 28 000 сомонӣ, созҳои мусиқӣ - барқӣ, ториву зарбӣ ба маблағи 22 800 сомонӣ, дастгоҳи компютерӣ-видеоии рақамӣ, 3 адад компютер, 4 адад дастгоҳи чопию-нусхабардорӣ ба маблағи 8000 сомонӣ, инчунин сохтани айвон барои гузоштани нақлиёти хизматӣ ба

[1] БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти Муассисаи давлатии «Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С.Ализодаи шаҳри Кӯлоб» дар соли 2014.-В. 3.

мағлағи 4900 сомонӣ ва пардохти боҷи гумрукӣ барои автобуси хизматии тамғаи (Хуаниа) - 36 000 сомонӣ анҷом дода шуд.[1]

Театрҳои вилояти Хатлон дар соли 2015 фаъолияти худро баҳри иҷрои амру фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дастуру нишондодҳои раиси вилояти Хатлон равона гардида, доир ба ташкили чорабиниҳои ҷашнӣ, истиқболи 24-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон, 700 - солагии Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, 21-солагии Сарқонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ваҳдати Миллӣ ва дигар ҷашнҳои тақвимӣ шиору овезаҳо ва намоишномаҳо омода намуда, баҳри ободии театр ва баланд бардоштани маънавиёти мардум корҳои зиёдеро ба сомон расониданд.

Дар остонаи ҷашни 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтани бинои нави Театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа, тӯҳфаи арзандае барои аҳли ҳунар гардид. Бинои нави хуштарҳу замонавии театри мазкур тибқи меъёрҳои байналмилалӣ барои 700 нафар тамошобин пешбинӣ гардида, аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ бо харҷи 26 миллион сомонӣ бунёд шудааст[2]. Дар баробари ин, аз ҷониби Президенти кишвар зиёда аз 12 номгӯи созҳои мусиқии миллӣ, бо теъдоди 17 адад ва инчунин як роял ва як пианино ба театр тақдим гардид.

Дар соли 2017 доир ба иҷрои «Барномаи давлатии рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013- 2019» аз ҳисоби сметаҳои хароҷотии буҷети маҳаллӣ қисмати бинои театри ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб таъмири ҷорӣ карда шуда утоқҳои корӣ бо мизу

---

[1] БҶ БРФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С.Вализодаи шаҳри Кӯлоб дар соли 2014. - В. 4-6.

[2] Ҳисоботи ВФҶТ оид ба натиҷаҳои фаъолият дар соли 2016 ва самту вазифаҳои афзалиятноки рушди соҳаи фарҳангу санъат ва табъу нашр дар соли 2017. - С. 17-18.

курсӣ ҷиҳозонида шуданд ва 22 - адад либосҳои саҳнавӣ барои ҳунармандон ба маблағи 83 000 сомонӣ харидорӣ шуд.[1]

Соли 2018 дар вилояти Хатлон акнун 4 театри касбӣ амал мекард. Ҳукумати кишвар ҳамеша ба фарҳанг ҳамчун соҳаи афзалиятноки ҳаёти иҷтимоӣ таваҷҷуҳи хосаю доимӣ зоҳир намуда, барои беҳдошти вазъи иҷтимоии аҳли ҳунар тадбирҳои зарурӣ меандешад. Падидаи фараҳбахши аҳли театрии кишвар бахусус вилояти Хатлон дар оғози соли ҷорӣ дар таъсис ёфтани Театри вилоятии лӯхтаки «Афсона» дар шаҳри Бохтари вилояти Хатлон буд. Бо Қарори раиси вилояти Хатлон аз 27 декабри соли 2017 таҳти №252, Муассисаи давлатии театри вилоятии лӯхтаки «Афсона»-и шаҳри Бохтар таъсис меёбад, ки ин баҳри болидарӯҳии тамошобинони навраси вилоят як икдоми созандаест.

Ҳайати эҷодии Театри мусиқӣ - мазҳакавии ба номи А. Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар соли 2018 135 намоиш гузошта ба 32 000 тамошобин хизмати маънавӣ расонида, нақшаи даромади театр дар ин мавсим 110 665 сомониро ташкил медиҳад.[2]

Шоёни зикр аст, ки соли 2018 Театри мазҳакаи мусиқии шаҳри Кӯлоб 80-солагии таъсисёбии худро ҷашн гирифт ва 120 намоиш ба 36 000 тамошобинон хизмат расонида, ба маблағи 40 600 сомонӣ даромад ба хазинаи театр ворид мешавад. Ҳамчунин дар ин давра ҳам оид ба иҷрои Барномаи вабаста ба рушди театр қисмати берунаи театр аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ ба маблаги 95 600 сомонӣ аз таъмир баровconfigurarda шуд.[3]

Мутобиқи қарори Раиси шаҳри Кӯлоб аз 21.01.2020 таҳти № 28 дар бораи ҷалб намудани аҳолӣ ба тамошои намоишномаҳои театрӣ дар шаҳри Кӯлоб, соли 2020-ро соли театр эълон намуданд. Бо ин мақсад ҳунармандони театр тасмим гирифтанд, ки намоишномаи мукаммали

---

[1] БҶ РФВХ // Маълумот оиди фаъолияти Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии шаҳри Кӯлоб ба номи С. Вализода дар соли 2017. - В. 2.

[2] Ҳисобот оиди фаъолияти Вазорати фарҳанг дар нӯҳ моҳи соли 2018 ва вазифаҳои он то охири сол. https://www.vfarhang.tj/index.php/tj/khabar-o/1800. - В. 3.

[3] БҶ БРФМКВХ //Ҳисобот оиди фаъолияти муассисаҳои фарҳанги минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон 2018. - В. 6.

тарбиявӣ ва барномаҳои хуби консертиро таҳия ва пешкаши дӯстдорони санъати театрӣ гардонанд.[1]

Бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон соли 2019 аз тарафи Мақомоти иҷрояи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва дастгирии раиси вилояти Хатлон, бо маблағи 1 240 143 сомонӣ пешгоҳи бинои театр чун пешайвон бо сутунҳои мустаҳками меъморидошта оро дода мешавад.[2]

Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ва анҷом додани сафарҳои ҳунарии ҳунармандон, соли 2020 маъмурияти Театри ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара аз ҳисоби маблағҳои даромади молиявии театр, ба маблағи 27 000 сомонӣ микроавтобуси тамғаи «Хундай-Старекс»-ро харидорӣ менамояд.[3]

Лозим ба ёдоварист, ки бинобар сар задани беморим Covid-19 дар ҷаҳон ва андешидани чораҳои пешгирӣ аз ин вабои асри муосир, тибқи дастур баргузории намоишҳои оммавӣ, аз ҷумла намоишҳои театрӣ бо иштироки тамошобинон маҳдуд карда шуда фаъолияти театрҳо суст гардида, нақшаи пешбинишудаи муассисаҳои мазкур иҷро нагардид.

Бо вуҷуди ин, театрҳои касбии вилояти Хатлон бо дарки амиқи заҳматҳои кормандони соҳаи тиб ва дастгирии аҳолӣ ниқобҳои чандкаратаи тиббӣ ва маводҳои антисептикӣ, айнакҳои тиббӣ харидорӣ намуда, ба маҳаллаҳо ва шаҳрҳои Бохтару Кӯлоб кӯмакҳо расониданд.

Зимни ин, дар даҳсолаи сеюми соҳибистиқлолӣ саҳми Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон, дар фаъолияти эҷодӣ ва рушди театрҳои касбии вилоят, назар ба солҳои пешин назаррас аст.

Таҳлилҳо собит сохтанд, ки тӯли солҳои 2011 - 2021 аз ҳисоби буҷет

---

[1] БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С.Вализодаи шаҳри Кӯлоб дар соли 2020. - В. 7.

[2] БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди кору фаъолияти «Театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонов»-и шаҳри Бохтар дар соли 2019.-В. 11.

[3] Аз суҳбати ҷонишини директори Театри ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара Махсумов Маҳмасаид, 10.12.2021.

барои фаъолияти эҷодӣ ва рушди театрҳои касбии вилоят 41,203 407 сомонӣ, аз ҷумла ба Театри ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара 17,084 971 сомонӣ, Театри вилоятии мусиқӣ - мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар 12,343 200 сомонӣ, Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи Сайдалӣ Вализодаи шаҳри Кӯлоб 11,260 413 сомонӣ ва Театри вилоятии лӯхтаки «Афсона»-и шаҳри Бохтар 946 623 сомонӣ[1] бо назардошти пардохтҳои иҷтимоӣ ҷудо гардиданд. (Замимаи 11).

Қобили қайд аст, ки театрҳои касбии вилояти Хатлон тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ, ниёзҳои маънавии аҳолиро таъмин намуда, фазои фарҳангии кишварро пурра ва ҳунари миллии моро хориҷ аз кишвар низ мебояд муаррифӣ намоянд. Дар даҳсолаи сеюми соҳибистиқлолӣ театрҳо зиёда аз сад намоишномаҳои драмавӣ аз рӯи асарҳои драматургони ватанию хориҷӣ, барномаҳои консертӣ ва композитсияҳои адабӣ-мусиқӣ таҳия ба намоиш гузоштанд. (Замимаи 12).

Новобаста аз ин, таҳлилҳо нишон дод, ки дар давраҳои мавриди таҳқиқ дар фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон норасоиҳо ба назар мерасанд, ки ин пеш аз ҳама, ба мушкилоти молиявӣ ниёз доштани онҳост. Базаи моддию техникии ин муассисаҳо куҳна гардида асбобҳои истифодашаванда фарсӯдаю корхӯрда гардидаанд. Таҷҳизоти техникӣ ва технологияҳои навин дар театрҳо бо сабаби нархи гарон доштанашон камтар ҷорӣ карда шудааст.

Вобаста ба маҳдуд будани имконоти буҷетӣ ва дигар монеаҳо, аз ҷумла набудани сарпарастон, ҳамчунин худи театрҳо ҳам имкони харидорӣ намудани онҳоро надоранд. Барои таҳияи асарҳои нав ба нав маблағҳои ҷудошаванда камӣ мекунанд. Ҳамзамон ҷиҳозҳои саҳнавӣ (декоратсияҳо), либосу реквизитҳои солҳои пешин тайёркарда шуда вобаста ба пайи ҳам солҳои тӯлонӣ истифодашуданашон фарсуда гардидаанд.

---
[1] БҶ РФВХ // Маълумоти молиявии театрҳои касбии вилояти Хатлон дар соли 2021. - В.1-2.

Яке аз мушкилотҳои дигари театрҳо ин бо манзили муваққатӣ ва доимӣ таъмин намудани қисмате аз ҳунармандони театрҳо мебошанд. Албатта, ки ин норасоиву камбудиҳо дар пешрафти фаъолияти театрҳои касбии вилоят ва болобурдани хизматрасонии фарҳангӣ ба мардум таъсири манфии худро мерасонад. Бинобар ин, сатҳу сифати фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон ҳоло ҳам ба талабот пурра ҷавобгӯ нест. Ин масъала низ таҳлили ҷиддӣ ва ҳаматарафаро металабад.

Ҳамин тавр, дар даҳсолаи сеюми соҳибистиқлолӣ вазъи театрҳои касбии вилоят тадриҷан беҳтар мегардад. Новобаста аз ин, дар фаъолияти онҳо норасоиҳо низ ба назар мерасанд, ки пеш аз ҳама ба мушкилоти молиявии театрҳои вилоят вобастагӣ доранд:

1. Базаи моддию техникии театрҳои касбии вилояти Хатлон дар маҷмуъ қаноатбахш буда, дар онҳо 2-микроавтобуси «Хундай- Старекс», 2-микроавтобуси «Газел», 1- автобуси тамғаи «ХУАНИА», 1-автомобили тамғаи «Нексӣ»,», 1-автомобили тамғаи «ВАЗ 2110» ва 1-автомобили тамғаи «ГАЗ 3109» мавҷуд аст, ки қисме аз онҳо дар ҳолати ғайриомодабош қарор доранд.

2. Надоштани бинои асосӣ ё шароити хуби корӣ дар баъзе театрҳо, аз ҷумла Театри ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара, ки айни ҳол дар бинои ҶСК «Агроинвестбонк» қарор дорад, инчунин Театри лӯхтаки «Афсона»-и шаҳри Бохтар, ки дар фаъолияташ норасоиҳо чашмрасанд.

3. Норасоии кадрҳои тахассусманд дар театрҳо нерӯҳои эҷодии рассомони ороишдиҳандаи саҳна, аз ҷумла ҳунармандони лӯхтакбоз, устоҳои лӯхтаксоз, дар Театри лӯхтаки «Афсона»-и шаҳри Бохтар.

4. Таъмин ва ё дастгирӣ нашудани мутахасисони ба кор фиристодашуда бо хобгоҳҳо ва шароити хуби корӣ.

# БОБИ II. ИНКИШОФИ МИНБАЪДАИ ТЕАТРҲОИ КАСБИИ ВИЛОЯТ

## 2.1. Сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти фаъолияти театрҳои касбӣ

Ҷумҳурии Тоҷикистон чун давлати соҳибихтиёр, масоили қонунгузории он мутобиқ ба қонунҳои байналмилалӣ мебошанд. Сиёсати давлатӣ дар соҳаи фарҳанг ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» ва дигар санадҳои меъёрӣ-ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмиллалӣ асос ёфтааст.

Сиёсати фарҳангии давлат ва ҳукумати Тоҷикистон дар таҳкими пояҳои маънавии ҷомеа, ташаккули афкори эҷодию созандаи халқ, боло бурдани ифтихори миллӣ, устувории сулҳу субот, якпорчагию якдигарфаҳмӣ, густариши худшиносии миллӣ ва таъмини ҳуқуқи шаҳрвандон асосманд шудааст.

Яке аз масоили асосии сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг – ин таъмини фаъолияти мунтазам ва инкишоф додани бахшҳои умдаи соҳаи фарҳанг, аз ҷумла масъалаи тарбияи кадрҳо ва асосмандии заминаи моддӣ – техникии муасиссаҳои фарҳангӣ мебошад.  Солҳои охир вазъияти фарҳангӣ дар кишвар то андозае беҳтар гардида ва пеш аз ҳама натиҷаиислоҳоти соҳаи фарҳанг ва татбиқи барномаҳои мухталиф дар соҳаҳои гуногуни ҷомеа аст. Озодии воқеии демократӣ ва кафолатҳои ҳуқуқии дахлнопазирӣ, меъёрҳои нави арзишҳо ва пешомадҳо дар шуури ҷомеа тағйироти ҷиддиро ба амал оварда, ҷаҳонбинӣ, ақидаҳо, тасаввурот, ғояҳо ва муносибатҳои гуногунро ташкил додаанд, тафаккур ва дарки ҷомеаро дигаргун сохтанд. Раҳо ёфтан аз бӯҳрони иқтисодӣ, мустаҳкам гардидани ҳаёти иҷтимоӣ-сиёсӣ ва ҳамкории васеи ҷумҳурӣ бо кишварҳои хориҷӣ омили муҳими густариши дигаргунсозиҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ, аз ҷумла дар соҳаи фарҳанг низ гардиданд.Ҳамаи ин барои рушди фарҳанги муосири

Тоҷикистон, беҳтар намудани фаъолияти иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва фароғатии аҳолӣ шароити мусоидро фароҳам меоварад.

Бо дарки моҳияти сиёсию иҷтимоии фарҳанг дар фосилаи кӯтоҳи таърихӣ, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон силсилаи санадҳои муҳиммеро қабул намуд, ки бо шарофати онҳо дар кишвар барои эҳё, ҳифз ва рушди фарҳанги миллӣ фазои мусоиди меъёрии ҳуқуқии фароҳам омад. Имрӯз дар соҳаи фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон яке аз санадҳои асосии амалкунанда Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг» аст.[1]

Дар Қонун ҳуқуқҳои шаҳрвандон дар соҳаи фарҳанг, роҳҳои истифодаи арзишҳои фарҳангӣ, имконоти таъсиси муассисаҳои нави фарҳангӣ ва ҳунарӣ, шаклҳо ва намудҳои фаъолияти онҳо муайян шудаанд. Мақсади асосии қонун, ин таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандон дар фаъолияти фарҳангӣ, додани кафолати ҳуқуқӣ ба фаъолияти озоди фарҳангии иттиҳодияҳои шаҳрвандон, муайян кардани принсипҳо ва танзими ҳуқуқии муносибатҳои субъектҳои фаъолияти фарҳангӣ ва муайян кардани сиёсати давлат дар соҳаи фарҳанг аст.

Мутобиқи моддаи 5-и қонуни мазкур шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқ доранд аз комёбиҳои фарҳанги умумимиллӣ ва умумиинсонӣ озодона истифода баранд ва аз рӯи майлу рағбат ва қобилияти хеш дар ҳамаи намудҳои фаъолияти эҷодии касбӣ ва ғайрикасбӣ шуғл намоянд. Моддаи 15-и қонуни мазкур салоҳияти Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар соҳаи фарҳанг инъикос намуда, онро ба тариқи зайл пешбинӣ менамояд:

- сиёсати давлатро дар соҳаи фарҳанг муайян ва амалӣ менамояд:

- таъминоти молиявию иқтисодии муассисаҳои фарҳанг ва хизматрасонии фарҳангии аҳолиро муайян мекунад;

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дар бораи фарҳанг аз 13 декабри соли 1997. № 519 // Паёми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1997. – №23-24. (28.06.2011с., №734).

- таъсис ва фаъолияти муассисаҳои фарҳанги давлатӣ ва ғайридавлатӣ, аз ҷумла муассисаҳои фарҳанги хусусиро ҳавасманд гардонида, ба инкишофи заминаи моддиву техникии онҳо мусоидат мекунад;

- маблағгузории буҷетии муассисаҳои давлатии соҳаи фарҳангро ба роҳ мемонад ва дар мавриди зарурат дар маблағгузории ташкилотҳои фарҳангии ғайридавлатии соҳаи фарҳанг ҳиссагузорӣ мекунад.

Театр, яке аз бахшҳои муҳимми фарҳанг маҳсуб ёфта, ба дастгирӣ ва дар айни замон ба фаъолияти ҳамоҳангшудаи ҳамаи сохторҳои дахлдор дар самти рушди минбаъдаи он ниёз дорад. Санъати театрӣ метавонад таъриху тамаддун, арзишҳои миллӣ ва ҳаёти муосирони моро ба ҷаҳониён муаррифӣ намояд. Дар партави амалӣ гардидани сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, санади дигар - Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ» аз 2 декабри соли 2002, таҳти №80 қабул гардид,[1] ки он асосҳои эҳё ва инкишофи навъҳои гуногуни театрҳоро ба низоми муайян медарорад. Қонуни мазкур муносибатҳоеро, ки зимни офаридан ва ба тарзи мустақим пешниҳод намудани намоишномаҳои театрӣ ба миён меоянд, ба танзим дароварда, асосҳои ҳуқуқии фаъолияти театрӣ, ҳамчунин шаклҳои дастгирии давлатии онро муайян мекунад. Мақсади қонуни мазкур таъмин ва ҳимояи ҳуқуқи шаҳрвандон, инчунин шаҳрвандони хориҷӣ ва бешаҳрвандон ба озодии эҷодиёти бадеӣ, иштирок дар фаъолияти театрӣ, истифода аз хизмати театрҳо ва ташкилотҳои театрӣ, дастрас гардонидани асарҳои санъати театрист.

Дар моддаи 5-и қонуни мазкур омадааст, ки сиёсати давлатӣ дар соҳаи театр ва фаъолияти театрӣ қисми таркибии сиёсати фарҳангии давлат буда, ба эътирофи нақши муҳимми театр чун унсури ҷудонашавандаи фарҳанг, воситаи нигоҳдории худогоҳии миллӣ ва забонҳои халқҳо, яке аз

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ аз 2 декабри соли 2002, таҳти № 80 // Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: - http://base.mmk.tj/view sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=92.

муассисаҳои иҷтимоие, ки барои инкишофи ҷомеа аҳаммияти калон дорад, асос меёбад.

Сиёсати давлатӣ дар соҳаи театр ва фаъолияти театрӣ ба принсипҳои зерин асос ёфта:

-мусодиранашаванда ва мансубияти ҳуқуқ ва озодиҳои ҳар шаҳрванд дар соҳаи эҷодиёти театрӣ ва ҷалбкунӣ ба санъати театрӣ;

-эътирофи нодир будани истеъдод ва масъулияти давлат баҳри муҳайё намудани шароит барои татбиқ ва дархости он;

-мустақилияти театрҳо ва ташкилотҳои театрӣ, ҳуқуқи онҳо ба дастгирии давлатӣ, ҳамкории театрҳои ватанӣ ва ҷаҳонӣ.

Дар моддаи 7-и боби дуюми қонуни мазкур мазмун, шакл ва тарзҳои дастгирии фаъолияти театрӣ аз ҷониби мақомоти ҳокимияти давлатӣ нишон дода шудааст:

Тарзҳои асосии дастгирии давлатии фаъолияти театрӣ инҳо мебошанд:

-фароҳам овардани шароит барои инкишофи фаъолияти театрӣ, васеъ шудани шабакаи театрҳо, пеш аз ҳама театрҳо барои кӯдакон;

-ҷудо кардани маблағҳо барои сохтан, аз нав сохтан ва таъмири асосии биноҳо ва иншооти театрҳо, навсозии таҷҳизот, пурра ё қисман маблағгузорӣ кардани театрҳои давлатӣ;

-дар асоси озмун барои аз ҷониби театрҳо новобаста аз шакли ташкилию ҳуқуқӣ ва молиявӣ иҷро намудани фармоишҳои эҷодии мақсаднок, лоиҳаҳои алоҳида ва чорабиниҳое, ки дигар барномаҳои мақсаднок низ дар соҳаи фарҳанг ва санъат пешбинӣ кардаанд, инчунин ҷудо намудани субвенсияҳо ба театрҳое, ки нисбати табақаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳимоянашудаи аҳолӣ сиёсати имтиёзноки нархиро ба амал мегузаронанд;

-иштирок дар ташкил ва маблағгузории фестивалҳо ва озмунҳои байналмилалӣ, байниминтақавӣ ва минтақавии театрҳо, мубодилаи байналмилалии театрҳо;

-ҳар сол ҷудо кардани маблағгузорӣ аз буҷет барои офаридан ва харидани асарҳои драмавӣ ва мусиқӣ-драмавӣ, аз рӯи ин асарҳо намоиш додани спектаклҳо, амалӣ гардонидани фаъолияти гастролӣ;

-таъсис додани стипендияҳо ва мукофотҳои давлатӣ барои ходимони барҷастаи театр, муаллифон ва иҷрокунандагони ҷавони боистеъдод, ки барои офаридани асарҳои нави санъати театрӣ мусоидат менамоянд.

Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти №501 аз 30 декабри соли 2005 тасдиқ шудааст.[1]

Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикоси объективона, ҳамаҷониба, мақсадноки имкониятҳои воқеӣ ва нерӯи мавҷудаи ҷомеаи муосир, манфиатҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ниёзҳои кулли табақоти аҳолӣ, равобити мантиқии байниҳамдигарии назария ва амалия, таъсир ва вобастагии байниҳамдигарии равияҳо, намудҳо ва шаклҳои фаъолияти фарҳангӣ бо кулли соҳаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии замони муосир мебошад.

Ҳамзамон Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон маҷмӯи номгӯи шаклҳо, усулҳо ва равияҳои дар амал татбиқшавандаи барнома ва лоиҳаҳои рушди фарҳанг, фаъолияти амалии соҳа, тарзи танзими чорабиниҳои мавриди назар, инчунин сохторҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва иҷтимоӣ мебошад, ки фаъолияти онҳо аҳаммияти умумимиллӣ дорад. Таъмини воқеии соҳибихтиёрии миллӣ-фарҳангӣ, эҳё ва рушди фаъолияти тамоми равияҳо, шаклҳо ва намудҳои соҳаи фарҳанги Тоҷикистон танҳо дар сурати бевосита муроҷиат намудан ба сарчашмаҳои миллӣ ва умумибашарӣ, ба бунёд ва анъанаҳои фарҳангӣ, ки аз озмоишҳои таърих, таҳаввули тамаддунҳо, фарҳанг ва анъанаҳои дигари мардум, эътиқоди мазҳабӣ ва сохторҳои давлатӣ, воқеа ва ҳаводиси тақдирсози таърихӣ гузаштаанд, инчунин дар сурати бо дарки амиқ ва ҳамаҷонибаи илмӣ-амалӣ аз худ кардани мероси

[1] Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2005, таҳти № 501. – Душанбе: Матбуот, 2006.

фарҳангии мардум, тарғиби нақшу аҳамияти фарҳанг ва анъанаҳои миллӣ, тафаккури имрӯзаи илмӣ имконпазир мегардад. Омӯзиши вазъият ва эҳёи суннатҳо, одатҳо, эҷодиёти бадеӣ ва касбу ҳунарҳои мардумӣ низ зарур мебошад, зеро маҳз тавассути он арзишҳои миллиро аз насл ба насл интиқол додан мумкин аст.

Консепсияи рушди фарҳанг муттасил, зина ба зина амалӣ гардида, дар асоси он таҳия ва тасдиқ гардидани Барномаҳои давлатии рушди соҳаҳои гуногуни фарҳанг ва санъат, оғоз гардидани сохтмон, таъмир ва ҷиҳозонидани муассисаҳои фарҳанг, баргузории конференсиҳо, озмунҳо, фестивалҳо имкон медиҳанд, ки таҷрибаи андӯхта таҳлил ва роҳҳои самараноки татбиқи Консепсияи рушди фарҳанг саҳеҳу равшан гардонида шаванд. Баъди қабули Консепсияи мазкур вазъияти фарҳангӣ дар кишвар то андозае беҳтар гардидааст. Дар Консепсияи рушди фарҳанг ҳамчунин таъкид шудааст, ки «ташаккул ва инкишофи ниёзҳои зебописандии аҳолӣ шарти асосии рӯҳи тоза пайдо кардани санъати театрӣ ва умуман фарҳанг мегардад».[1]

Дар солҳои соҳибистиқлолии кишвар новобаста ба мушкилоти иҷтимоию иқтисодӣ, санъати театрӣ ривоҷу равнақ ёфт. Истиқлолият барои рушди пешрафти театр, мавзуъ ва мундариҷаи он таъсири мусбат расонида, мутобиқи сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурӣ, имконоти нави эҷодиро дар нигоҳ доштани санъати театрӣ ва барои боло бурдани сатҳи малакаву маҳорати касбӣ заминае мусоиде фароҳам овард. «...Вобаста ба ғояҳои бунёдии мақсадноки фаъолият, механизми ташкили иқтисод, театр метавонад нисбат ба манфиати гурӯҳҳои иҷтимоӣ муносибати хос дошта бошад. Ҳамин хусусият талаб мекунад, ки дар фарҳанги ҷумҳурӣ, дар соҳаҳои инкишофи бадеӣ - эҷодӣ ва

---

[1]Шосаидов, С. (маҷмӯаи мақолоти мизи мудаввар). Вазъият ва пешомадҳои татбиқи Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳои ҷумхурӣ. -Душанбе, 20 ноябри соли 2007. - С.5.

иҷтимоӣ - фарҳангӣ системаи худинкишофёбии фарҳанг ташаккул дода шавад»[1] - гуфта мешавад дар консепсия.

Бо талаби замон театр ба мавзуҳои нав, аз қабили масоили таърихӣ, ки таҳкими ҳофизаи таърихӣ ва бедор намудани ифтихори миллӣ равона шудааст; эҳёи суннатҳои мардумии театрӣ ва масоили доғи рӯз рӯ оварда, ба комёбиҳои назарраси эҷодӣ ноил гашт. Театри тоҷик ба абнои башар бо симои тоза муррифӣ мешавад, ки ба ин сафарҳои ҳунарии театрҳои тоҷик ба ақсои олам сабаб гашт. Қабул гардидани «Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз дастовардҳои муҳимми истиқлолият буда, ба пешрафти соҳаи ҳунари театрӣ имкони васеъ фароҳам хоҳад овард. Хотирнишон бояд кард, ки баъди пош хурдани Ҳукумати Шуравӣ соҳаи фарҳанги ҷумҳурӣ дар ҳолати нигаронкунанда қарор дошт. Ҳукумати кишвар, солҳои 1990 дар вазъи душвори сиёсию иқтисодӣ қарор дошта, маҷбур буд, ки масоили мулоҳизаи сармоягузориро ба соҳаи фарҳанг коҳиш диҳад. Ҳамин тавр соли 1991 барои рушди соҳаи фарҳанг 77,9 млн рубл (воҳиди пули Шуравӣ) ҷудо гардид, ки 1,6 % аз буҷаи умумии давлатиро ташкил медод. [2]

Зимни ҷараёнҳои мухталифи иҷтимоӣ - сиёсӣ бархе аз нерӯҳои назарраси эҷодӣ умуман тарки ин соҳа намуда, бархе ба хориҷи кишвар фирор намуданд. Дар натиҷа соҳаи фарҳанг аз ҷиҳати иқтидории эҷодиву қобилияти зеҳнӣ ва заминаи моддӣ – техникӣ суст гардида, рушди минбаъди фарҳанг ва санъат бинобар сабаби норасоии кадрҳо ва ба мушкилот дучор гардида буд. Шумораи кормандони соҳаи фарҳанг дар соли 1993 нисбат ба соли 1990 20 % кам гардида, музди меҳнати онҳо бошад миёни соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат дар сатҳи поин меистод.[3]

Хушбахтона, бо шарофати сулҳу субот ва оромии кишвар, дар партави сиёсати фарҳангии Ҳукумати ҷумҳурӣ ва зери роҳбарии хирадмандонаи

---

[1] Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2005, таҳти № 501. – Душанбе: Матбуот, 2006. – С. 19.
[2] Каримова, Р.Н. История развития культуры Таджикистана в годы независимости (1991-2011 гг.): Автореф. дис. … канд. ист. наук. – Душанбе, 2012.
[3] Ҳамон ҷо. - С. 42.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон новобаста аз мушкилоти ҷойдошта фаъолияти соҳаи фарҳанг тадриҷан хубтар гардида, маънавиёти ҷомеа низ густариш меёбад.

Ҳукумати кишвар бо мақсади таъмини рушди бемайлони соҳа ва тарбияи кадрҳои баландихтисос, «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси соҳаи фарҳанг, ҳунар ва табъу нашр дар солҳои 2007-2010»[1]-ро дар асоси талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ «Дар бораи фарҳанг», Қонуни ҶТ «Дар бораи маориф», Қонуни ҶТ «Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ, Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи миллии маълумоти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи фарҳангу ҳунар қабул намуд. Мутобиқи нақшаи Барнома 167 нафар аз рӯи 57 ихтисосҳои эҷодӣ ва фаннӣ дар хориҷи кишвар ба муддати 4 сол барои таҳсил ба нақша гирифта шуда буд.

Мутаассифона, оиди маблағи тасдиқ гардида ва чӣ гунагии иҷроиши ин барнома ба истиснои бархе маълумот аз Бойгонии марказии ҷумҳуриявӣ, дигар чизе дастрас карда натавонистем, гарчанде борҳо ба Вазорати фарҳанги кишвар ва зерсохторҳои он дархост пешниҳод намудем.

Тибқи иҷрои банди 9-и нақша-чорабиниҳои татбиқи Барнома бо фармоиши вазири фарҳанг аз 9 апрели соли 2008 таҳти №87 тасдиқшуда, дар Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати ба номи Мирзо Турсунзода факултаи такмили ихтисоси соҳаи фарҳанг, санъат ва табъу нашр аз рӯи 7 самт таъсис ёфт.[2]

Бояд қайд кард, ки яке аз масъалаҳои ташвишовари имрӯза ин норасоии кадрҳои баландихтисоси соҳа маҳсуб меёбад. Бо вуҷуди он, ки факултаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи фарҳанг, санъат ва табъу

[1] БМҶ // Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2002-2010. «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси соҳаи фарҳанг, ҳунар ва табъу нашр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007-2010" аз 3 июни соли 2006, таҳти № 239. - Д. 53. - Р. 11. - В. 257-262.

[2] БҶ ВФҶТ // Гузориш оиди таҳлили иҷрои «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси соҳаи фарҳанг, ҳунар ва табъу нашр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007-2010» дар нимсолаи дуюми соли 2009. - В. 4.

нашр дар ДДФСТ дар ҳолати омодабош фаъолият дорад, аммо ҷалб нашудани кормандони театрҳои касбии вилоят боиси нигаронист.

Вобаста ба ин масъала декани факулта Ёров Султонмурод иброз дошт: «Имрӯз дар кишвар барои бозомӯзӣ ва такмили ихтисос барои кормандони соҳаи санъат ҷуз факултаи мо дигар марказҳои такмили ихтисос вуҷуд надорад. Мутаассифона, кормандони муассисаҳои мазкур бахусус театрҳо чанд сол аст, ки донишу малакаи касбии худро сайқал надодаанд. Вобаста ба ин, ба Вазорати фарҳанг ва раёсатҳои фарҳанги вилоятҳо мактубҳо пешниҳод кардем, ҳамзамон бо мудирони шуъбаву бахшҳои фарҳанги шаҳру навоҳии кишвар вохӯриҳо гузаронидем. Дар натиҷа маълум гардид, ки масъалаи асосӣ ин ҷудо нагардидани маблағ аз ҷониби мақомотҳои иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳо ва Вазорати фарҳанг мебошад. Дар ҳоле, ки дар қарори ҷаласаи мушовараи Вазорати фарҳанги кишвар борҳо таъкид шудааст, ки имрӯз дониши касбии мутахассисони соҳа ба такмили ҷиддӣ ниёз доранд».[1]

Бо назардошти қабулу амалӣ шудани «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси соҳаи фарҳанг, ҳунар ва табъу нашр дар солҳои 2007-2010» ва робитаҳои байналмиллалӣ, бо мақсади тайёр кардани мутахассисони соҳаи фарҳанг ва санъат дар хориҷи кишвар тибқи бурсияҳои (квота) ҷудогардидаи Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия дар Тоҷикистон (Россотрудничество) теъдоди муайяни довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Россия фиристода шуданд. Зимни ин дар соҳаи санъати театрӣ барои солҳои хониши 2010-2011 ба муассисаҳои таълимии соҳаи фарҳанг ва санъати шаҳрҳои Россия 14 нафар аз рӯи ихтисосҳои гуногун дар самтҳои бакалавриат, мутахассис ва магистратура фиристода шуда, муасиссаҳои номбурдаро хатм намуданд. Мисоли ин гуфтаҳо коргардони театри шаҳри Қӯрғонтеппа Парвиз Раҷабов, ихтисоси коргардони намоишҳои театрикунонидашуда ва

[1] Аз суҳбати декани факултаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи фарҳанг, санъат ва табъу нашри Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон Ёров Султонмурод, 12.11.2021.

ҷашнҳои оммавии Университети давлатии фарҳанг ва санъати шаҳри Москва буда метавонад.[1]

Бо мақсади татбиқи амалии муқаррароти Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ривоҷу равнақи минбаъдаи ҳаёти фарҳангии ҷомеа, ба шароити иқтисоди бозоргонӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ мутобиқ гардонидани фаъолияти муассисаҳои фарҳангии мамлакат, таъмини самарабахш ва ҳамаҷонибаи эҳтиёҷоти фарҳангӣ, таҳкими заминаи моддию техникӣ, беҳдошти ҳолати иҷтимоӣ «Барномаи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015» қабул гардид. Маблағи умумии хароҷоти барномаи мазкур 4 583 000 сомонӣ аз ҷумла; аз буҷети ҷумҳуривӣ 700 000 сомонӣ, Вазорати фарҳанг 3 348 000, буҷети маҳаллӣ 245 000 сомонӣ, Вазорати маориф ва илм 290 000 сомонӣ пешбинӣ гардида буд.[2]

Мутобиқи иҷрои зербанди дуюми банди 2-и нақша-чорабиниҳои Барнома, «Таҷҳизонидани театрҳо бо техникаи навтарини саҳнавӣ ва тақвияти овоз», соли 2013 Театри ба номи С. Ализодаи шаҳри Кӯлоб аз ҳисоби маблағҳои буҷети маҳаллӣ харидорӣ гардидани асбобҳои техникӣ ба маблағи 28 000 сомонӣ,[3] соли 2014 созҳои мусиқӣ – барқӣ 22 800 сомонӣ, дастгоҳи компютерӣ - видеоӣ рақамӣ, чопию-нусхабардорӣ 8000 сомонӣ, ҷамъ 58 800 сомонӣ барои истифодаи корҳои истеҳсолии корхона ва асбобҳои тақвияти овоз харҷ гардид.[4]

Дар ин раванд тибқи зербанди 3-и банди мазкур «Таҳизонидани театрҳо бо воситаҳои нақлиёт», баҳри амалӣ намудани банди мазкур дар ин давра пардохти боҷи гумрукӣ ба маблағи 36 000 сомонӣ барои автобуси

---

[1] БҶ ВФҶТ // Ҳисоботи шуъбаи илм ва муассисаҳои таълимии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2012. - В. 2.

[2]Барномаи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008-2015 аз 3 марти соли 2007, №85.//-Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Тоҷикистон - http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail= &sanadID=445.

[3] БҶ БРФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С.Вализодаи шаҳри Кӯлоб дар соли 2013. - В. 3.

[4] БҶ БРФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С.Вализодаи шаҳри Кӯлоб дар соли 2014. - В. 6.

хизматии тамғаи (Хуания), ки соли 2008 харидорӣ шуда буд, амалӣ гардид. Ҳамзамон барои гузоштани нақлиёти хизматӣ, айвон ба маблағи 4900 сомонӣ бунёд гардид.[1]

Инчунин мутобиқи зербанди 4-и банди 2-и Барнома, «Фаъол гардонидани сафарҳои ҳунарии коллективҳои театрӣ дар ҷумҳурӣ ва хориҷа», вобаста ба ин театрҳои касбии вилояти Хатлон дар ин давра бо барномаҳои рангину намоишномаҳои таҳияшудаи худ ба шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ сафарҳои ҳунарӣ анҷом дода, ҳамзамон аҳли эҷодии Театри ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара ба шаҳри Ашхободи Ҷумҳурии Туркманистон (2012)[2] ва Театри вилоятии шаҳри Қӯрғонтеппа (2008) ба шаҳри Алма-атои Ҷумҳурии Қазоқистон,[3] шаҳри Ашхободи Ҷумҳурии Туркманистон ва шаҳри Актауи Ҷумҳурии Қазоқистон (2014) сафарҳои ҳунарӣ анҷом дода санъати бойи миллии тоҷикиро муаррифӣ намуданд.[4]

Пайдост, ки дар гузаштаи дуру наздики ҳаёти фарҳангии халқи мо нақши театр дар шаклҳои мухталифаш низ хеле ҷолиб буд. Бинобар навиштаи муаррихи маъруфи театри тоҷик Н. Нурҷонов (1923-2017), дар майдонҳову саҳроҳо, дар айёми иду ҷашнҳои бузург театрҳои мардумӣ - чодархаёл, дорбозҳо, масхарабозҳо, карнайчиҳову сурнайнавозон ҳунарнамоӣ намуда, мардумро хурсанд ва рӯҳбаланд мекарданд ва ин амал яке аз омилҳои фароғатбахши оммаи васеъ ҳисобида мешуд.

Мутобиқи сиёсати фарҳангии ҳукумату давлат дар кишварамон ба ҳунар, хоса ба санъати театрӣ диққати махсус дода мешавад. Дар ин раванд барои боз ҳам мусоидат намудан ба пешрафти минбаъдаи санъати касбӣ, тавсеаю мусоидати он ба ҳаёти фарҳангии ҷомеа, ба шароити иқтисоди бозоргонӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ ҳамсон гардонидани фаъолияти

---

[1] БҶ БРФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С.Ваолизодаи шаҳри Кӯлоб дар соли 2014. - В. 7.
[2] Ҳисоботи ВФҶТ дар соли 2012 ва самтҳои минбаъдаи он дар соли 2013, Душанбе:2013. С.7.
[3] Ҳисобот дар бораи фаъолияти ВФҶТ дар соли 2008 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2009. - Душанбе, 2009. – С. 7.
[4] БҶ РФВХ // Ахбороти Театри мусиқӣ - мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа дар соли 2014. - В. 3.

муассисаҳои театрии кишвар, таъмини фаъолияти самарабахш ва ҳамаҷонибаи онҳо, таҳкими заминаи моддию техникӣ ва беҳдошти ҳолатҳои иҷтимоӣ дар соҳаи санъати театрӣ «Барномаи давлатии рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2019[1] дар асоси талаботи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни ҶТ «Дар бораи фарҳанг», Қонуни ҶТ «Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ», «Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳа таҳия гардид.[2] Мақсад аз қабули барнома, ин таъмини рушди босуръати санъати театрии касбии Тоҷикистон, ҳифз ва рушди анъана, барномаҳои театр, офаридани намоишномаҳо аз рӯи намунаҳои асарҳои классикии ватанӣ ва хориҷӣ, драматургияи муосир, намоишномаҳои нав барои кӯдакону наврасон равона гардида, рушд ва муҳофизати анъанаҳои беҳтарини санъати театрии тоҷик ҳамчун сарвати миллӣ, васеъ кардани аудиторияи тамошобинон, баланд бардоштани нақши санъати театрӣ дар ҳаёти фарҳангии кишвар, фароҳам овардани шароит барои мукаммалгардонии захираҳои кадрии эҷодӣ, баланд бардоштани мақоми театри тоҷик дар хориҷи кишвар мебошад. Маблағи умумии хароҷоти барнома 15 085 000 сомонӣ аз ҷумла; аз буҷети ҷумҳуривӣ 7 010 000 сомонӣ, буҷети маҳаллӣ 4 775 000 сомонӣ, даромадҳои дохилии муассисаҳо ва ҷалби сарпарастон 3 300 000 сомонӣ пешбинӣ гардида буд.[3]

Мутобиқи банди 17-и Барнома ва бандҳои 2 ва 4-и нақша-чорабиниҳои «Барномаи давлатии рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2019» татбиқи барнома ба театри ноҳияи Данғара то як андоза амалӣ гардид. Мутобиқи банди 2 ва 4-и нақша-чорабинии Барнома «Тайёр намудани мутаххасисони санъати театрӣ» ва

---

[1] Барномаи рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2019 аз 3 декабри соли 2012, таҳти № 675 // - Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Тоҷикистон - http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=445.

[2] БҶ БРФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С.Вализодаи шаҳри Кӯлоб дар соли 2013. - В.3.

[3] БҶ ВФҶТ // Гузориш оид ба рафти иҷрои «Барномаи давлатии рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2019» - В. 1.

«Чорабиниҳо, самтҳо ва механизмҳои асосии татбиқи барнома», пардохти идрорпулӣ ва таҳсили 4 нафар донишҷӯе, ки дар Донишкадаи давлатии театрии шаҳри Новосибирски Федератсияи Россия ва таъмиру ҷиҳозонидани театр бо таҷҳизотҳои муосир ва ҷалби мутахассисон барои таҳияи намоишномаҳо тайи солҳои дар бар гирифтаи Барнома маблағҳои зерин ҷудо гардиданд:

-2014 барои таҳсили 4 нафар 100 000 сомонӣ, таъмири бино 300 000 сомонӣ ва ҷалби мутахассисон 25 000 сомонӣ;

- 2015 барои таҳсили 2 нафар 21 807 сомонӣ;

- 2016 барои таҳсили 2 нафар 39 982, муҷаҳҳазгардонии саҳна тибқи нақша 300 000 сомонӣ иҷроиш 68 375 сомонӣ;

- 2017 барои таҳсили 1 нафар 32 193 сомонӣ;

- 2018 ҷалби мутахассисон 25 000 сомонӣ;

- 2019 ҷалби мутахассисон 50 000 сомонӣ.[1]

Пайдост, ки яке аз самтҳои муҳимми амалишавии Барномаи мазкур ин омода намудани мутахассисони касбии соҳаи театр буд. Дар доираи амалишавии Барнома аз кишвар ба донишкадаҳои шаҳрҳои Новосибирск, Челябинск ва Ярославли Федератсияи Россия дар маҷмуъ 18 нафар донишҷӯён барои таҳсил сафарбар карда шуданд. Аз ин шумора 4 нафар аз Театри ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара дар Донишкадаи давлатии театрии шаҳри Новосибирски Федератсияи Россия ба таҳсил фаро гирифта шуд.[2]

Мутаассифона, давоми солҳои таҳсил се нафарашон бо сабабҳои гуногун аз сафи донишҷӯён барканор гардида, фақат як нафар Садриддинов А муассисаи зикргардидаро хатм намуд.[3]

Қобили қайд аст, ки татбиқшавии Барнома ҳамаи театрҳои кишварро фаро нагирифта, танҳо барои 4 театри кишвар - Театри давлатии ҷавонони ба номи М. Воҳидов, Театри драмавии русии ба номи В. Маяковский,

---

[1] БҶ ВФҶТ // Гузориш оид ба рафти иҷрои «Барномаи давлатии рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2019» - В. 4.
[2] Ҳамон ҷо. – С. 2.
[3] Аз суҳбат бо ҷонишини директори театри ноҳияи Данғара М. Махсумов, 11.12.2021.

Театри давлатии ҷумҳуриявии лӯхтаки шаҳри Душанбе ва Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ - драмавии ноҳияи Данғара то андозае амалӣ гардид. Ҳол он, ки вазъи театрҳои кишвар хоса театрҳои вилояти Хатлон боиси нигаронӣ буда, базаи моддию техникӣ, норасоии коргардонҳо, ҳунарпешаҳои соҳибтахассус, кормандони техникии саҳна, ҳамчунин норасоии воситаҳои техникии замонавӣ сабаби камрангии сатҳу сифати иқтидори эҷодии ҳайати театрҳо гаштааст. Зимнан бояд ишора кард, ки маблағҳои аз буҷети маҳаллӣ пешбинишуда барои рушди театрҳои кишвар давоми солҳои 2013-2019 ба ҷуз як қисм ба театри вилоятии мазҳакаи мусиқии шаҳри Кӯлоб дар соли 2017 ҷудо гардиду халос. Соли 2017 аз ҳисоби буҷети тасдиқшудаи маҳаллӣ, қисмати бинои театри шаҳри Кӯлоб таъмири ҷорӣ карда шуда, утоқҳои корӣ бо мизу курсӣ ҷиҳозонида шуда ва 22-адад либосҳои саҳнавӣ барои ҳунармандон ба маблағи 83 000 сомонӣ[1] маблағгӯзорӣ гардид, ки тасдиқи гуфтаҳои болост. (Замимаи 4).

Лозим ба ёдоварист, ки баҳри иҷрои Барномаи мазкур аз буҷети маҳаллӣ 4 185 000 сомонӣ пешбинӣ шуда буд, дар асл бошад 140 000 сомонӣ ҷудо гардид, ки ин давоми солҳои 2014 - 2019 3,3% маблағи Барномаро ташкил медиҳад. Ҳамчунин тибқи Барнома аз ҳисоби даромадҳои дохила ва ҷалби сарпарастон бояд 1 200 000 сомонӣ маблағ ҷалб карда мешуд, мутаассифона, иҷро нагардид. Сабабҳои қисман ҷудо нагардидани маблағҳои дар Барнома аз ҳисоби буҷети ҷумҳуриявӣ дар он аст, ки дар асоси Протоколи маҷлиси Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 28 декабри соли 2015 №16 ва аз 23 декабри соли 2016 №14 таъмиру тармими бино, харидории таҷҳизоти техникӣ дуюмдараҷа маҳсуб ёфта, вобаста ба вазъи молииявии ҳозира маблағгузорӣ нашуданд. Дар маҷмуъ, иҷроиши «Барномаи давлатии рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2019» 58,1%-ро ташкил дод.[2]

---

[1] БҶ БРФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти муассисаҳои фарҳанги минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон 2017. - В.5.

[2] БҶ ВФҶТ // Гузориш оид ба рафти иҷрои «Барномаи давлатии рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2019». - В. 5.

Новобаста ба пурра иҷро нагардидани нишондодҳои бандҳои Барнома, барои мустаҳкам гардидани базаи моддию техникӣ ва кадрии муассисаҳои театрӣ таконе бахшида, дар инкишоф ва рушди минбаъдаи онҳо заминаҳои мусоидро фароҳам овард.

Таъкид ба ёдоварист, ки тайи солҳои охир дар кишвар, хосатан дар вилояти Хатлон иншоотҳои фарҳангӣ бунёд гардиданд. Соли 2016 бо дастгирии бевоситаи Президенти кишвар дар шаҳри Қӯрғонтеппа бинои хуштарҳу замонавии Театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонов барои 700 ҷойи нишаст аз ҳисоби маблағҳои буҷетӣ, бо харҷи 26 миллион сомонӣ сохта ва мавриди истифода қарор гирифт.[1]
Дар ин раванд тибқи Қарори раиси вилояти Хатлон аз 27 декабри соли 2017 таҳти № 252 «Муассисаи давлатии театри вилоятии лӯхтаки Афсона»-и шаҳри Бохтар бо 24 воҳидӣ корӣ таъсис ёфт, ки ин падидаи фараҳбахши аҳли театрии кишвар дар оғози соли 2018 гардид.[2]

Вобаста ба ин Президенти кишварамон дар паёмашон ба Маҷлиси Олӣ 24 апрели 2011 зикр намуданд:«Дар ин радиф шоистаи зикр аст, ки силсилаи қонуну барномаҳои давлатӣ, асноди меъёрии ҳуқуқии вобаста ба инкишофи минбаъдаи соҳаҳои фарҳанг - театр, китобхонаву осорхона, воситаҳои ахбори омма ва ҳифзу истифодаи ёдгориҳои таърихӣ барои таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои фарҳанг, бунёди инфраструктураи муосири фарҳангӣ, татбиқи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон ҷиҳати истифода аз дастовардҳои соҳаи фарҳанги миллӣ ва умумибашарӣ мусоидат намуданд.»[3]

Таҳлили вазъи муассисаҳои театрии вилояти Хатлон собит сохт, ки қабл аз ҳама сатҳи донишҳои касбии худи ҳунармандон ва дигар

---

[1] Ба истифода додани бинои нави Театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи А. Муҳаммадҷонов // Хатлон, 2016. - №33 (3070). – 26 август.
[2] БҶ РВФХ // Ҳисобот оиди кору фаъолияти Театри вилоятии лӯхтаки «Афсона»-и шаҳри Бохтар дар ёздаҳ моҳи соли 2018. - В. 1.
[3] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ – 25.04.2011. [Манбаи электронӣ]. :http://mmk.tj/ru/president/letter. (Санаи истифодабарӣ: 20.02.2021).

намояндагони соҳа ба талаботи имрӯза ҷавобгӯ набуда, норасоии кадрҳои баландихтисос то ҳол нигаронкунанда аст.

Бо дарназардошти вазъи кунунии тарбияи кадрҳо дар соҳаи фарҳангу санъат ва табъу нашр, Ҳукумати Ҷумҳурӣ бахри фароҳам овардани шароити мусоид барои тайёрнамоии кадрҳои эҷодӣ ба фаъолияти касбӣ дар соҳаи фарҳангу санъат ва табъу нашр, ба низом даровардани системаи дурнамо ва банақшагирии эҳтиёҷоти соҳа ба кадрҳо ва талабот ба мутахассисон, бунёди заминаи моддӣ - техникии ин муассисаҳо, баланд бардоштани сифати тарбияи кадрҳои баландихтисос ва рақобатпазир барои соҳаи фарҳангу санъат ва табъу нашр, назорат, танзим ва тибқи талаботи ҷомеаи муосир «Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи фарҳанг, санъат ва табъу нашри Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2022»-ро [1] қабул намуд. Мувофиқи нақшаи барнома 180 нафар донишомӯз аз рӯи 56 ихтисоси эҷодӣ ва фаннӣ дар солҳои 2018-2022 дар муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар ба муддати 5 сол ба таҳсил бояд сафарбар гарданд. Дар ин робита, марҳилаи маблағгузории нақшаи чорабиниҳои амалисозии Барномаи мазкур барои 5 сол солҳои 2018-2022, дар ҳаҷми умумии 7 101 000 сомонӣ пешбинӣ гардида, ки аз он маблағҳои буҷетӣ 5 301 000 сомонӣ аз ҷумла, 1 500 000 сомонӣ аз ҳисоби маблағҳои махсуси муассисаҳои таълимӣ ва 300 000 сомониро маблағҳои грантӣ ташкил медиҳад.[2]

Бояд тазаккур дод, ки тибқи замимаи 1-и Барнома, маблағи умумии хароҷот барои 4 сол солҳои (2018-2021), 6 00 2000 сомонӣ буда, маблағи ҷудогардида бошад 3 460 000 сомонӣ, фарқият 2 542 000 сомонӣ ва фоизи иҷроиш 57,6%-ро ташкил медиҳад.[3]

---

[1] Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи фарҳанг, санъат ва табъу нашри Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2022 аз 29 ноябри 2017 таҳти №549 // Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Тоҷикистон. - http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail= &sanadID.

[2] БҶ ВФҶТ // Ҳисоботи шуъбаи таҳлил ва дурнамои иқтисодӣ дар соли 2021. - В. 1.

[3] БҶ ВФҶТ // Ҳисоботи Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷараёни иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2017, №549 “Дар бораи

Мутобиқи иҷрои банди 6-и Барнома соли 2018 дар Консерваторияи миллии Тоҷикистон шуъбаи такмили тахассуси кормандон таъсис дода шуд, ки шурӯъ аз моҳи апрели соли 2021 бо қарори Шӯрои олимон (№6 аз 4.12.2020) ва фармоиши ректор (№10/1 аз 10.04.2021) шуъба дарсҳои такмили ихтисоси кормандонро оғоз намуд.[1] Аз ин рӯ, роҳбарияти театрҳои вилоятиро зарур аст, ки дар ҳамбастагӣ бо мақомотҳои дахлдор барои роҳандозӣ намудан чораҳои зарурира андешанд.

Ҳамчунин тибқи банди 7-и нақша - чорабиниҳои Барнома вобаста ба такмили ихтисоси кормандонаи соҳаи фарҳангу санъат ва табъу нашр дар доираи семинар - тренингҳо, курсҳои бозомӯзӣ дар хориҷи кишвар давоми солҳои 2018-2021, 180 000 сомонӣ баробар ба 100% маблағи пешбинишуда, ҳамчунин банди 8 (Тайёр кардани кадрҳо дар муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар тибқи талаботи кадрӣ), то соли 2022 дар 5 давлати пешрафтаи олам, аз ҷумла Русия, Хитой, Итолиё, Беларус ва Ӯзбекистон омода намудани 180 нафар донишомӯз аз рӯи 56 ихтисоси барои Тоҷикистон зарур ба нақша гирифта шудааст. Бинобар тайёр кардани кадрҳо дар муассисаҳои таълимии хориҷи кишвар тибқи талаботи кадрӣ 2 902 000 сомонӣ пешбинӣ гардида, аз ин миқдор 360 000 сомонӣ истифода шудааст, ки иҷроиши он ба 12,4%-и маблағи умумӣ баробар аст.[2]

Барномаи мазкур пас аз қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи буҷети давлатӣ барои соли 2018» ба тасвиб расида, пешниҳоди Вазорати фарҳанг барои ҷудо намудани маблағҳои иловагӣ барои соли 2019 қабул нашуданд. Соли 2019 барои тайёр намудани кадрҳои соҳавӣ дар соли 2020 ба Вазорати фарҳанг 180 000 сомонӣ ҷудо гардида, тибқи нақшаи амалисозии Барнома 6 нафар мебоист барои таҳсил аз рӯи ихтисосҳои

---

“Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои фарҳанг, санъат ва табъу нашри Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022”, дар соли 2021. - В. 13.

[1] Ҳамон ҷо. - В. 3.

[2] БҶ ВФҶТ // Ҳисоботи Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҷараёни иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2017, №549 “Дар бораи “Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои фарҳанг, санъат ва табъу нашри Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022”, дар соли 2021. - В. 4.

гуногун ба Федератсияи Россия, Ҷумҳурии Ӯзбекистон ва шаҳри Милани Италия фиристода мешуданд. Мутаассифона, паҳншавии бемории коронавирус (COVID-19) ва мушкилоти молиявӣ садди роҳи иҷрои нақша гардид. Айни замон, Барномаи мазкур аз ҳисоби маблағҳои муассисаҳои таълимию илмӣ (ба истисноӣ банди 8) амалӣ шуда истодааст, ки ин 65,5 фоизи иҷрои бандҳои нақшаи чорабиниро ташкил медиҳад.[1]

Тибқи иҷрои банди 11-и нақшаи барнома баҳри беҳтар намудани сифати таълим ва табодули таҷриба, дар асоси созишномаҳои дуҷониба аз тарафи ДДФСТ ба номи М. Турсунзода солҳои 2019-2021 бо даъват гардидани олимону мутахассисони кишварҳои хориҷ, бо иштироки омӯзгорону донишҷӯёни шуъбаи актёрӣ тренингу семинархо ва дарсҳои маҳорату курсҳои бозомӯзӣ гузаронида, барои даъвати мутахассисони хориҷӣ кишвар 200 000 сомонӣ пешбинӣ гардида, маблағи мазкур 100% истифода гардид.[2]

Мавриди қайд аст, ки вобаста ба тайёр намудани кадрҳои соҳаи санъати театрӣ муассисаҳои олии касбӣ ва миёнаи касбии кишвар то ҳол дар сатҳи поин қарор дорад.

Муассисаҳои олии касбии фарҳангии кишвар; Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода бо теъдоди (1259 донишҷӯ), Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистон (1039 донишҷӯ) ва Консерваторияи миллии Тоҷикистон ба номи Талабхӯҷа Сатторов (359 донишҷӯ) пурра фаъолият доранд.[3]

Дар ин самт Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати ба номи М. Турсунзода, ки ягона муассисаи олии доир ба омода намудани

---

[1] БҶ ВФҶТ // Маълумотнома оид ба иҷрои Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои фарҳанг, санъат ва табъу нашри Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022. - В. 3.

[2] БҶ ВФҶТ // Ҳисоботи солони ДДФСТ ба номи М. Турсунзода оид ба иҷрои нақша-чорабиниҳои Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба амалисозии Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи фарҳанг, санъат ва табъу нашри Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 дар соли 2021. - В. 6.

[3] БҶ ВФҶТ//Ҳисоботи фаъолияти шуъбаи илм ва муассисаҳои таълимӣ дар соли 2021.- В. 4-6.

мутахассисони соҳаи театр вобастааст, вале ҳамасола теъдоди ками мутахасисон дар ин соҳа омода мегардад. Агар танҳо соли таҳсили 2020–2021-ро натиҷагирӣ намоем, шумораи умумии хатмкунандагони зинаҳои бакалавриат ва магистр 601 нафарро ташкил дода, аз ин шумора ҳамагӣ 17 нафар зинаи бакалавриат ва 2 нафар магистр яъне дар маҷмуъ ихтисоси санъати театриро 19 нафар хатм намудааст, ки ба (3,1%) мерасад.[1]

Ҳамзамон кори факултаи санъати тасвирии Донишкадаи давлатии санъати тасвирӣ ва дизайни Тоҷикистонро дар самти тайёр намудани рассомони театр, зочасозон ҷоннок бояд кард.

Пайдост, ки ҳамасола бо мақсади тайёр кардани мутахассисони соҳаи фарҳанг ва санъат дар хориҷи кишвар тибқи бурсияҳои ҷудонамудаи Вазорати маориф ва илми Федератсияи Россия дар Тоҷикистон теъдоди муайяни довталабон ба муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Россия фиристода мешаванд.

Мутаассифона, дар татбиқи амалишавии барномаҳои давлатӣ ва бурсияҳои ҷудогардида, бо сабабҳои номаълум театрҳои касбии шаҳрҳои Бохтару Кӯлоб кам мавриди таваҷҷуҳ қарор мегиранд. Хуб мешуд, ки чӣ барои таҳсил ва чӣ барои такмил додани малакаву маҳорати эҷодии кормандони театрҳои мазкур аз ҷониби Вазорати фарҳанг ва дигар мақомотҳои дахлдор нисбат ба ин масъала чораандешӣ карда мешуд. Зеро ин масоил яке аз мушкилотҳои ҷиддии имрӯзаи муассисаҳои мазкур маҳсуб ёфта, ин табодул дар рушду инкишофи фаъолияти минбаъдаи онҳо бе таъсир нахоҳад монд.

Новобаста аз баъзе норасоию камбудиҳои ҷойдоштаи соҳа, пешравиҳо ҳам дида мешаванд. Дар ин муддат масоили фарҳангу ҳунар тадриҷан ба сатҳи баланди давлатӣ бардошта шуда истода, имрӯз соҳаи фарҳанг дар давлатдорӣ мақоми баландро ишғол менамояд.

[1] БҶ ВФҶТ // Ҳисобот оид ба натиҷаҳои фаъолияти Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода дар соли 2021. - В. 8.

Аз таҳлилҳо бармеояд, ки тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ баҳри инкишофи санъати театрӣ аз ҷониби давлату ҳукумат барои муттаҳидсозии ҳунарпешагон ва фароҳам овардани шароити мусоиди эҷодӣ дар ҷумҳурӣ бахусус вилояти Хатлон тадбирҳои судманд андешида шуда истодааст.

Ҳанӯз Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар вохӯрӣ бо ҷавонони кишварамон (21.05.2005) иброз намуда: «Кӯшиши давлат ба рушд ва таъмини моддии инфраструктураи фарҳанг – дастгирии театрҳо, марказҳои ҷавонон, китобхонаҳо, нашри адабиёти таълимӣ ва бадею методӣ, бо технологияҳои компютерӣ таъмин намудани муассисаҳои таълимӣ, муассисаҳои варзиш ва таҳияи барномаҳои гуногун оид ба ташакулли фикри арзишҳои аҳлоқиву маданӣ, тарзи ҳаёти солим ва тарбияи ҷисмонӣ нигаронида шудааст».[1]

Воқеан, ҳукумати кишвар ба соҳаи фарҳангу ҳунар чун соҳаи афзалиятноки ҳаёти иҷтимоӣ, таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуда, баҳри боз ҳам беҳдошти вазъи иҷтимоии аҳли эҷоду ҳунар чораҳои заруриро андешад.

Тӯли беш аз 30 соли соҳибистиқлолӣ шумораи намоишномаҳо, ҳунарнамоӣ, иштирок дар озмуну фестивалҳои дохилию хориҷӣ, сафарҳои ҳунарӣ зиёд ва сатҳи хизматрасонии театрҳои касбии вилояти Хатлон хубтар гардиданд.

Имрӯзҳо театрҳои касбии вилояти Хатлон баҳри амалисозии сиёсати фарҳангии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули фазои ягонаи фарҳангӣ, Амру фармонҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси вилояти Хатлон, фармоиш ва дастурҳои Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон мавриди баррасӣ ва иҷро қарор дода, дар баргузории ҷашну чорабиниҳои фарҳангии сатҳи вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ саҳми арзандае гузошта истодаанд.

---

[1] Раҳмонов, Э. Ватани худро дӯст доред, қадр кунед ва ҳифз намоед. - Душанбе: Деваштич, 2005. – С. 12.

Зимни ин мебояд гуфт, ки аҳли эҷоду ҳунарии театрҳои касбии вилоят аз он меболанд, ки Ҳунарпешагони халқии ҶШС Хайрӣ Назарова, Бегимсултон Алифбекова, Муслима Боқиева, Ҳофизи халқии ҷумҳурӣ Одина Ҳошим, Арбоби ҳунари ҷумҳурӣ Хайрулло Абдуллоев, Ҳунармандони халқии ҷумҳурӣ Убайдулло Раҷабов, Мирзоватан Миров, Давлат Муқимов, Аловуддин Абдуллоев, Қурбон Собиров, Ҳунарпешаи шоистаи ҶШС Файзулло Исматов, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Толибҷон Бобоев дар театрҳои мазкур фаъолият кардаанд. Ҳамеша номи устодони соҳибунвону варзидаи санъат Ҳошим Гадоев, Хушназар Майбалиев, Ҳабибулло Абдураззоқов, Тӯрахон Аҳмадхонов, Дамир Дӯстмуҳаммадов, Миратулло Атоев, Фаррух Қосимов, Барзу Абдураззоқов ва дигарон, ки солҳои гуногун бо ҳайати эҷодии театрҳо ҳамкориҳо кардаанд, бо арзи эҳтиром ёд меоранд.

Шумораи умумии кормандони театрҳои касбии вилояти Хатлон мувофиқи ҳисоботҳои оморӣ дар соли 2021 чунин ададро ташкил менамояд:

Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ - драмавии ноҳияи Данғара аз 114 воҳиди корӣ, ҳамагӣ 96 нафар фаъолият мекунанд, ки аз он 69-нафар мард ва 27 нафар зан мебошанд. Дар театр 2 нафар дорандагони Ифтихорномаи Президент ва 20 нафар дорандагони нишони сарисинагии «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» фаъолият менамоянд. (Замимаи 5).

Театри вилоятии мусиқӣ - мазҳакаи ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар аз 108 воҳиди корӣ, ҳамагӣ 101-нафар корманд фаъолият менамояд, ки аз он 66-нафар мард, 35 нафар зан мебошанд. Дар театр 3 нафар Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, 2 нафар Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон ва 4 нафар дорандагони медали «Хизмати шоиста» фаъолият доранд. (Замимаи 6).

Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи Сайдалӣ Вализодаи шаҳри Кӯлоб аз 86 воҳиди корӣ, ҳамагӣ 79-нафар корманд кор мекунад, ки аз он 58-нафар мард ва 21нафар зан мебошанд. Дар театр 4 нафар Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, 2 нафар дорандагони Ифтихорномаи

Президент, 1 нафар дорандаи Ордени «Шараф» дараҷаи дуюм, 1 нафар дорандаи медали «Хизмати шоиста», 18 нафар дорандагони нишони сарисинагии «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» фаъолият менамоянд.(Замимаи 7).

Театри вилоятии лӯхтаки «Афсона»-и шаҳри Бохтар 23 воҳиди корӣ фаъолият мекунанд, ки аз он 13- нафар мард ва 10-нафар занон мебошанд. Дар театр, 1 нафар дорандаи Ифтихорномаи иттифоқи дизайнерони Тоҷикистон, 1 нафар дорандаи медали «Корманди шоиста», 2 нафар дорандагони нишони сарисинагии «Аълочии фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон» фаъолият менамоянд. (Замимаи 8).

Дар маҷмуъ, соли 2021 дар чор театри касбии вилояти Хатлон 299 (100%) нафар корманд фаъолият менамуд, ки аз ин шумора 80 (26,8 %) нафарро кормандони техникӣ ташкил медиҳанд. (Замимаи 9).

Пайдост, ки ба амалӣ намудани сиёсати фарҳангии кишвар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон пайваста барои рушди санъат машғул мебошад. Новобаста аз ин, дар фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон то ҳол норасоиҳо чашмрасанд, ки пеш аз ҳама, ба мушкилоти молиявӣ ниёз доштани онҳост. Ин амал дар рафти ташкилу боло бурдани хизматрасонии фарҳангӣ ба аҳолӣ то андозае таъсири манфӣ мерасонад. Ҳолати имрӯзаи фаъолияти муассисаҳои театрӣ заминаи мусоиди густариши соҳаро фароҳам намеорад. Дар ин радиф мушкилотҳое ҳастанд, ки ҳалли худро тақозо доранд:

1. Сатҳи ҳунарӣ ва сифати фаъолияти муассисаҳои мазкур дар вилоят ба талаботи рӯзафзуни замон ҷавобгӯ нестанд.

2. Театр худ ҳунари дастаҷамъист ва таҳиягарон дар он нақши муҳимро мебозанд, аммо то ҳол норасоии коргардонҳо дар театрҳо дида мешаванд.

3. Яке аз мушкилиҳои асосии театрҳо ин боз ҳам норасоии мутахассисони касбӣ ва суст гардидани базаи моддӣ –техникиашон мебошад.

4. Гарчанде, ки факултаи такмили ихтисоси кормандони соҳаи фарҳанг, санъат ва табъу нашри ДДФСТ дар ҳоли фаъол амал дорад, аммо таваҷҷуҳи роҳбарияти театрҳо нисбати фиристодан ба курсҳои бозомӯзӣ ва такмил додани савияи дониши кормандон, ҳамзамон ҷалб ва дастгирии ҷавонони болаёқат нигаронкунанда аст.

Ин омилҳо метавонад, дар инкишофи минбаъдаи фаъолияти театрҳои мазкур заминаҳои номусоидро пеш оварад. Бинобар ин, зарурати ҳалли ин мушкилот дар сатҳи давлатӣ пеш омадааст.

## 2.2 Рушди фаъолияти минбаъдаи театрҳои касбии вилояти Хатлон дар замони соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ

Истиқлолияти давлатӣ омили асосӣ дар ҷараёни инкишофи фарҳанги ҷумҳурӣ гардид. Баъди қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи фарҳанг»[1] ва Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон вазъи соҳаи фарҳанг дар кишвар то андозае беҳтар гардид. Батадриҷ ва раҳоӣ аз бӯҳрони иқтисодӣ, бо субот гаштани ҳаёти иҷтимоӣ - сиёсӣ ва ҳамкории васеи ҷумҳурӣ бо кишварҳои хориҷӣ сабаби густариши дигаргунсозиҳо дар ҳаёти иҷтимоӣ, аз ҷумла дар соҳаи фарҳанг низ гардиданд. Таҳлили фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон дар даҳсолаи аввали соҳибистиқлолӣ нишон дод, ки кор дар театрҳо заиф гардида, шумораи намоишномаҳо ва тамошобинон кам шуда, ин муассисаҳо қариб, ки аз фаъолият боз монданд, ки иллати ҳамаи ин гуфтаҳо сар задани ҷанги шаҳрвандист.

Соли 2001 2 театр дар вилояти Хатлон амал мекард. Ҳунармандони театрҳои касбии вилоят новобаста аз мушкилиҳои солҳои пешин дар оғози асри XXI фаъолияти худро дар ҷодаи ҳунар бо қадамҳои устувор оғоз намуда, ҳам аз ҷиҳати сатҳи касбӣ ва ҳам аз ҷиҳати репертуари бойю рангини худ дар қатори театрҳои касбии бонуфузи ҷумҳурӣ шомил гардиданд.

---

[1] Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дар бораи фарҳанг аз 13 декабри соли 1997. № 519 // Паёми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1997. – №23-24. (28.06.2011с., №734).

Дар ин давра дар театрҳои 8 намоишномаи нав ва зиёда аз 10 барномаҳои консертӣ омода намуданд. Ҳайати эҷодии театри Кӯлоб намоишномаи «Завлона»-и О. Раҳмон дар таҳияи М. Хаёлов, бахшида ба иди «Наврӯз» «Суманаки ҷонбахш»-и Ф. Ашӯр ва «Моҷарои имтиҳон»-и А. Атобоев (таҳиягар М. Раҳмон), «Фиғон»-и Ф. Ашӯр ва «Мири кабир»-и М. Ғоиб (таҳиягар Д. Убайдуллоев) рӯи саҳна оварданд. Ғайр аз ин ҳунармандони театри мазкур дар ҷашни 10-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар боғи ба номи Исмоили Сомонии шаҳри Кӯлоб, ки бо иштироки Пешвои Миллат муҳтарам Ҷаноби Олӣ баргузор шуда, бо барномаҳои театрикунонидаи худ ширкат намуданд. Моҳи ноябр театр ба Ҷумҳурии Исломии Эрон сафари ҳунарӣ намуда, асари М. Ғоиб «Мири Кабир»-ро манзури мардуми онҷо гардониданд. Дар соли 2001 ба хазинаи театр 1198 сомонӣ, ки аз ин 1053 сомонӣ аз ҳисоби барномаҳои консертӣ ва аз ҳисоби намоишномаҳо бошад 145 сомонӣ маблағ ворид гардид. Натиҷаи солонаи театр 57 намоишнома ва шумораи тамошобинонаш бошад 6000 нафарро ташкил медиҳад.[1]

Театри мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа Бо ин мақсад тибқи нақшаи кории театр дар давоми сол намоишномаҳои зеринро рӯи саҳна оварданд: асари С. Сафаров «Зангирии қорипочо» мазҳакаи мусиқии аҷиби тамошобоб, ки дар он зиндагии баъзе мардоне, ки ба макру найранги занони бадфеъл гирифтор шудаанд қисса мекунад, асарҳои завқу тарбияи бачагонадоштаи «Моҷарои обкашон»-и З. Ибод, «Ханда - ханда» ва «Табассуми бобо Ҳасан» аз рӯи асари драматургон А. Азимов ва З. Ибод (таҳиягар А. Абдуллоев), «Афсонаҳои солинав»-и Х. Давлатов (таҳиягарон А. Азимов ва А. Абдуллоев). Ҳамзамон намоишномаи «Аршин мол - олан»-и Ӯ. Ҳоҷибеков ва «Моҷарои обкашон»-и З. Ибод қариб, ки дар ҳамаи ноҳияҳои вилояти Хатлон инчунин дар ноҳияҳои Ҳисор, Шаҳринав

[1] БҶ РФВХ // Ҳисоботи хаттӣ оиди ҷамъбасти фаъолияти идораи фарҳанги вилояти Хатлон дар соли 2001.- В. 2.

ва шаҳри Душанбе низ намоиш дода шуд.[1] Дар соли 2001 ба хазинаи театр 2500 сомонӣ ворид гардид ҳамчунин 23 нафар ба кор қабул шуданд, ки аз ин 10-тояш кормандони эҷодӣ мебошанд.[2]

Театрҳои касбии вилоят мавсими соли 2002 6 намоишнома рӯи саҳна гузошта, пешкаши мухлисони худ гардониданд. Ҳамзамон бо барномаҳои консертию намоишномаҳои драмавӣ ба шаҳру ноҳияҳои вилоят сафарҳои ҳунарӣ анҷом доданд.

Театри С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб асари С. Аюбӣ «Курсии мағрур»-ро саҳнавӣ мегардонад. Муҳтавои намоиш аз зиндагии марде қисса мекунад, ки ӯ курсии афсунгаре месозад ва мардумро гумроҳ намуда, бо ин роҳ пули зиёд ба даст меоварад. Намоишномаи дигари таҳиянамудаи театр ин «Тори анкабут»-и М. Набиев буда, дар таҳияи Р. Одинаев саҳнавӣ гардид. Ҳайати эҷодии театр ба ноҳияҳои Панҷ, Восеъ, Қумсангир (Ҷайҳун), Бохтар (Кӯшониён) ва шаҳри Қӯрғонтеппа сафари ҳунарӣ намуда, барномаҳои рангини консертӣ ва намоишномаҳо пешкаши тамошобинон гардониданд. Бахшида ба рӯзи театри тоҷик намоишномаи «Бозори нафс»-и Ҷ. Қуддус тақдими ҳаводорони санъат гардида, дар анҷом як гурӯҳи ҳунармандони театр аз тарафи Ҳукумати вилоят бо ифтихорнома сарфароз мегарданд. Бо даъвати директори театр М. Аминова вазифаи саркоргардони театрро Раҳмоналӣ Одинаев бар ӯҳда мегирад ва дар алоқаи эҷодии Давлат Убайдуллоев, ҳамчун коргардони навбатии театр бо ҳунармандони он пайваста густариш меёбад. Бояд қайд кард, ки бо иллати дар таъмир қарор доштани бинои театри ба номи С. Вализода, чанд сол ҳунармандони театри мазкур макони машқи худро дар Қасри фарҳанг ва муддате дар боғи фарҳангу истироҳати шаҳри Кӯлоб муҳайё намуда, ҳамзамон ба омодасозии барномаҳои консертӣ рӯ меоранд.[3]

---

[1] БҶ РФВХ // Ахборот оиди фаъолияти идораи фарҳанги вилояти Хатлон дар нуҳ моҳи соли 2001. - В. 3.
[2] БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти театрҳои касбӣ ва мардумии шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон дар соли 2002. - В. 2-3.
[3] БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти идораи фарҳанги вилояти Хатлон ва муассисаҳои фарҳангии он дар соли 2002. - В. 4.

Театри мусиқӣ - мазҳакаи шаҳри Қӯрғонтеппа аввали сол асари М. Ғоиб «Волидони беворис»-ро дар таҳияи саркоргардони театр Ҷ. Расулов рӯи саҳна меорад. Намоишномаи мазкур, ки мавзӯи он масъалаи доғи рӯз, яъне нашъамандиву нашъаҷаллобиро дар бар мегирифт, бо супоришу дастгирии Ҳукумати вилоят дар бисёре аз шаҳру навоҳии вилоят намоиш дода шуда, аз ҷониби мардум ҳам пазироӣ шуд. Гурӯҳи ҳунарии театр тайи сол бо барномаҳои ҳунариву намоишномаҳои ҷолибу диданӣ дар шаҳру навоҳии вилоят ва дигар манотиқи кишвар баромад намуданд. 3 – моҳаи чоруми сол асари А. Хатлонӣ «Ҷаласаи қисмат», дар таҳияи Ҷ. Расулов ба ифтихори ҷашни 10-солагии Иҷлосияи 16-уми Шурои Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон рӯи саҳна меояд.[1]

Соли 2003 дар фаъолияти эҷодии Театри мазҳакаи мусиқии шаҳри Кӯлоб пешравиҳо назаррас буданд. Репертуари театр аз намоишномаҳои «Бозори нафс»-и Ҷ. Қуддус, «Тори анкабут»-и М. Набиев, «Ҳасрати Эйнштейн»-и Ҳ. Ғоиб, инсенировкаи Р. Одинаев, «Заргӯши доно»-и Ш. Қиёмов, намоишномаи солинавии «Бобои барфӣ», «Аҷӯзкампир», «Қӯчқор» ва «Маймун»-и А. Табарова иборат буданд. Дар давоми сол театр бо намоишномаи «Тори анкабут» назди аҳолии шаҳр ва донишҷӯёни Донишгоҳи давлатии Кӯлоб, ноҳияи Муъминобод ва шаҳри Қӯрғонтеаппа 7 маротиба ҳунарнамоӣ карданд. Санъаткорони театр Р. Мадиев, М. Ҳоҷимадов ва ҳаҷвнигор М. Файзов бо сарварии Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон Ф. Тӯраева ба ноҳияҳои Восеъ, Шӯрообод ( Ш. Шоҳин), Сарбанд (Леваканд), Панҷ ва Фархор ба сафари ҳунарӣ баромада ҳунари худро ба пешкаши мардум гардониданд. Аз ҳисоби намоишҳои консертӣ ва драмавӣ ба буҷаи театр дар ин сол 4450 сомонӣ ворид гардида, шумораи тамошобинон бошад зиёда 170 000 нафарро ташкил дод.[2]

Ин сол барои театри шаҳри Қӯрғонтеппа низ соли хотирмон буд. Дастаи ҳунарии театр дар тамоми чорабиниҳо, ҷашнҳои маркази вилоят

---

[1] Ҳамон ҷо. - В. 3.

[2] Ҳисобот дар бораи фаъолияти ВФҶТ дар соли 2003 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2004. –Душанбе, 2004. - С.11.

ширкат намуда, хотири сокинонро шод намуданд. Ворид гардидани намоишномаҳои нав ба репертуари театр «Як танга тилло»-и А. Ҳамдам (таҳиягар М. Миров) ва мазҳакаи драманависи испанӣ Хасенто Беновенте Мартинес (1866-1954) «Бозиҳои манфиатҷӯёна» дар таҳияи Б.Раҷабов, ки муҳтавои он қиссаи ду шахси фиребгар, ки яке худро хоҷа дигаре ғулом гирифта, мардуми як шаҳрро ба боварии худ даровварда зани сарватмандеро ба зани гирифта бо роҳи фиреб соҳиби пулу моли зиёд мегарданд. Ин намоишномаҳо аз дастовардҳои эҷодии театр маҳсуб меёфт. Театр бо намоишномаи «Як танга тилло»-и А. Ҳамдам зиёда аз даҳ маротиба дар шаҳри Бохтар ва дигар шаҳру ноҳияҳои вилоят ба намоиш гузошта, шумораи тамошобинон 2000 нафарро ташкил дод. Ҳамзамон гурӯҳи ҳунарӣ бо роҳбарии Ҳунарманди мардумии Тоҷикистон А. Комилова бо барномаи ранги ҳунарӣ бо аҳли заҳмати шаҳру ноҳияҳои Кӯлобу Қӯрғонтеппа 48 номгӯи консертҳо намоиш доданд. Шумораи намоишномаҳо бошад давоми сол зиёда аз 60 ададро ташкил карда ва даромади пулии театр аз ин зиёда аз 3600 сомониро ташкил дод.[1]

Соли 2004 театрҳои касбии вилоят якчанд намоишномаҳоро рӯи саҳна оварда, ҳамзамон сафарҳои ҳунарӣ ба шаҳру навоҳии вилоят анҷом доданд.

Фаъолияти эҷодии Театри ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара моҳи январи соли 2004 оғоз гардид.[2] Ҳайати эҷодии театр нахустин намоишномаи драмавии «То қиёмат»-ро аз рӯи намоишномаи драмнависи тоҷик – С. Аюбӣ дар таҳияи Р. Одинаев ба саҳна гузошт. Ин намоиш порчаеро аз рӯзгори ҳаким Фирдавсиро қисса карда, фарогири характери тарбиявӣ мебошад. Охири соли ҷорӣ театр тавонист, ки намоишномаи кӯдаконаи «Бобои барфӣ куҷост?»-и Р. Одинаев рӯи саҳна орад.[3]

---

[1] БҶ РФВХ // Ҳисоботи Идораи фарҳанги вилояти Хатлон ва муассисаҳои тобеъи он дар соли 2003. - В. 3.
[2] БҶ ВФҶТ // Гузориш оиди рафти иҷроиши Қарори Ҳукумати ҶТ аз 25.09.2003 №478 дар бори Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ – драмавии ноҳияи Данғара. - В. 1.
[3] Аз суҳбат бо саркоргардони театри Кӯлоб Одинаев Р. 13.10.2020.

Театри маҳзакаи мусиқии шаҳри Кӯлоб ба номи С. Вализода соли 2004 бо барномаҳои консертӣ ва намоишномаҳо ҷолиби худ дар назди аҳли заҳмати ноҳияҳои Данғара, Сарбанд ва Ҳамадонӣ ҳунарнамоӣ карданд.[1] Ба истиқболи 80-солагии пойтахти азизамон 24 - 26 сентябр рӯзҳои вилояти Хатлон дар шаҳри Душанбе барпо гардид. Даҳҳо ҳазор нафар сокинони пойтахт дар толорҳои театрҳои М. Воҳидов ва А. Лоҳутӣ аз намоишномаҳои Театри мазҳакаи мусиқии шаҳри Кӯлоб ва Театри мусиқӣ-мазкавии шаҳри Қӯрғонтеппа баҳраи маънавӣ бардоштанд. Метавон гуфт, ки намоишномаи «Бозори нафс»-и Ҷ. Қуддус ва «Зангирӣ ё дамгирӣ»-и С. Сафаров писанди тамошобинони зиёди пойтахт гардид.[2]

Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Б. Раҷабов баробари роҳбари театри шаҳри Қӯрғонтеппа таъин гаштанаш ба таҳияи якчанд асарҳои мавзуи ахлоқию тарбиявидошта даст мезанад. Намоишномаҳои «Тавоно бувад ҳар кӣ доно бувад» ва «Арчаи сеҳрнок»-и Қ. Шукуров ва «Некӣ бимонад ҷовидон»-и А. Файзиевро рӯи саҳна меорад.[3] Инчунин дар театри мазкур ин сол асари бачагонаи «Ҳиллаҳои Тешабой ва микроб»-ро дар таҳияи Қ. Шукуров рӯи саҳна омад. Театр - студияи назди ин даргоҳ бо намоишномаҳои «Тимсоҳи доно», «Гавҳорачунбонак ва мор» дар ноҳияҳои Панҷ, Дӯстӣ ва Ҷ. Балхӣ сафари ҳунарӣ анҷом доданд.[4] Мавриди зикр аст, ки соли ҷорӣ бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 феврали соли 2004 таҳти №51 Театри мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа ба номи Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, барандаи ҷоизаи давлатии Иттифоқи Шуравӣ ва ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Ато Муҳаммадҷонов (1940-2002) гузошта мешавад.

---

[1] БҶ ВФҶТ // Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2004. - В. 9.

[2] БҶ РФВХ // Ҳисобот фаъолияти Маркази илмӣ- фарҳангии Идораи фарҳанги вилояти Хатлон дар соли 2004. - В.5.

[3] Зариф, И. Кохи ҳунари Вахшон (Аз таърихи театри Қӯрғонтеппа). – Қӯрғонтеппа, 2013. – С. 48.

[4] Ҳисобот дар бораи фаъолияти ВФҶТ дар соли 2004 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2005. Душанбе: 2005. - С. 9.

Ҳайати эҷодии театрҳои касбии вилояти Хатлон дар соли 2005 низ фаъол буданд. Аз ҷумла, Театри мусиқӣ - драмавии ноҳияи Данғара ин сол намоишномаи «Экстрасенс»-и С. Муқаддамов (1944 - 2008) ва «Хурӯспочо, халтаро биёр»-и Ш. Солеҳов ва З.Содиқова дар таҳияи коргардони Р. Одинаев рӯи саҳна овард. Бо далели комил набудани ҳайати эҷодии театр, барои иҷрои нақшҳо дар намоиш, аз ҳунармандони шуъбаи фарҳанги ҳокимияти иҷроияи ноҳияи Данғара М. Рашидова, Х. Восиева, Ш. Нуралиева ва Ҳ. Фахриддинов бар асоси шартнома даъват мегарданд.[1]

Театри шаҳри Қӯрғонтеппа дар ин мавсим намоишномаҳои панду андарздори бачагонаро аз рӯи асари Х. Давлатов «Калидчаи заррин», «Қиссаи Хирс ва Хорпушт»-и Қ. Шукуров дар таҳияи муаллиф ва «Ҷанговари айёр»-и З. Ибод (таҳиягар Б. Раҷабов) рӯи саҳна меорад.[2]

Бо дастур ва ризоияти мақомоти иҷроияи вилоят ҳунармандони Театри ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб бо барномаҳои консертӣ ба назди сокинони шаҳру ноҳияҳои вилоят сафари ҳунарӣ намуда, ба онҳо хизмати фарҳангӣ расониданд. Ҳамчунин таҳти коргардонии Д. Убайдуллоев асари драматурги рус Мария Ладо «Бисёр ҳам воқеаи ғайриоддӣ»-ро саҳнавӣ мегардад. Мавзӯи намоиш рӯзмарра буда, характери тарбиявиро дар бар мегирад. Аз ин ҳисоб наздики 15 000 сомонӣ ба хазинаи муҳосибии театр ворид гардид.[3]

Соли 2006 барои театрҳои касбии вилояти Хатлон соли хотирмон буд. Аз таҳлилҳо бармеояд, ки дастовардҳои ҳунармандони театрҳои касбии вилоят беҳтаранд. Саҳми театрҳои касбии вилоят дар беҳдошти зебоипарастӣ, тарбияи маънавию ахлоқии ҷомеа назаррасаст.

Мутобиқи нақша ва дастури раёсати фарҳанги вилоят ҳайати эҷодии театрҳои касбии вилоят дар давраи таътили зимистона баҳри ҷалб кардани мактаббачагону наврасон ба театр ва хуш гузаронидани таътили онҳо

---

[1] Кабутов, З., Махсумов, М. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ – драмавии ноҳияи Данғара. – Душанбе, 2013. - С. 21.

[2] Аз суҳбат бо Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон Муҳаммад Шомуддинов, 14. 04. 2020.

[3] БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди ҷамбасти фаъолияти Идораи фаҳанг ва сохторҳои он дар нӯҳ моҳи соли 2005. - В. 2-4.

намоишномаҳои наву ҷолиб аз ҷумла: театри мазҳакаи мусиқии Кӯлоб намоишномаи афсонавии бачагонаи «Шамшери сеҳрнок» (таҳиягар Р. Одинаев) ва Театри мусиқӣ - мазҳакавии Қӯрғонтеппа намоишномаи «Калидчаи заррин»-и Д. Холматов (таҳиягар Б. Раҷабов) ва барномаи калони «Шоу- консерт» омода карда, чандин бор пешкаш намуданд. Театри мазҳакаи мусиқии Кӯлоб давоми солҳои 2005 - 2006 пурра мавриди таъмиру азнавсозӣ ва корҳои сохтмонӣ қарор дошт. Роҳбарият ва ҳайати эҷодии театр бо вуҷуди мушкилот тавонистанд ба дастовардҳои арзанда ноил шаванд. Пеш аз ҳама дастрасӣ бо воситаҳои хуби техникӣ - баландгӯякҳо, ҳамзамон боз як адад нақлиёти хизматӣ харидорӣ намуданд. Дар доираи омодагиҳо ба ҷашни 2700-солагии шаҳри Кӯлоб бо барномаҳои хосаи ҷашнӣ меҳмони аксар ноҳияҳои вилоят ва ноҳияҳои водии Рашт гардиданд. Бахшида ба ҷашни 60 - солагии Донишгоҳи давлатии Кӯлоб асари «Хиёнат»-и М. Набиев саҳнавӣ шуд.[1] Намоиш хитобе буд ба баъзе мансабдороне, ки намехоҳанд, ки фарзандонашонро ба хизмати модар – ватан сафарбар намоянд. Ҳамчунин асари драманависи қирғиз Ч. Калибекова «Фиғони дили раҳгумзада», ки он фаҳшу фоҳишагии баъзе занонро нишон медод, дар таҳияи Р. Одинаев рӯи саҳна оварда шуданд. Санъаткорони театри мазкур тибқи супориши раиси вилоят ду маротиба ба назди афсарону сарбозони қушунҳои сарҳадии Дидбонгоҳи 5-и қисми низомии 2133 воқеъ дар ҳудуди деҳоти «Даркад»-и ноҳияи Фархор бо барномаҳои консертӣ баромад намуданд.[2]

Аз моҳи май соли 2006 шаҳри Кӯлоб ба макони баргузории бисёр чорабиниҳои калони фарҳангию ҳунарӣ табдил меёбад. Ҷашни 2700-солагии Кӯлоби бостонӣ, ки ба таҷлили он дер боз омодагиҳо мерафт, рӯзи 10 – уми сентябр меҳмонони дурру наздикро пазируфт. Дар варзишгоҳи шаҳри Кӯлоб таҳти роҳбарии коргардони шинохта роҳбари театри касбии

---

[1] БҶ РФВХ // Ҳисобот дар бораи фаъолияти Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2006 ва самту вазифаҳои ташкилоту муассисаҳои фарҳангу иттилооти вилоят дар соли 2007. - В. 3.
[2] БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2006. - В. 5.

Қӯрғонтеппа Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Б. Раҷабов қисмати асосии фарҳангии ҷашнвора - намоиши калони театришударо бо номи «Мазҳари тамаддун» (муаллифон М. Бахтӣ, С. Аюбӣ, Ф. Сафарова, Б. Раҷабов) таҳия намуда, тақдими меҳмонону иштирокдорони ҷашн гардонид.[1]

Дар соли 2006 театри шаҳри Қӯрғонтеппа бо коргардонии Б. Раҷабов барномаи театрикунонидашудаи « Ҳикмати Наврӯзӣ», «Масал бигӯ, Эзоп»-и А. Абдуҷабборов таҳия намуданд.[2] Театри мазкур дар соли ҷорӣ беш аз 160 намоишномаҳо пешкаши тамошобинон намуда зиёда аз 7000 сомонӣ ба хазинаи театр даромад ворид намудааст.[3]

Мутаассифона, дар театри ноҳияи Данғара дар соли сипаришуда ягон асари нав таҳия нашуд ва Шурои бадеии театр дар ду соли охир умуман фаъолият накардааст. Бинои театр, махсусан фарши он фарсудаю таъмирталаб мебошад, лавозимоти саҳна, таҷҳизоти техникии он, ороиши равшанӣ, дастгоҳи овозӣ солҳои 50-умро ба хотир меоранд инчунин яке аз иллати асосӣ ин норасоии кадрҳои баландихтисос аст.[4] Аммо дар китоби ба табъ расидаи театр таҳти унвони «Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ – драмавии ноҳияи Данғара» дар ин сол намоишномаҳои «Лаҳади Абдулаҳаб»-и С. Аюбӣ ва «Рустам ва Сӯҳроб»-и Ғ. Абдулло (таҳияи Р. Одинаев) саҳнавишуда дарҷ гардидааст.[5]

Театрҳои касбии вилояти Хатлон соли 2007 фаъолияти эҷодиашонро бо нерӯи нав оғоз намуданд. Театрҳои мазкур дар муқоиса бо солҳои пешин беҳтар ба назар расида, дастовардҳои ин ҳайати эҷодиро метавон қаноатбахш арзёбӣ кард. Дар ин давра театрҳои номбурда 5 намоишномаи

[1] БҶ РФВХ // Ҳисобот дар бораи фаъолияти Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2006 ва самту вазифаҳои ташкилоту муассисаҳои фарҳангу иттилооти вилоят дар соли 2007. - С. 4.

[2] Ҳисобот дар бораи фаъолияти ВФҶТ дар соли 2006 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2007. – Душанбе, 2007. - С. 7.

[3] БҶ РФВХ // Ҳисобот дар бораи фаъолияти Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2006 ва самту вазифаҳои ташкилоту муассисаҳои фарҳангу иттилооти вилоят дар соли 2007. - С. 5.

[4] Ҳисобот дар бораи фаъолияти ВФҶТ дар соли 2006 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2007. – Душанбе, 2007. - С. 7-8.

[5] Кабутов, З., Махсумов, М. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ – драмавии ноҳияи Данғара. – Душанбе, 2013. - С. 24.

нав ва барномаҳои консертиву намоишномаҳои солинавӣ таҳия намуда, манзури тамошобинон гардониданд. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ - драмавии ноҳияи Данғара дар соли 2007 песаи Ғаюр Ашӯров (1951-2012), мазҳакаи «Дод аз дасти Афандӣ»-ро дар таҳияи Д. Убайдуллоев ва бахшида ба соли байналмилалии оби тоза намоишномаи «Оби мусаффо»-и Ҳ. Салимов ва И. Сафаровро дар таҳияи Р. Одинаев рӯи саҳна овард.[1]

Новобаста аз душвориҳои иқтисодӣ ҳайати эҷодии Театри мусиқӣ - мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа дар соли 2007 бо роҳбарӣ ва коргардонии Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Б. Раҷабов намоишномаи « Ҳусейни аробакаш»-и Ф. Ашӯр ва «Манам ягонаи ту»-и Ж. Озубекова, ки мавзуи намоишномаҳо фарогири проблемаҳои рӯзгор ва оилавӣ буда дар он танқисии зиндагӣ, барпо намудани оила, беэҳтиромии волидайн тасвир ёфтааст.[2] Дар охири ҳамин сол бошад намоишномаҳои солинавии «Барфак гум шуд» ва «Қиссаи муш ва гӯрба»-и Х. Орифӣ рӯи саҳна оварда пешкаши кӯдакону наврасон гардониданд. Таҷлили 16-солагии Истиқлолияти давлатӣ ва 70-солагии шаҳри Қӯрғонтеппа бо намоиши театркунонидашуда таҳти унвони «Воҳаи ганҷу сафо» (муаллифон Б. Раҷабов ва А. Хатлонӣ) бо барномаи калони идонаи ҳунармандони вилоят анҷом пазируфт.[3] Дар ин мавсим шароити кору эҷод дар театри мазкур беҳтар гардида, бо дастгириву кумаки мақомоти ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон бо микроавтобуси тамғаи «Газел», тақвияти овоз, дастгоҳи барқдиҳанда, студияи сабти овоз, утоқи хуби корӣ ва толори театр бо дастгоҳи ҳозиразамони гармдиҳандаи барқӣ таъмин гашта, барои ҳунармандон як қувваи дигареро дар кору фаъолияташон зам намуд. Ин буд, ки даромади солонаи театр аз ташкили намоишҳо ва

[1] Ҳисобот дар бораи фаъолияти ВФҶТ дар соли 2007 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2008. – Душанбе, 2007. - С. 10.
[2] Ҳамон ҷо. - С. 11.
[3] БҶ РФВХ // Ҳисобот дар бораи фаъолияти раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2007. - В 3.

сафарҳои ҳунарӣ 20 000 сомониро ташкил дода ва ба 23 000 тамошобин хизмати маънавӣ расонида шуд.[1]

Соли 2007 барои ҳунармандони Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб низ соли дастовардҳои калони эҷодӣ мансуб меёбад. Дастгирию талошҳои доимии роҳбарияти театр М. Аминова, дарки баланди масъулиятшиносии саркоргардон Р. Одинаев ва заҳмати шабонарӯзии ҳунармандони театр имкон дод, ки ин сол онҳо ба дастовардҳои назаррас ноил гарданд. Бо вуҷуди ин тармиму азнавсозии бинои театри номбурда идома дошт, вале ин ҳама натавонист ба фаъолияти корӣ ва эҷодии театр таъсири манфӣ расонад. Рӯи саҳна овардани 3 намоишномаи нав: «Шуллук ва занҳои террорист»-и Ш. Солеҳ, дар мавзуи тозагӣ гарави соломатӣ таҳия шуда, моҷарои байни занҳои ҷорӯбкаш ва сардори онҳо тасвир ёфтааст, намоишномаи кӯдаконаи «Мушполвонро пешвоз гиред»-и Р. Одинаев ва композитсияи адабӣ - мусиқӣ бо номи «Нури маърифат» ба ифтихори 800-солагии Мавлоно Ҷалолиддини Балхӣ (1207-1273) аз қабили ин гуфтаҳост. Бо композитсияи адабӣ - мусиқӣ «Нури маърифат» ҳайати эҷодии театр дар ҷашни 70-солагии шаҳри Қӯрғонтеппа (Бохтар), ки дар «Кохи Ватан» баргузор шуд, ширкат намуда пешкаши меҳмонони ифтихории ҷашнвора гардониданд.[2] Дар ин давра метавон театри касбии шаҳри Кӯлобро, ки бо истифода аз ин имкониятҳои худ кору фаъолият дорад, яке аз театрҳои замонавии кишвар ном бурд. Бо иқдому ташаббуси роҳбарияти театр ба ифтихори 70-солагии ҳунарманди мумтоз, Ҳофизи халқии Тоҷикистон Одина Ҳошимов санаи 21 ноябр дар толори театри Кӯлоб маҳфили бошукуҳи адабӣ - мусиқӣ бо номи «Навоят Ҳошимо пуршӯр бошад» аз рӯи сенарияи Р. Одинаев таҳия шуда бо иштироки фаъолони шаҳр, шогирдон ва мухлисони ин ҳунарманд баргузор гардид. Дар ин сол ҳайати эҷодии театр тавонист аз ҳисоби

---

[1] БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти идораи фарҳанги вилояти Хатлон ва муассисаҳои фарҳангии он дар се моҳаи чоруми соли 2007. Ҳамон ҷо. - В. 4.
[2] Ҳамон ҷо. - В. 4.

намоишномаҳову барномаҳои консертиаш ба хазинаи театр маблағи 23 000 сомонӣ даромади пулӣ ворид намояд.[1]

Фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон дар соли 2008 батадриҷ хубтар гашта, бо репертуари гуногунмавзуъ тавонистанд дар қатори театрҳои касбии бонуфузи ҷумҳурӣ шомил гарданд. Дар ин давра театрҳои касбии вилоят 6 намоишнома таҳия ва пешкаши тамошобинон гардониданд.

Ҳайати эҷодии Театри ҷумҳуриивии мусиқӣ - драмавии ноҳияи Данғара дар оғози соли 2008 песаи драманавис М. Набиев «Савдои ишқ» дар таҳияи Р. Одинаев, ки мавзӯи он характери тарбиявӣ дошта, зиндагии занеро инъикос менамояд, ки чӣ тавр даст ба фаҳшу фоҳишагӣ зада оқибат бо азобу ҳасратҳо оламро падруд мегӯяд. Ҳамчунин ба муносибати 1150 солагии асосгузори адабиёти тоҷику форс Абӯабдуллоҳ Рӯдакӣ (858 - 941) аз рӯи асари «Рӯдакӣ»-и Ҷ. Куддус дар таҳияи М. Каримов ва «Макри зан - ҷуволи арзан»-и Ғ. Ашӯровро дар таҳияи Д. Убайдуллоев рӯи саҳна оварданд. Асарҳои таҳияшуда тарбиявӣ буда, имкон фароҳам оварад, ки тамошобин зовияҳои нави шинохти бурду бохти инсонро барои худ кашф кунад. Дар ин давра 85 бор намоишномаҳо манзури тамошобинон гардиданд.[2]

Театри мусиқӣ - мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа дар соли 2008 намоишномаи характери тарбиявидоштаи «Некӣ бимонад ҷовидон»-и А. Файзиев, қисмате роҷеъ ба сарнавишту рӯзгори шоиру форсу тоҷик А. Рӯдакӣ драмаи «Рӯдакӣ»-и С.Улуғзодаро дар таҳияи Б. Раҷабов рӯи саҳна оварданд. Дар ин давра театр бо таҷҳизоти тақвияти овоз, нақлиёт барои сафарҳои ҳунарӣ ва асбобҳои барқӣ таъмин гардида, толори калон, утоқҳои корӣ ва пардозгарӣ аз

---

[1] БҶ РФВХ // Ҳисобот дар бораи фаъолияти раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2007. - В. 5.

[2] Ҳисобот дар бораи фаъолияти ВФҶТ дар соли 2008 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2009. – Душанбе, 2009. - С. 7.

таъмир бароварда шуданд.[1] Дар арафаи соли нави мелодӣ бо коргардонии Б. Раҷабов намоишномаҳои кӯдакона аз рӯи асари А. Файзиев «Рӯбоҳ ва харгӯшак дар базми солинавӣ» ва аз рӯи асари Қ. Шукуров «Афсонаи солинавӣ» барои бачаҳо рӯи саҳна омад.

Мавриди зикр аст, ки дар давоми соли 2008 санъаткорони театри Кӯлоб ва ансамбли «Фалак» дар қисмҳои низомии ноҳияҳои Шоҳин, Ҳамадонӣ ва Фархор баҳри фароғати сарҳадчиён барномаҳои консертиву саҳнаҳои театрӣ намоиш доданд. Ҳамчунин бахшида ба рӯзҳои Ваҳдати миллӣ ва Истиқлолияти давлатӣ дар шаҳри Кӯлоб ва ноҳияҳои минтақа бо суруду оҳангҳои баландмазмун баромад намуда, ба мазмуни чорабиниҳо таровати тоза бахшиданд. Намоишномаи ба ҷашни 1150 - солагии устод Рӯдакӣ тайёрнамудаи ҳунармандони театри Кӯлоб «Офтоб омад далели офтоб» дар ҳамаи ноҳияҳои минтақа намоиш дода шуд. Ҳамчунин санъаткорони театр соли равон ба ноҳияҳои маркази ҷумҳурӣ ва вилояти Суғд сафари ҳунарӣ намуда, муддати беш аз як моҳ зиёда аз 50 - барномаи ҳунарӣ намоиш дода аз ҷониби тамошобинони ҷумҳурӣ гарму ҷӯшон пазиро гардиданд.[2]

Театрҳои касбии вилоят дар соли 2009 намоишномаҳо ва барномаҳои консертӣ таҳия намуда, манзури ҷомеа гардониданд. Ин мавсим дар театри Данғара се намоишнома «Сӯҳони қазо»-и А. Абдуҷабборов (таҳиягар Р. Одинаев), мавзӯи таърихию тарбиявидошта қиссаи ду бародаре, ки яке шоҳ ва дигар сарлашкар сухан рафта аз бадию макри малика муддате умури давлатдорӣ бо ноҷуриҳо рӯ ба рӯ гашта, хушбахтона нияти нопоки малика амалӣ нашуда ин кор занро водор месозад, ки оқибат даст ба худкӯшӣ занад. Намоиши мазҳакавии «Зани шаҳрӣ»-и Ҷ. Қуддус, мавзуи замони моро инъикос намуда моҷарои ҳаёти як зану шавҳарро дар либоси ҳаҷв

---

[1] Ҳисобот дар бораи фаъолияти ВФҶТ дар соли 2008 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2009. – Душанбе, 2009. - С.7-8.

[2] БҶ БРФМКВХ // Ҳисоботи хаттии Идораи фарҳанги минтақаи Кӯлоб дар соли 2008.- В.4.

тасвир намудааст, онро коргардон Арбоби шоистаи санъати ҷумҳурӣ А. Қодирӣ рӯи саҳна овардааст.[1]

Аз 20 то 24 январ сафари ҳунарии ҳайати драмавии театр ба шаҳри Қӯрғонтеппа, ноҳияҳои Вахш, Бохтар ва Балҷувон бо спектакли «Макри зан - ҷуволи арзан» сурат гирифт. Театр дар ин сол дар тамоми ҷашнҳои фарҳангии ноҳия иштирок намуд. Моҳи апрел нахустнамоиши спектакли «Сӯҳони қазо»-и А. Абдуҷабборов баргузор гардид. Моҳи ноябр А. Қодирӣ намоишеро барои кӯдакон аз рӯи асари И. Сафаров ва Ҳ. Салимов «Соли нав дар Яхобод» таҳия намуд. Намоишномаи мазкур дар тӯли моҳи декабр дар тамоми муассисаҳои ноҳия намоиш дода шуд. Дар маҷмуъ, шумораи тамошобинони намоишҳои театр дар соли сипаришуда ба 17 740 нафар мерасид.[2]

Ҳунармандони Театри ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб дар соли 2009 ба мардум хизмати маънавӣ расонида, дар аксар чорабиниҳои вилоятӣ ва шаҳрӣ иштирок намуда, барои дар сатҳи баланд гузаштани он ҳиссаи арзанда мегузоранд. Дар соли 2009 як қатор намоишҳои саҳнавӣ «Ҳилаҳои аҷузкампир», «Шумқадам»-и Ш. Солеҳ дар таҳияи Р. Одинаев ва «Азҳоби қиёс»-и Ғ. Ашӯр ба намоиш гузошта шуданд.[3] Барои гузаронидани соли нави мелодӣ «Афсонаи солинавӣ»-ро аз рӯи сенарияи Р. Одинаев ба саҳна гузошта аз 15.12.09 намоишҳо дар муассисаҳои таҳсилоти умумӣ ва «Шоу консерт» дар ташкилоту муассисаҳо аз рӯи дархости онҳо ва гурӯҳи «Наврас» дар боғчаҳо баргузор карданд. Аз 10-октябр то 19-ноябр ба ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ ба сафари ҳунарӣ баромада бо 41 баромади худ ба 15 356 нафар тамошобин хизмати маънавӣ расониданд.

---

[1] Ҳисобот дар бораи фаъолияти ВФҶТ дар соли 2009 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2010. – Душанбе, 2009. - С. 4.

[2] Аз суҳбат бо ҳунарманд, ҷонишини деректори театри Данғара Махсумов М, 21.04.2020.

[3] Ҳисобот дар бораи фаъолияти ВФҶТ дар соли 2009 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2010. – Душанбе, 2009. - С. 4.

Ҳамагӣ то моҳи декабри соли ҷорӣ коллективи театр зиёда аз 80 намоишу барномаҳо пешкаши сокинони вилоят намуд.[1]

Дар ин мавсим ҳайати эҷодии Театри мусиқӣ – мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа як чанд намоишномаҳоро дар коргардонии Б. Раҷабов аз рӯи асари А. Қодирӣ ва И. Усмонов «Лаку Пак» ва асари С. Умар «Тавҳид», бо коргардонии М. Шомуддинов, асари А. Абдураҳмонов «Салим ва мор», асари Х. Давлатов «Бурёкӯбони харгӯш» бо коргардонии Қ. Шукуров рӯи саҳна оварданд. Театр бо намоишномаҳои «Лаку Пак»-и А. Қодирӣ ва И. Усмонов, «Қиссаи ҷангалбон»-и Қ. Шукуров, «Тавҳид»-и С. Умар, «Кӯпрук»-и Ф. Ниёзӣ (1914-1991) ва «Некӣ бимонад ҷовидон»-и А. Файзиев ба ноҳияҳои Вахш, Кӯшониён ва Хуросон сафарҳои ҳунарӣ намуда манзури тамошобинон гардониданд.[2] Ин мавсим театр тавонист 113 намоишнома ба 53 000 тамошобин пешкаш ва 24 194 сомонӣ маблағ ба хазинаи театр ворид намояд.[3]

Соли 2010 дар ҷумҳурӣ 16 театри касбӣ, ки аз ин 3 театри касбӣ дар вилояти Хатлон: Театри мусиқӣ - драмавии ноҳияи Данғара, Театри мусиқӣ - мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа ва Театри мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб фаъолият доранд. Фаъолияти театрҳои касбии вилоят дар ин сол хубу назаррас буд. Ин мавсим 11 намоишномаи нав саҳнавӣ гардид.

Мавсими 2010 бо тағйироти муҳимми кадрӣ дар Театри ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара оғоз гардид. Масъулияти саркоргардонӣ бар ӯҳдаи Арбоби шоистаи санъати Тоҷикистон Абдулҳафиз Қодиров ва вазифаи директори театр ба Корманди шоистаи Тоҷикистон Зубайд Кабутов вогузор карда шуд. Барои таваҷҷуҳу ҷалби тамошобин А. Қодиров тасмим гирифт, ки ба репертуари театр асарҳои ҷолибу диданиро ворид намояд. Ӯ

---

[1] Ҳисобот дар бораи фаъолияти ВФҶТ дар соли 2009 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2010. – Душанбе, 2009. - В. 3.

[2] Ҳисобот дар бораи фаъолияти ВФҶТ дар соли 2009 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2010. – Душанбе, 2009. - С. 4.

[3] БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2010. - В. 7.

дар оғози сол песаҳои характери мазҳакавидоштаи Ш. Солеҳ «Бойи золиму хурӯси ҷабрдида», «Фолбинии Афандӣ»-и А. Баҳорӣ ва «Афсона мехоҳам»-и Ҷ. Қуддус, инчунин намоишномаи «Сухани вопасини модар»-и Ш. Ҳусайнов (1929 - 1999), мавзӯи тинати одаму одамгарӣ, ахлоқи ҳамидаи инсон пеш аз ҳама эҳтироми падару модарро ба ҷо овардан тасвир намуда, дар таҳияи А. Қодиров манзури тамошобинон гардониданд. Бо ин намоишномаҳо ба шаҳру новоҳии вилояти Хатлон, шаҳри Турсунзода ва ноҳияи Рӯдакӣ сафари ҳунарӣ анҷом доданд.[1]

Ҳунармандони Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализода давоми сол бахшида ба 65-солагии Ғалаба дар Ҷанги Бузурги Ватанӣ намоишномаи «Агар ҷанг намебуд»-и А. Ҳамдам (таҳиягар Д. Убайдуллоев), ки мавзӯи таърихии солҳои (1941-1945) тасвир намуда, аз ҳаёти ду нафар рафиқу ҳамяроқ қисса менамояд, саҳнавӣ намуданд. Ҳамчунин композитсияи адабӣ–мусиқӣ «Қаҳрамонон намемиранд», намоишномаҳои кӯдаконаи «Сандуқи сеҳрнок»-и А. Файзиев, ва «Афсонаи солинавӣ» (таҳиягар Р. Одинаев) рӯи саҳна меоранд. Сафари ҳунарии ҳунармандони театр ба пойтахти кишвар аз санаи 13 то 22 сентябри соли равон сурат гирифта бо намоишномаҳои «Асҳоби қиёс»-и Ғ. Сафаров, «Агар ҷанг намебуд»-и А. Ҳамдам, «Шумқадам»-и Ш.Солеҳ дар Театри русии ба номи Маяковский ва барномаи консертӣ бо номи «Файзи истиқлол» дар Кохи Тоҷикистон ба сокинони пойтахт пешкаш шуд.[2] Инчунин бо асари «Занҳои террорист»-и Ш. Солеҳ дар «Марафони фарҳангӣ» дар шаҳри Қӯрғонтеппа ва дар баргузории Иди байналмилалии «Наврӯз», ки дар ноҳияи Данғара шуда гузашт, фаъолона ширкат варзиданд. Моҳи июли ҳамин сол дар театри намоишномаи «Асҳоби қиёс»-и Ғ. Ашӯров дар таҳияи Д. Убайдуллоев, барои гурӯҳи меҳмонони аз Ҷумҳурии исломии Покистон пешкаш шуд. Дар ин давра 107 намоишнома

---

[1] Ҳисобот дар бораи фаъолияти ВФҶТ дар соли 2010 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2011. – Душанбе, 2011. - С. 9.

[2] БҶ БФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб дар нӯҳ моҳи соли 2010. - В. 5.

ба 58 618 тамошобин пешниҳод гардонида 16 860 сомонӣ ба хазинаи муҳосиботи театр фоида овардааст, ки нисбат ба соли 2009 - 1909 сомонӣ зиёд мебошад.[1]

Фаъолияти эҷодии Театри вилоятии шаҳри Қӯрғонтеппа ҳам ҷолиб буд. Ҳайати эҷодии театр аввали сол бо барномаи консертии «Марҳабо соли нав» ва гурӯҳи лӯхтаки назди театр бо намоишномаи «Бурёкубони Харгӯшак» ба ноҳияи Ҷиликӯл ва шаҳри Сарбанд сафари ҳунарӣ анҷом доданд.[2] Дар ин давра театр асари маъмули мазҳакавии Ж. Б. Молер «Табиби зӯракӣ» (таҳиягар А. Абдуллоев), «Кӯлвори сеҳрнок»-и А. Файзиев (таҳиягар П. Раҷабов) ва бахшида ба 65-солагии Ғалаба асари таърихии «Аскарҳо»-и М. Варфоломеев (1947-2001) таҳияи Б. Раҷабов ба саҳна гузоштанд.[3] Ҳунармандони театр намоишномаи «Табиби зӯракӣ»-и Ж. Б. Молерро ба мазҳакаи аҷоиби саҳнавӣ табдил доданд. Бо супориши вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон 7 ноябри соли 2010, дар рӯзи театри тоҷик дар Театри давлатии ҷавонони ба номи М. Воҳидови шаҳри Душанбе пешкаши роҳбарияти Вазорати фарҳанг, ходимони ҷамъияти театрӣ ва намояндагони театрҳои касбии пойтахт гардонида шуд.[4] Ҳамзамон театр бо намоишномаи «Бӯрёкӯбони харгӯшак», «Қарзи виҷдон» ва барномаҳои консертӣ дар шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ва шаҳри Хорӯғу ноҳияи Мурғоби ВМКБ дар сафари ҳунарӣ буданд.[5] Дар маҷмуъ, соли 2010 театри мазкур 120 намоишома ба 60 000 тамошобин пешкаш карда, 26 232 сомонӣ ба хазинаи театр маблағ ворид намуд. Ҳамчунин

---

[1] БҶ РФВХ // Ҳисоботоид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2010. - В. 8.
[2] БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар шаш моҳи соли 2010. - В. 2-4.
[3] БҶ РФВХ // Гузориш оид ба натиҷаҳои ҷамбасти фаъолияти Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2010. - В. 3.
[4] Зариф, И. Кохи ҳунари вахшон. (Аз таърихи театри Қӯрғонтеппа) - Қӯрғонтеппа. 2013.-С. 57.
[5] Ҳисобот оиди фаъолияти ВФҶТ дар соли 2010 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2011. - С. 8-9.

театр аз тарафи ҳукумати вилоят ба маблағи 54 490 сомонӣ маблағгузорӣ гардид, ки 19 548 сомонӣ нисбати соли 2009 зиёд аст.[1]

Ҳамин тавр, дар даҳсолаи дуюми соҳибистиқлолӣ натиҷаҳои таҳилҳо собит сохт, ки вазъи иқтисодӣ – иҷтимоии ҷумҳурӣ беҳтар гашта, маблағгузорӣ ба соҳаи санъати театрӣ ба тадриҷ зиёд шуда, дар ин давра барои иштироки ҳунармандони тоҷик дар озмунҳо ва фестивалҳои байналмилалӣ шароити мусоид фароҳам шуд. Дар ин давра аҳли эҷодии театрҳо тавонистанд зиёда аз 50 асарро рӯи саҳна оваранд. (Замимаи 3).

Ҳайати эҷодии театри ноҳияи Данғара соли 2011 се намоишномаи нав «Бо як гул ҳам баҳор мешавад»-и И. Усмонов ва А. Қодиров, мавзӯи рӯзмара вобаста ба ришвахӯриву ришваситонии баъзе афроди мансабдор ва бо кадом пайомадҳо анҷом ёфтани онро дар либоси ҳаҷв тасвир намуда буд. Намоишномаи «Диёри қалбҳои хаста»-и Т. Мамадризоев бошад, моҳияти таърихии солҳои пурдаҳшати ҷанги шаҳрвандиро дар Тоҷикистон инъикос менамояд. Ҳамчунин дар ин давра намоишномаи мазҳакавии «Гар зан ба шӯр ояд»-и С. Сафаров образи занҳоро дар либоси шӯрангезиашон тасвир намудааст, рӯи саҳна омад. Ҳайати эҷодии театр бо намоишномаи «Бо як гул ҳам баҳор мешавад»-и И. Усмонов ва А. Қодиров моҳҳои июн ва июл дар сафари ҳунарии театр ба ноҳияҳои тобеи пойтахт, вилояти Суғд ва вилояти Хатлон баромад намуданд.[2]

Ҳунармандони Театри мусиқӣ – мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа дар соли 2011 асари С. Умар «Моҷаро…ишқ…саҳна» дар таҳияи Б. Раҷабов, намоишномаҳо барои кӯдакон «Саргузашти се бузича»-и А. Файзиев ва Ҷ. Ҳошимӣ дар таҳияи П. Раҷабов, «Як киву чанд чӣ»-и З. Ибод дар таҳияи М. Шомуддиновро рӯи саҳна оварданд. Дар баробари ин гурӯҳи «Лӯхтак»-и назди театр бо

---

[1] БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2010. - В. 7.

[2] Кабутов, З. Махсумов, М. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ – драмавии ноҳияи Данғара. – Душанбе, 2013. - С. 50.

намоишномаи «Қиссаи Хирс ва харгӯшак» ба шаҳру ноҳияҳои вилоят сафари ҳунарӣ анҷом дода пешкаши кӯдакону наврасонро гардониданд.[1]

Ҳунармандони театри ба номи С. Вализода дар ин мавсим намоишномаи «Шоҳин»-и С. Аюбиро, ки ба ҳаёт ва фаъолияти шоири тоҷик Ш. Шоҳин (1865-1895) бахшида шуда буд, таҳия намуданд. Асари М. Ҷӯрабекова «Ошиқам ман, ошиқ», ки аз ишқи ду ҷавони дилдода қисса мекард, саҳнавӣ гардонда шуд. Илова бар ин, баҳри болидарӯҳии кӯдакон намоишномаи «Се бузича»-и А.Файзиев дар таҳияи Р. Одинаев рӯи саҳна оварда, инчунин бо барномаҳои консертии «Файзи Истиқлол», «Меҳри Ватан», «Ватандорӣ» дар чорабиниҳои ҷашнӣ ширкат варзиданд.[2] Ҳунармандони театр бо намоишномаи «Шумқадам»-и Ш. Солеҳ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон сафари ҳунарӣ анҷом доданд. Театр соли 2011 дар маҷмуъ 128 - намоиш (43 - тоаш ба таври ройгон) гузаронида, ба 10 000 тамошобин хизмати маънавӣ расонид ва 29 753 сомонӣ ба хазинаи худ ворид кард.[3]

Соли 2012 барои театри ноҳияи Данғара намошномаҳои ишқӣ-лирикии «Ишқи Дев»-и А. Қодиров ва И. Усмонов, асарҳои тарбиявии «**Ҷ**анги нафс орад хатар»-и А. Қодиров, «Гар зан ба шӯр ояд»-и С. Сафаров ва «Диёри қалбҳои хаста»-и Т. Мамадризоев манзури дӯстдорони санъат гардонид.[4]

Театри вилоятии шаҳри Қӯрғонтеппа бошад, асарҳои «Моҷарои имтиҳон»-и А. Атобоев, «Бойи золим ва хурӯси доно»-и Ш. Солеҳ (дар таҳияи М. Шомуддинов), «Қиссаи Хирс ва Хорпушт»-и Қ. Шукуров (дар таҳияи А. Абдураҳмонов) ва «Лаку Пак»-и А. Қодиров ва И. Усмонро (дар

---

[1] Зариф, И. Кохи ҳунари Вахшон (Аз таърихи театри Қӯрғонтеппа). – Қӯрғонтеппа, 2013. – С. 61.
[2] БҶ БРФМКВХ // Ҳисоботи солонаи муассисаҳои фарҳангии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар соли 2011. -В.4.
[3] БҶ БРФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С.Вализодаи шаҳри Кӯлоб дар соли 2011. - В. 2-3.
[4] Кабутов, З. Махсумов, М. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ – драмавии ноҳияи Данғара. – Душанбе, 2013. - С. 56.

таҳияи Б. Раҷабов) рӯи саҳна оварда, инчунин бо барномаҳои консертӣ дар чандин чорабиниҳои фарҳангии шаҳриву вилоятӣ ширкат намуданд.[1]

Ҳайати эҷодии театри ба номи С. Вализода дар соли 2012 бо намоишномаи «Саргузашти се бӯзича»-и А. Файзиев ва барномаҳои консертӣ зери унвони «Савти ваҳдат» ва «Таронаи ваҳдат» дар таҳияи А. Табарова дар вилоят сафарҳои ҳунарии худро бомуваффақият анҷом дода, дар маҷмуъ 102 намоишнома (40-тояш ройгон), ба 50 000 тамошобин хизмат маънавӣ расонида, 40 000 сомонӣ ба хазинаи театр ворид намуданд.[2]

Соли 2013 театрҳои касбии вилояти Хатлон тибқи нақшаи солона фаъолияти худро ба роҳ монда, намоишномаҳои ҷолибу диданиро рӯи саҳна овармаанд.

Театри мусиқӣ - драмавии ноҳияи Данғара дар ин давра рӯ ба рушду пешравиҳо дошт. Бо таъини Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Давлат Убайдуллоев ба вазифаи саркоргардони театр кор дар театр маҷрои худро дигар мекунад. Ӯ дар ин давра намоишномаи дидании «Субҳи козиб»-ро аз рӯи асари Ғ. Ашӯр, ки мавзӯи сидқу вафою оиладорӣ меҳвари ғоявии асарро ташкил медод, рӯи саҳна оварда, бо намоиши «Гар зан ба шӯр ояд»-и С. Сафаров ва барномаҳои рангини консертӣ ба ноҳияҳои минтақаи Рашт сафари ҳунарӣ анҷом доданд.[3]

Театри Ато Муҳаммадҷони шаҳри Қӯрғонтеппа дар мавсими театрӣ намоишномаи моҳияти тарбиявии «Доғе аз зоғе»-и М. Бахтӣ дар таҳияи Қ. Шукуров, «Тоҳир ва Зӯҳро»-и А. Файзиев, ки муҳаббати самимии ду дилдода мавзӯи асосии асарро ташкил медод (таҳияи П. Раҷабов), ҳамчунин барномаҳои рангини консертиро омода намуда, манзури тамошобинон мегардонад. Ҳамзамон театр сафарҳои ҳунариро ба шаҳру

---

[1] БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди кору фаъолияти театри вилоятии мусиқӣ- мазҳакавии ба номи А. Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа дар нӯҳ моҳи соли 2012. - В. 3-4.
[2] БҶБРФМКВХ // Ҳисоботи солонаи муассисахои фархангии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар соли 2012. -В.5.
[3] Кабутов, З. Махсумов, М. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ – драмавии ноҳияи Данғара. – Душанбе, 2013. - С. 63.

навоҳиҳои ҷумҳурӣ анҷом дода, тавассути ин намоишномаҳо ба хазинаи театр ба маблағи 71 118 сомонӣ даромади пулӣ ворид мешавад.[1]

Театри шаҳри Кӯлоб соли 2013 намоишномаҳои «Фиғон»-и Ф. Ашӯрро дар таҳияи М. Раҳмон, «Пӯлдон»-и драматурги франсуз Э. Лабишро (1815-1888) дар тарҷума ва таҳияи М. Ҷӯрабекова, ки мавзӯи асарҳои мазкур ба тарбияи ҷавонон ва интихоби роҳи дурусти онҳо дар зиндагӣ бахшида шуда, барномаи ҳунарии композитсияи адабӣ-мусиқӣ бо номи «Сарбози Ватан» дар таҳияи А. Табарова, намоишномаи кӯдаконаи «Бойи золим ва хурӯси ҷабрдида»-и Ш. Солеҳов ва «Рӯбоҳ ва харгӯш дар базми солинавӣ»-и А.Файзиев дар таҳияи Р. Одинаевро саҳнавӣ намуданд. Театр дар ин мавсим 85-намоиш пешкаши тамошобинон намуд, ки аз ин 18-тояш ройгон, дар маҷмуъ ба 21 000 тамошобин хизмати маънавӣ расониданд ва 33 000 сомонӣ ба хазинаи театр ворид намуданд. Барои истифодаи корҳои истеҳсолии театр ва асбобҳои тақвияти овоз, инчунин гузаронидани намоишу барномаҳои ҳунарӣ аз ҳисоби буҷети маҳаллӣ 28 000 сомонӣ ҷудо гардида, таҷҳизоти техникӣ харидорӣ шуданд.[2]

Фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон дар соли 2014 ҳаҷман ва сифатан беҳбудӣ ёфта, маъмурияти театрҳо барои баланд бардоштани сифати намоишномаҳо, нақша-чорабиниҳо тартиб дода, баҳри иҷрои боҳунаронаи он кӯшиш ба харҷ медиҳанд. Дар ин давра театрҳои мазкур 11 намоишномаи нав ва барномаҳои консертӣ таҳия намуда манзури ҷомеа намуданд.

Ҳайати эҷодии театри ноҳияи Данғара намоишномаи «Пайраҳаи зиндагӣ»-и С. Сафаров (дар таҳияи Ф. Раҷабов), ки он аз саргузашти писарбачаи ятиме, ки бо мушкилиҳои зиёди зиндагӣ рӯ ба рӯ шуда, оқибат ноком мегардад, рӯи саҳна меоранд. Ҳамчунин театр намоишномаҳоро аз рӯи ҳикояҳои «Хостгорӣ» ва «Хирс»-и А. П. Чехов, мазҳакаи «Ишқи

---

[1] БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти Театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи А.Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа дар соли 2013. - В. 4.

[2] БҶ БРФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С.Ализодаи шаҳри Кӯлоб дар соли 2013. - В. 2-3.

бозорӣ»-и Ҷ. Қуддус (дар таҳияи Б. Қурбонзода) ва «Гулпарӣ» (муаллиф ва таҳиягар А. Файзиев) таҳия намуданд. Мундариҷаи ин асарҳо фарогири моҷароҳои оилавӣ буда, фаровардашон тарбиявианд.[1]

Мавсими 2014 театри А. Муҳаммадҷони шаҳри Қӯрғонтеппа намоишномаи «Тӯҳмат ё зани сабукпо»-и Озел Арабул дар тарҷумаи Н. Табаров (таҳиягар Н. Раҷабова) дарбаргирандаи масоилҳои оилавӣ, мазҳакаи «Кафшҳои Абулқосим»-и Н. Табаров ва Т. Аҳмадхонов вобаста аз рӯзгори шахсе сарватманди мумсик, ки аз хасисии зиёд аз ҳисоби кафшҳои кӯҳнааш бо мушкилиҳои зиёде рӯ ба рӯ мегардад, «Зангирӣ ё дамгирӣ»-и С. Сафаров (таҳиягар Қ. Шукуров), ки моҷарову проблемаҳои оилавиро инъикос менамуд, инчунин «Заргӯшаки доно»-и Ш. Қиёмов (дар таҳияи Э. Султонзода) таҳия намуда, гурӯҳи ҳунармандони театр бо барномаи консертӣ таҳти унвони «Шукри Ваҳдат» ба минтақаҳои гуногуни кишварамон сафарҳои ҳунарӣ анҷом доданд.[2]

Фаъолияти театри вилоятии шаҳри Кӯлоб дар соли 2014 пурсамар буда, ҳайати эҷодии театр ин мавсим намоишномаи «Доми фиреб»-ро аз рӯи асари драманависи қирғиз Ж. Қулмамедов, ки дарбаргирандаи мавзӯи доғи рӯз яъне терроризму экстремизм буда, аз макри одамони бадхоҳ ва чӣ тавр ба дом афтодани ҷавонон қисса мекард, таҳия намуданд.Бахшида ба 69-солагии рӯзи Ғалаба бар фашизм намоишномаи «Пайвандгари дилҳо»-и Р. Одинаев, ки аз рӯзгори Қаҳрамони Иттиҳоди Шуравӣ С. Амиршоев (1912-1944) қисса мекард, саҳнавӣ мегардад. Вобаста ба ҳаёту фаъолияти эҷодии ҳаким Фидавсӣ асари «Фирдавсӣ»-и М. Бахтӣ дар таҳияи Ҳунарманди халқии Тоҷикистон (1998), барандаи ҷоизаи давлатии ба номи А. Рӯдакӣ (2010) М. Миров рӯи саҳна омада, ҳамзамон барномаи консертӣ бахшида ба 23-солагии Истиқлолияти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ваҳдати миллӣ таҳти унвони «Савти Истиқлол» ва «Таронаи Ваҳдат» таҳия ва

[1] БҶ ВФҶТ Ҳисоботи эҷодии Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара» дар соли 2014. - В. 3.
[2] БҶ РФВХ//Ҳисобот оиди фаъолияти Муассисаи давлатии «Театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи А.Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа» дар соли 2014. - В 2.

пешкаши тамошобинон мешаванд. Ҳайати эҷодии театр дар соли 2014, 120 - намоишро рӯи саҳна овард, ки аз ин 60-тояш ройгон буда, дар маҷмуъ ба 45 000 тамошобин хизмати маънавӣ расонид, ки дар натиҷа 40 000 сомонӣ маблағи пулӣ ба хазинаи муҳосиботи театр ворид шуд.

Дар соли 2015 театри ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара намоишномаҳои «Лаҳади Абӯлаҳаб»-и С. Аюбӣ (таҳиягар А. Қодирӣ), «Шулук ва занҳои террорист»-и Ш. Солеҳ (таҳиягар С. Алимов), «Лаҳзае бо Аллома»-и Ҷ. Қуддус дар таҳияи Р. Одинаевро таҳия намуданд, ки мавзӯи намоишномаҳои таҳияшуда моҳияти тарбиявӣ дошта, талқини роҳу усули одаму одамгарианд, инчунин намоишномаи бачагонаи «Саргузашти се бузича»-и А. Файзиев (дар таҳияи С. Алимов) рӯи саҳна оварданд. Ҳамзамон театр дар шаҳру навоҳии вилояти Хатлон сафарҳои ҳунарӣ анҷом доданд.[1]

Театри А. Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа намоишномаҳои «Алибобо ва чил роҳзан»-и Султон Усмонов (тарҷумаи А. Абдуллоев ва таҳияи Қ. Шукуров), асари таърихии вобаста ба вазъи мардуми тоҷики ақибгоҳбудаи солҳои ҶБВ (1941-1945) «Барои фронт»-и З. Ибод (дар таҳияи М. Шомуддинов), намоишномаи мавзуи тарбиявӣ – ахлоқии «Қорӣ ишкамба» аз рӯи асари С. Айнӣ «Марги судхӯр» дар таҳияи Б. Раҷабов ва У. Билолӣ ва асари характери ишқӣ - лирикидоштаи «Толиб ва Матлуб»-и Ё. Одинаев (дар таҳияи Э. Султонзода) рӯи саҳна оварданд. Воқеист, ки театр соли 2015 фаъолияти назаррас нишон дода ҳайати он қариб, ки дар тамоми манотиқи кишвар, аз ҷумла, ВМКБ, вилояти Суғд, шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ бо намоишҳои хуб ва барномаҳои ҳунарӣ сафарҳо анҷом дода, зиёда аз 150 намоиш ва барномаҳои консертӣ рӯи саҳна оварда аз ин 40 намоишнома ройгон буда ва ба 42 000 тамошобинон хизмати маънавӣ расонида 63 450 сомонӣ ба

---

[1] БҶ ВФҶТ // Ҳисоботи эҷодии Муассисаи давлатии «Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ - драмавии ноҳияи Данғара» дар соли 2015. - В. 1-3.

хазинаи театр даромад ворид карданд. Аз маблағи ба даст омада барои театр таҷҳизоти техникию хоҷагӣ харидорӣ шуд.[1]

Театри вилоятии шаҳри Кӯлоб соли 2015 мутобиқ ба мавзуоти рӯз, проблемаҳои оилавӣ намоишномаи «Гирдоби зиндагӣ»-и М. Набиевро дар таҳияи С. Мадалиев, «Солори Аҷам»-и Ф. Ашӯрро бахшида ба 700-солагии шоир Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ, ки қисса аз рӯзгори шоир аст (дар таҳияи М. Миров), намоишномаи тарбиявии бачагонаи «Бӯрёкӯбони харгӯшак»-и Х. Давлатовро дар таҳияи Р. Одинаев ба намоиш гузошт. Боиси хушнудист, ки дар ин давра ҳунармандони театрро муяссар гардид, ки гурӯҳи лӯхтакро ташкил диҳанд ва бо намоишномаи бачагонаи «Бӯрёкӯбони харгӯшак»-и Х. Давлатов аввалин бор баромад карданд. Бо ин намоишномаҳо ба шаҳрҳои Душанбе, Қӯрғонтеппа ва ноҳияҳои вилояти Хатлон сафари ҳунарӣ ҳам анҷом доданд.[2] Ҳайати эҷодии театр дар соли 2015, 200 намоиш ва барномаҳои консертӣ аз ин 65- тояш ройгон буда ва ба хазинаи театр 70 000 сомонӣ даромади пулӣ ворид намуданд. Аз ин ҳисоб микроавтобуси тамғаи «Газел», ки солҳо аз истифода боз монда буд ба маблағи 7000 сомонӣ аз нав таъмир гардида барои истифодаи сафарҳои хизматӣ омода гардид. Ҳамчунин дар ин мавсими театрӣ аз ҳисоби буҷаи маҳаллӣ ба маблағи 100 000 сомонӣ қисмати беруна, толор ва саҳнаи театр таъмир гардид.[3]

Соли 2016 бо таъсис ёфтани Театри ҷумҳуриявии драмаи мусиқии ба номи М. Воҳидови ноҳияи Ашт шумораи театрҳои касбӣ дар ҷумҳурӣ ба 17 адад расид. Дар вилояти Хатлон ҳамоно 3 театри касбӣ амал мекард. Ҳайати эҷодии театрҳои касбии вилояти Хатлон дар ин давра хеле серташвиш буда, баробари иштирок дар чорабиниҳои оммавию фарҳангӣ тавонистанд намоишномаҳои навро рӯи саҳна оваранд.

---

[1] БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти Театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи А.Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа дар соли 2015. - В. 3.

[2] БҶ БРФМКВХ // Ҳисоботи фаъолияти муассисаҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар соли 2015. -В. 5.

[3] БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти Муассисаи давлатии «Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб» дар соли 2015. - В. 4.

Театри ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара намоишномаи мазҳакаи «Кампир ёбам дадаҷон?»-и Х. Хурсандов (таҳиягар Р. Одинаев)-ро, ки муҳтавои асар ҳаёти муйсафеди хайрхоҳ ва ҳамсоягони камбизоати ӯро дар деҳот ташкил медод, рӯи саҳна оварданд. Инчунин дар ин мавсим драмаи «Зиндамаргон»-и М. Ғоиб (таҳиягар М. Миров), ки дарбаргирандаи воқеаҳои солҳои мудҳиши (1992-97), яъне ҷанги бародаркуш буд, фоҷиаи «Шикасти аввал - Қаромита»-и Ҷ. Қуддус дар таҳияи С. Алимов, ки мавзӯи таърихии воқеаҳои солҳои 942-943 давлати Сомониён фаро мегирифт, барои наврасон бошад асари «Чаманзори Ваҳдат»-и Т. Аҳмадхонов (дар таҳияи Ф. Раҷабов)-ро ба намоиш гузоштанд. Ҳайати эҷодӣ дар соли 2016 ба шаҳри Душанбе ва ноҳияҳои Фархор, Ёвон ва Рӯдакӣ, сафарҳои ҳунарӣ анҷом дода,[1] аз ин 25 000 сомонӣ ба хазинаи театр ворид карданд.[2]

Театри ба номи А. Муҳаммадҷонов дар соли 2016 мазҳакаи «Хӯса»-и Н. Табаров (таҳиягар Э. Султонзода)-ро, ки мӯҳтавои асар баъзе камбуду нобасомониҳо дар соҳаи кишоварзӣ буд, ба намоиш гузоштанд. Илова бар ин, асарҳои Қ. Шукуров «Пушаймонӣ», «Қиссаҳои аҷӯзакампир»-и З. Ибод (таҳиягар М. Шомуддинов), ки мавзуоти актуалиро фарогиранд, таҳияю рӯи саҳна омаданд. Сафарҳои ҳунарии театр низ ба шаҳру ноҳияҳои вилояти Хатлон бо муваффақият анҷом ёфта, зиёда аз 40 намоишро барои 10 000 тамошобин пешкаш намуданд. Ҳамзамон, бо намоишномаи «Зангирӣ ё дамгирӣ»-и С. Сафар ба шаҳри Панҷакент ва ВМКБ сафари ҳунарӣ анҷом доданд. Дар ин муддат беш аз 250 намоиш ва барномаҳои консертӣ гузарониданд, ки аз ин 90 тояш ройгон буда, ба зиёда аз 51 000 тамошобин хизмати маънавӣ расонида, 100 130 сомонӣ нақшаи даромади театрро иҷро намуданд, ки нисбати ҳамин давраи соли гузашта 35 000 сомонӣ зиёд мебошад.[3]

---

[1] БҶ ВФҶТ // Ҳисоботи эҷодии Муассисаи давлатии «Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара» дар соли 2016. - В. 2-4.

[2] Натиҷаҳои фаъолияти Вазорати фарҳанг дар соли 2016 ва самту вазифаҳои афзалиятноки рушди соҳаи фарҳангу санъат ва табъу нашр дар соли 2017. - С. 25.

[3] БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2016. - В. 3.

Театри мазҳакаи мусиқии шаҳри Кӯлоб дар соли 2016 вобаста ба эълон шудани Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои ҳаёт» солҳои 2005-2015 намоишномаи «Оби мусаффо»-ро аз рӯи асари И. Сафаров ва Ҳ. Салимов, «Бузинаи бозингар»-и Р. Одинаев, «Зангирии Балзаминов»-и Н. Островскиро дар таҳияи Р. Одинаев, ки фарогири масоили оиладоршавӣ буд, рӯи саҳна овард. Ҳамзамон барномаҳои консертӣ таҳти унвони «Савти истиқлол», «Таронаи Ваҳдат» таҳия шуда, баробари сафарҳои ҳунарӣ ба шаҳрҳои Душанбе, Қӯрғонтеппа, ноҳияҳои Дӯстӣ, Ҷомӣ ва Ҷайҳун, инчунин дар доираи рӯзҳои фарҳанги вилояти Хатлон дар ВМКБ ва бо барномаи «Таронаи Ваҳдат» дар ноҳияи Мурғоб ва шаҳри Хоруғ намоишномаи «Гирдоби зиндагӣ»-и М. Набиев намоиш дода шуд.[1] Дар маҷмуъ, ҳунармандони театр 250 - намоишнома гузаронида, ба хазинаи театр 42 000 сомонӣ ворид намуданд. Лозим ба ёдоварист, ки дар ин давра базаи моддию техникии театр дар ҳолати хуб қарор дошта, 1-автомошинаи тамғаи «Некси», 1- Автобуси – «Хуаниа» ва 1-микроавтобуси «Газел» дар хизмати ҳунармандон буд.[2]

Фаъолияти эҷодии театрҳои касбии вилояти Хатлон дар соли 2017 низ назаррас буда, онҳо дар ин мавсим намоишномаву барномаҳои рангинеро таҳия ва пешкаши дӯстдорони санъат гардониданд.

Намоишномаҳои таҳиянамудаи театри ноҳияи Данғара, аз қабили «Ҷазирбод»-и Ҷ. Қуддус дар мавзӯи порахӯрӣ ва порадиҳӣ, «Дӯздро қарақчӣ зад»-и С. Сафаров (таҳиягар С. Алимов), ки муҳтавои он рафтори нафарони хушомадгӯву дурӯяро дар шакли мазҳака тасвир намудааст, «Дилҳои пуралам»-и М. Набиев, ки хитоб ба баъзе падару модаронест, ки дар тарбияи фарзардонашон бемасъулиятӣ зоҳир менамоянд, ҳамчунин асари кӯдакона - бачагонаи «Ҷангалаки зебои мо»-и И. Сафаров ва Ҳ. Салимов (дар таҳияи Қ. Давлатов) мебошанд. Дар ин давра ҳайати ҳунарии

[1] БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2016. - В. 2.

[2] БҶ БРФМКВХ //Ҳисобот оиди фаъолияти муассисаҳои фарҳанги минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон 2016. - В. 2.

театр ба шаҳру навоҳии вилояти Хатлон ва шаҳри Душанбе сафари ҳунарӣ анҷом доданд.[1]

Театри ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа дар ин мавсим намоишномаҳои «Наврасии Мушфиқӣ»-и Т. Зулфиқоров (таҳиягар Н. Раҷабова), ки дар он наврасии Насриддин тасвир ёфта буд, «Духтари бебисот»-и А. Н. Островский (1823-1886), ки асари мазҳакавӣ буда, фарогири моҷарои барпо намудани оилаи духтаре аз оилаи камбизоат мебошад, намоишномаи «Ревизор»-и Н. В. Гоголь (1809-1852) (таҳиягар Н. Раҷабова), ки мавзӯи он ба дарди ҷомеа дархӯр буда, аз кирдори ношоистаи ришвагирӣ тамошобинро ҳушдор дода, таъкид месозад дар ҳеҷ вазъ даст ба ин кирдор назада бошанд, рӯи саҳна овард.[2] Ҳамчунин асари А. П. Чехов «Шаби ҳикояҳои Чехов» (таҳиягар П. Раҷабов), «Чароғи сеҳрноки Аловиддин»-и А.Чупин (таҳиягар Э. Султонзода) ва «Панда қаҳрамони Кунфу»-и Х. Давлатов (таҳиягар П. Раҷабов), дар маҷмуъ дар ин давра театр 6 асари нав рӯи саҳна овард.[3] Дар ин давра сафарҳои ҳунарии худро театр ба вилоятҳои Хатлон ва Суғд бомуваффақият анҷом дода, 170 намоишномаро ба 51 100 нафар тамошобин пешкаш намуд.[4]

Ҳунармандони театри шаҳри Кӯлоб дар соли 2017 намоишномаи таърихӣ – сиёсии ҳодисаҳои ҷанги шаҳрвандии солҳои 90-ум «Баҳори ваҳдат»-и Ҷ. Қуддус, мазҳакаи «Хурӯспочо ва мокиёнбону» дар таҳияи Р. Одинаевро рӯи саҳна оварданд. Ҳамзамон, бо барномаҳои рангини худ дар чорабиниҳои сатҳи шаҳриву вилоятӣ ширкат намуданд. Театр дар соли 2017 220 намоиш гузаронида нақшаи хизматрасонии пулакиро ба 40 000 сомонӣ расониданд, ки 100 фоизро ташкил медиҳад. Шумораи намоишҳо нисбат ба нақшаи тасдиқшуда 20 адад зиёд аст ва аз шумораи умумии

---

[1] БҶ ВФҶТ // Ҳисобот эҷодии Муассисаи давлатии «Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара» дар соли 2017. - В. 5.

[2] Мамадризоев, Т. Ҳамеша дар ҷустуҷӯ. Паёмномаи фарҳанг (маҷаллаи илмию таҳлилӣ). –Душанбе, 2017. - №4 (40). - С. 96-97.

[3] Ҳисобот оиди фаъолияти Вазорати фарҳанг дар нӯҳ моҳи соли 2017 ва самтҳои афзалиятноки рушди соҳа дар соли 2018. https://www.vfarhang.tj/index.php/tj/khabar-o/.

[4] БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2017. - В. 4.

намоишҳо 80 ададаш ройгон буда, шумораи тамошобинон бошад ба ҷойи 80 000 нафар 88 000 нафарро ташкил дод.[1]

Фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон дар соли 2018 низ назаррас буд. Дар ин давра Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара намоишномаҳои «Дугоникҳо»-и С. Могилевтсевро дар таҳияи С. Алимов, ки асари тарбиявӣ буда, тарзи интихоби роҳи дуруст зиндагиро ба тамошобин бо роҳи мазҳака талқин менамояд, рӯи саҳна овард. «Бори каҷ»-и А. Ҳамдам, дар таҳияи С. Додарбеков ришвахӯриву ришваситониро мазаммат менамояд. Дар намоишномаи таърихию тарбиявии «Роҳҳо»-и И. Усмонов ва А. Қодиров дар таҳияи А. Қодиров бошад, мавзӯи пурдаҳшати ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 инъикос шудааст. Инчунин театр асари «Тахти Султон Маҳмуд»-и Ш. Солеҳ, ки он аз рӯзгори баъзе мансабдорони бесавод, ки аз бесаводи худ даст ба ҳар гуна корҳои номатлуб зада, хиёнат ба касбу миллату худ менамоянд ва мазҳакаи «Зангирии Балзаминов»-и Н. А. Островскиро дар таҳияи Р. Одинаев саҳнавӣ гардониданд.[2]

Ҳайати эҷодии театри шаҳри Бохтар соли 2018 намоишномаи «Арасот»-и Ҷ. Куддус аз рӯи асари «Қиёмат»-и Ч. Айтматов дар таҳияи П. Раҷабзода ба намоиш гузоштанд, ки дар асар хислатҳои мусбию манфии инсонӣ дар қиёфаи ҳайвонот тасвир шудааст. Театр бахшида ба 140 - солагии шоири мардумӣ Абдукарими Қурбон (1878-1918) асари «Карим-девона»-и Т. Аҳматхонов (дар таҳияи Қ. Шукуров) ва «Маликаи барфӣ»и Г. Х. Андерсен (1805-1875), ки моҳияти тарбиявӣ дошта, аз ҷониби П. Раҷабзода таҳия шудааст, рӯи саҳна меорад.[3] Театр бо пешниҳоди 135

[1] БҶ БФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти муассисаҳои фарҳанги минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон 2017. - В. 5.
[2] Натиҷаҳои ҷамбасти фаъолияти Вазорати фарҳанг дар соли 2018 ва самтҳои афзалиятноки пешбурди соҳаҳои фарҳангу санъат ва табъу нашр дар соли 2019. - С. 11.
[3] БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2018. - В. 4.

намоиш ба 32 000 тамошобин хизмати маънавӣ расонида, нақшаи даромади театр дар ин мавсим 110 665 сомонӣ аст.[1]

Театри «Афсона»-и шаҳри Бохтар бо нахустнамоиши «Подоши амал»-и муаллиф ва таҳиягар А. Абдураҳмонов рӯзи 5 апрели соли 2018 дари худро ба рӯи тамошобини хурдсол боз намуда, дар давоми сол асарҳои «Бурёкубони харгӯшак», «Бе ранч наёбӣ ганҷ», «Саргузашти солинавии Хирсак»-и Х. Давлатов ва «Қиссаи Хирс ва Хорпушт»-и Ф.Чориевро рӯи саҳна меоранд.[2]

Фаъолияти эҷодии Театри С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб дар соли 2018, бо намоишҳои тозаэҷоди «Тӯй дар Хуррамдара»-и С. Аюбӣ, ки муҳтавои асар масоили хонадоршавии ҷавонеро дар бар гирифта, бо риоя аз Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» ба намоиш гузошта шудааст, оғоз мегардад. Коргардон Р.Одиназода дар ин асар бо сабку услуби хос ва бо такя аз фолклор, расму оини минтақаҳои гуногуни кишвар, санъати бою рангини миллии тоҷикиро тарҳрезӣ намудааст. Ҳунармандони театр инчунин намоишномаҳои «Дар кӯчаҳои қисмат»-и А. Ҳамдам, ки ба мавзӯи одамрабоӣ ва чӣ тавр аз гумроҳии баъзе занон истифода бурда, онҳоро ба дом афтондан бахшида шуда, асари «Умед»-и Ш. Солеҳ (таҳиягар С. Мадалиев), ки дар он моҷарои як оилаи ҷавон тасвир ёфтааст рӯи саҳна омад.

Соли 2019 театрҳои касбии вилояти Хатлон намоишҳои тозаро саҳнавӣ гардониданд. Дар ин мавсим Театри ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара асарҳои гуногунмазмунро, аз қабили «Аз ноумедиҳо басо умед аст»-и А. Қодирӣ (таҳиягар Қ. Давлатов), «Марги сафед»-и Ҷ. Қуддус (таҳиягар Ф.Раҷабов), асари таърихии «Баҳори Фаронса»-и Т. Маҳмадризоев, ки дар он пораҳо аз ҳодисаҳои Ҷанги Бузурги Ватанӣ

[1] Ҳисобот оиди фаъолияти Вазорати фарҳанг дар нӯҳ моҳи соли 2018 ва вазифаҳои он то охири сол. https://www.vfarhang.tj/index.php/tj/khabar-o/1800. - В. 3.
[2] Натиҷаҳои ҷамбасти фаъолияти Вазорати фарҳанг дар соли 2018 ва самтҳои афзалиятноки пешбурди соҳаҳои фарҳангу санъат ва табъу нашр дар соли 2019. - С.12.

тасвир ёфтааст, «Беватан»-и С. Сафаров, ҳамчунин асари «Нафс»-и П. Қимматшоевро дар таҳияи Р. Одинаев саҳнавӣ гардониданд.[1] Зимни ин солҳои 2018-2019 аз ҳисоби маблағҳои ҷудогардидаи Барномаи рушди санъати театрӣ, барои таҳияи се намоишнома бо даъвати мутахассисон 75 000 сомонӣ ҷудо гардид.[2]

Ин мавсим Театри А. Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар мазҳакаи «Аршин мол-олон»-и Ӯ. Ҳоҷибеков (дар таҳияи Раҷабов Б), асари бачагонаи «Бойи золим ва кали зирак»-и П. Сатторӣ (дар таҳияи П. Раҷабов), «Салом падарони азиз!» аз рӯи асари Р.Отколенко (дар таҳияи М. Шомуддинов) ва «Васвасаи нафс»-и Ҷ. Қуддусро дар таҳияи Б. Қурбонзода таҳия намуда, ҳамчунин барномаҳои консертӣ барои мардум пешкаш кард. Бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз тарафи Мақомоти иҷрояи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва дастгирии раиси вилояти Хатлон, бо маблағи 1 240 143 сомонӣ пешгоҳи бинои театр чун пешайвон бо сутунҳои устувору мустаҳками ороиши меъморидошта сохта, ба истифода дода шуд. Ҳунармандони театр дар соли 2019 зиёда аз 130 намоишу барномаҳои консертӣ ба намоиш гузоштанд, ки 25 тояш ройгон ва зиёда ба 30 000 тамошобин хизмати маънавӣ расонида, ба хазинаи театр 77 541 сомонӣ маблағ ворид шудааст.[3]

Ҳайати эҷодии Театри вилоятии лӯхтаки «Афсона»-и шаҳри Бохтар, соли 2019 мутобиқи нақшаи солона фаъолияти худро ба роҳ монда, намоишномаҳои сатҳи тарбиявидоштаи «Саргузашти солинавии хирсак»-и Х. Давлатов, «Подоши амал»-и А. Абдураҳмонов ва «Бурёкӯбони харгӯшак»-и Х. Давлатовро дар таҳияи А. Абдураҳмонов пешкаши тамошобинони хурдсоли худ гардониданд. Ҳамзамон театр сафарҳои ҳунари анҷом дода, зиёда ба 20 000 наврасону кӯдакони шаҳру навоҳии

---

[1] БҶ ВФҶТ // Ҳисоботи эҷодии Муассисаи давлатии «Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара» дар соли 2019. – В. 3.
[2] БҶ ВФҶТ // Гузориш оид ба рафти иҷрои «Барномаи давлатии рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2019». – В. 4-5.
[3] БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди кору фаъолияти «Театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонов»-и шаҳри Бохтар дар соли 2019. – В. 11.

вилояти Хатлон ғизои маънавӣ расонида, ба хазинаи театр 15 000 сомонӣ ворид карданд, ки аз ин маблағ дастгоҳҳои тақвияти овоз таъмир карда шуда, таҷҳизотҳо барои лӯхтаксозӣ харидорӣ шуданд. [1] Ҳамчунин бо мақсади тақвият бахшидан ба рушди минбаъдаи театр аз ҷониби Вазорати фарҳанги Тоҷикистон ба маблағи 78 700 сомонӣ ҷудо гардида, театр соҳиби автомашинаи хизматии «ГАЗ-31029» ва мизу курсӣ гардид.[2]

Соли 2019 театри шаҳри Кӯлоб намоишномаи «Дар кӯчаҳои қисмат»-и А. Ҳамдам, «Баҳори ваҳдат»-и Ҷ. Қуддус ва композитсияи адабӣ - бадеиро бахшида ба ҷашнҳои миллии кишвар пешкаши дӯстдорони санъат гардонид. Шумораи намоишномаҳо дар ин мавсим ба 90 адад расид, ки аз ин 41 тоаш ройгон буда, аз онҳо 95 000 тамошобин баҳравар шуданд.[3]

Мавсими соли 2020 ҳунармандони театри ноҳияи Данғара асари А. Абдураҳмонов «Тезии корд дар нӯги корд»-ро, ки фарогири масоили тарбиявӣ буда, вобаста ба бепарвоии баъзе волидоне, ки дар тарбияи фарзандон зоҳир намуда, оқибат пушаймон гаштаву саргардон мемонанд, рӯи саҳна оварданд. Мазҳакаи «Тавқи лаънат ва номзад»-и Ш. Солеҳ (таҳиягар С. Додарбеков), моҷарои байни гарданбанд (галстук) ва номзаде, ки ба вакили мардумӣ интихобшударо тасвир менамояд. Намоишномаи «Карими шиш»-и З. Ғулом вобаста ба ҳаёту фаъолияти эҷодии гурғулисарои шинохтаи мардумии минтақаи Кӯлоб (дар таҳияи А. Қодирӣ) ва мазҳакаи «Ҳаёт-сканворд»-и Х. Давлатов ибратбахш буда, фарогири фалсафаи зиндагист (дар таҳияи С. Додарбеков).[4] Бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид ва анҷом додани сафарҳои ҳунарии ҳунармандон, маъмурияти театр аз ҳисоби маблағҳои даромади молиявии

---

[1] БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди кору фаъолияти Театри вилоятии лӯхтаки «Афсона»-и шаҳри Бохтар дар ёздаҳ моҳи соли 2019. - В. 3.

[2] БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2019. - В. 5.

[3] БҶ БРФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти Театри мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб дар нӯҳ моҳи соли 2019. - В. 2.

[4] Ҳисоботи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикитон оид ба натиҷаҳои фаъолият дар нимсолаи якуми соли 2021. - В. 3. https://www.v.farhang.tj/index.php/tj/khabar-o/3926.

театр, ба маблағи 27 000 сомонӣ микроавтобуси тамғаи «Хундай-Старекс» харидорӣ гардид.[1] (Замимаи 10).

Театри Бохтар асарҳои Ҷ. Қуддус «Абадзиндаҳо» ва «Бежан ва Манижа», ки яке аз ҷонбозиҳои дивизияи 20 – уми кӯҳии тирандози савораи Тоҷикистонро (1941-1945) қисса мекард ва дигаре аз ишқи поку самимӣ сухан мегуфт (дар таҳияи Б. Қурбонзода), асари М. Ғоиб «Волидони беворис», ки дар он масоили доғи рӯз дарҷ гашта, нафаронеро, ки дар зиндагӣ гумроҳ гаштаву нисбати волидони хеш беэтиромиҳои зиёд намудаанд, саҳнавӣ гардонид. Зери коргардонии Қ. Шукуров намоишномаи «Ишқ аз интернет»-и Н. Шарипов ва композитсияи адабӣ таҳти унвони «Сарвари Артиш» саҳнавӣ гашт. Ҳайати эҷодии театр дар шаш моҳи аввали соли 2020-ум 15 намоишномаҳои театрӣ ва барномаҳои консертиро намоиш доданд (8 тояш ройгон), ки аз онҳо зиёда аз 3500 тамошобин баҳравар гардиданд. Маблағи даромади театр 9900 сомониро ташкил медиҳад.[2]

Театри «Афсона»-и шаҳри Бохтар намоишномаҳои «Ба некӣ бадӣ нашояд»-и Т. Маҳмадризоев ва «Мор ва гаҳворачунбон»-и З.Ибодро дар таҳияи А. Абдураҳмонов рӯи саҳна овард. Инчунин бо намоишномаи «Бурёкӯбони харгӯшак»-и Х. Давлатов ба ноҳияи Мир Сайид Алии Ҳамадонӣ сафари ҳунарӣ анҷом дода, табъи хурдсолу навраси ноҳияро шод гардонида аз ин сафар ба хазинаи театр 1400 сомонӣ ворид шудааст.[3]

Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии шаҳри Кӯлоб дар соли 2020 намоишномаи бачагонаи «Истед! Хубонро накӯшед»-и Р. Одиназода ва «Кавсан»-и Ҷ. Қуддус, ки мавзӯи доғи рӯз - рибохӯрӣ буд, инчунин барномаҳои консертӣ дар таҳияи Р. Одиназодаро таҳия ва пешкаши мардуми вилоят намуд.

---

[1] Аз суҳбати ҷонишини директори театри ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара Махсумов Маҳмасаид, 10.12.2021.

[2] БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди кору фаъолияти «Театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонов»-и шаҳри Бохтар дар шаш моҳи соли 2020. -В. 2.

[3] БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти эҷодии Театри вилоятии лӯхтаки «Афсона»-и шаҳри Бохтар дар соли 2020. - В. 2.

Соли 2021 дар ҷумҳурӣ 18 театри касбӣ фаъолият дошт, ки аз ин 4 театри касбии мақоми ҷумҳуриявӣ ва вилоятидошта дар вилояти Хатлон амал мекард.(Замимаи 13).

Ҳайати эҷодии Театри ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара ин мавсим намоишномаҳои характери таърихидоштаи «Даҳ рӯзи генерал Шерак»-и И. Усмонов ва «Абадзинда»-и Н. Қосимро дар таҳияи С. Додарбеков саҳнавӣ гардонида, бо барномаҳои рангини худ ба ноҳияҳои вилояти Хатлон сафари ҳунарӣ анҷом доданд.[1] Дар ин давра шумораи намоишномаҳо 43 адад ва шумораи тамошобинон ба 4987 расида, аз ин ҳисоб 49 872 сомонӣ ба хазинаи театр ворид гардид.[2]

Ҳунармандони театри шаҳри Бохтар аз рӯи асари тарбиявию ахлоқии «Гӯнаҳкор кист?»-и Л. Кожевниковро дар таҳияи Қ. Шукуров ва асари Ҷ. Қуддус «Тарсанда ва супер-духтарак»-ро дар таҳияи Б. Қурбонзода рӯи саҳна оварданд.[3]

Дар Театри вилоятии лӯхтаки «Афсона» намоишномаи «Аличон ва Хирс»-и Х. Давлатов, инчунин бахшида ба «Рӯзи байналмилалии лӯхтакбоз» намоишномаи «Чаро Шодӣ касал шуд?» ройгон ба тамошобин гузошта шуд. Инчунин ҳунармандони театр бо ин намоишномаҳо сафарҳои ҳунарии худро ба чанд ноҳияҳои вилояти Хатлон анҷом доданд. [4]

Соли 2021 Театри вилоятии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб намоишномаи мазҳакаи «Серӯза дунё»-и Н. Қодировро, ки ба мавзӯи иҷтимоӣ бахшида шудааст, инчунин драмаи «Тарс»-и Н. Табаровро, ки инъикосгари воқеоти сиёсии солҳои 90-уми арси XX маҳсуб меёбад, дар таҳияи Р. Одиназода саҳнавӣ гардонид.[5]

---

[1] БҶ ВФҶТ // Ҳисоботи эҷодии Муассисаи давлатии «Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавӣ»-и ноҳияи Данғара дар 2021. – В. 1-4.

[2] БҶ ВФҶТ // Маълумот оиди даромади молиявии Муассисаи давлатии «Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавӣ»-и ноҳияи Данғара дар соли 2021. – В. 1.

[3] БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2021. – В. 2-4.

[4] БҶ РФВХ//Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2021. – В. 5-7.

[5] БҶ РФВХ // Ҳисоботи эҷодии театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб дар соли 2021. - В. 2-4.

Новобаста аз дастовардҳое, ки дар ин давра театрҳои касбии вилояти Хатлон ноил гаштаанд, ҳоло ҳам дар ҳаёти театрӣ як қатор камбудиҳо ҷой доранд, ки ҳалли саривақтиро тақозо доранд:

1. Маблағгузории солона дар соҳаи фарҳанг нисбати таъмиру тармим, харидани сару либоси саҳнавӣ, декоратсия ночиз аст. Яке аз сабабҳои асосии ҷалб карда нашудани мутахассисон ба кори соҳа ва дурусту мақсаднок фаъолият накардани театрҳои касбии вилоят ҳам дар ҳамин аст. Чунин вазъияти ногувор дар аксар театрҳои касбии музофотӣ ба чашм мерасад.

2. Мундариҷаи барномаҳои ҳунарии ба ташкилу таҷдиди назар эҳтиёҷ дорад. Мавзуи намоишномаҳои онҳо бояд фарогири масъалаҳои доғи рӯз ҷилавгирии нашъамандӣ, ришвахорӣ, тарбияи ҳисси хештаншиносии насли наврас бошад.

3. Норасоии кадрҳои баландихтисос коргардонҳо, актёрон, навозандагон, раққосаҳо, рассомон, пардозгарон, устоҳои саҳна дар ин давра албатта, ки ба фаъолияти муассисаҳои театрӣ таъсири манфии худро расонидааст.

4. Чунончӣ, Театрӣ ҷумҳуриявии драмаи мусиқии ноҳияи Данғара, гарчанде бо омадани коргардони касбӣ ва дар таҳияи асарҳои баландмазмун даст ёфтаанд вале дастаи мукаммал аз ҳисоби ҳунармандони касбӣ пурра карда нашудааст ё ин, ки Театри мусиқӣ – мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар умуман саркоргардон надорад.

5. Синну соли аксари ҳунарпешаҳо аз панҷоҳ боло аст ва дар театр ҳунарпешаҳои ҷавон камранганд. Дар ҳоле ки Донишкадаи фарҳанг ва санъати Тоҷикистон, Консерваторияи миллӣ ва коллеҷҳои соҳавӣ пурра фаъолият менамоянд ва ҳамасола чандин нафар актёру режиссёрон, рассомону мутахассисони санъати мусиқӣ соҳиби диплом мегарданд.

Хушбахтона, бо ташкили давлати соҳибистиқлол сарфи назар аз мушкилиҳои давраи гузариш ва кумаку дастгириҳои ҳамешагии давлату ҳукумат, рушди ин соҳа зина ба зина беҳтар гардид. Муассисаҳои

номбурда ҳоҷату хостаҳои фарҳангии сокинонро ба тадриҷ таъмин намуда, фазои фарҳангӣ ва ҳунари миллии кишвари моро пурра дар дохил ва дар арсаи байналмиллӣ муаррифӣ менамоянд. Ҳамзамон, боиси хушнудист, ки бо мақсади рушди санъати театрӣ ва тарбияи маънавии ҷомеа соли 2003 бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ноҳияи Данғара театри ҷумҳуриявии мусиқӣ - драмавӣ таъсис дода шуд.

Фаъолияти эҷодии театрҳои касбӣ давра ба давра хубтар мегардад. Таҳияи шудани асарҳои наву ҷолиби диданӣ, барномаҳои рангини консертӣ, сафарҳои ҳунарӣ ҳамзамон дар озмуну фестивалҳои дохилию хориҷӣ ширкат намуда, ба натиҷаҳои назаррас муваффақ ҳам гардидаанд. Ин гувоҳи он аст, ки назар ба даҳсолаи аввал дар даҳсолаи дуюм ва сеюми истиқлолият сатҳу сифат дар кори театрҳои номбурда беҳтар гаштааст.

## 2.3 Иштироки театрҳои касбии вилоят дар азназаргузарониҳо ва озмунҳои ҷумҳуриявӣ ва байналхалқӣ

Бе шубҳа дар даврони истиқлолият соҳаи фарҳанг ҳамчун таҷассумгари симои маънавии халқ, муттаҳидсозандаи нерӯи ақлониву зеҳнӣ, баёнгари таърихи гузаштаву муосир, одобу ахлоқи ҳамида ва дигар муқаддасоти миллӣ дар ҷомеа мақоми арзанда касб намуд. Маҳз дар солҳои истиқлолият бо азму талошҳои аҳли фарҳанги кишвар баргузории ҷашнвораҳо Фестивал – озмуни театрии «Парасту», фестивали ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ, фестивалҳои байналмилалии театрии «Наврӯз», «Чодари хаёл» ва амсоли инҳо ба ҳукми анъана даромада, ҳамасола баргузор мегарданд ва ба кишвари тамаддуни фарҳангсоз шинохта шудани Ҷумҳурии Тоҷикистон мусоидат мекунанд. Мавриди қайд кард, ки бар асари бухрони иқтисодиву оқибатҳои ҷанги шаҳрвандӣ (1992-1997) сатҳи иҷтимоии шаҳрвандони кишвар дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ дар ҳолати заиф қарор дошт. Шоҳиди ин гуфтаҳо пеш аз ҳама низоми воридоти буҷети давлатӣ мебошад.

Таҳлилҳо нишон дод, ки соли 1992 буҷети давлатӣ дар соҳаи иҷтимоӣ 19,9 фоизро ташкил медод ва ин нишондиҳанда дар соли 2000-ум 2,2 фоизро ташкил намуд, яъне маблағгузорӣ ба ин соҳа дар соли 2000 – ум беш аз 10 маротиба кам гардид. Таъминоти иҷтимоии соҳаи фарҳанг, махсусан дар байни дигар ҷумҳуриҳои Осиёи Марказӣ низ поин рафт.[1]

Сарфи назар аз мушкилиҳои иқтисодӣ - иҷтимоӣ дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар ҷумҳурӣ мунтазам ҷашну ҷашвораҳои фарҳангӣ баргузор мегардиданд.

Пайдост, ки шурӯъ аз 20 марти соли 1988 ин ҷониб дар ҷумҳурӣ Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ бо номи «Парасту» бо ташаббуси Вазорати фарҳанг ва Иттифоқи арбобони театрии Тоҷикистон дар ду сол як маротиб баргузор мешавад, ки дар он театрҳои касбии ҷумҳурӣ бо намоишҳои худ ширкат меварзанд.[2]

Театрҳои касбии вилояти Хатлон низ пайваста дар озмуни зикргардида бо намоишномаҳои тозаэҷод иштирок намуда, табъи ҳаводорони санъати касбиро болида мегардонанд.

Аз 22 то 30 марти соли 1991 дар диёри бостонии Хатлонзамин озмуни ҷумҳуриявии «Парасту-1991» гузаронида шуд, ки дар он аксарияти театрҳои ҷумҳурӣ иштирок карданд. Театрҳои касбии вилоят бо намоишномаҳои рангини худ иштирокдори ин озмун буданд.

Театри мазҳакаи мусиқии ба номи Сайдалӣ Вализодаи шаҳри Кӯлоб намоишномаи «Султон султон аст» аз рӯи асари адиби мисрӣ Саадулло Ваннус (1941-1997) дар тарҷумаи Қутбӣ Кисром (1932-1995) ва Сафармуҳаммад Аюбӣ, дар таҳияи Барзӯ Абдураззоқов пешкаши иштирокдорони озмун карда, сазовори баҳои баланди ҳакамону мунаққидон мегарданд. Асар дар Миср нигориш ёфта бошад ҳам, аммо масъалаҳои муҳими замону диёри моро дар бар мегирифт. Театри мусиқӣ–

---

[1] Шарифов, Ш. Ҷ. Таърихи массисаҳои маданӣ – равшаннамоии минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар даврони истиқлол (с.1991-2016). – Бохтар, 2021. - С.150.

[2] Амроев, У. М. Таърихи ташаккулёбии театри касбии тоҷик / У. Амроев // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. – 2020. - №6. – С. 80-84.

мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа бо намоишномаи мазҳакавии «Хоби чаппа»-и Ҷ. Қуддус, ки мазмуни замонавӣ дошта, дар он ба воситаи ҳаҷв симои намояндагони табақаҳои гуногуни ҷамъиятӣ тасвир ёфта буд, иштирок карда бо диплому мукофотпулиҳо қадр карда шуданд.[1]

Соли 1992 барои мардуми кишвар соли ниҳоят душвор буд. Дар ҷараёни ин ҳодисаҳо, фаъолияти муассисаҳои фарҳангӣ бахуссус театрҳо заиф гардида буданд. Вале фарҳанги асил ҳеҷ гоҳ нобуд намешаваду ҳеҷ як силоҳ қодир нест, ки ақлу хиради рӯшани мардумро ба нобудӣ расонад. Бо вуҷуди нобасомониҳои солҳои аввали соҳибистиқлолӣ, санъаткорони шаҳри Кӯлоб бо роҳхати Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ аз 14 то 17 ноябри соли 1992 дар консерти «Дӯстӣ», ки дар шаҳри Москва баргузор шуд, иштирок намуда санъати бою рангини тоҷикро пешкаши оламиён гардониданд.[2]

Соли 1993 ҳунармандони театри шаҳри Кӯлоб бо намоишномаи «Заволи Чамбули Мастон»-и Сафармуҳаммад Аюбӣ дар фестивал – озмуни ҷумҳуриявии «Парасту – 1993» иштирок намуда, ҳунари худро пешкаши ҳакамону тамошобинон гардониданд. Ҳайати эҷодии театри шаҳри Қӯрғонтеппа намоишномаи «Дақиқӣ»-и Сафармуҳаммад Аюбиро дар фестивал – озмуни мазкур пешкаши ҳакамону тамошобинон карда мавриди аҳсану офаринҳо мегарданд.[3] Аз ҷиҳати мантиқ бо ҳам тавъаму суруду мусиқиҳо ва бозии ҳунармандон намоишномаро ҷаззобу тамошобоб гардонида буд.

Доир ба ин намоишнома драманавис Ҷ. Қуддус дар рӯзномаи «Ҷумҳурият» аз 13 апрели соли 1993 чунин навиштааст: «Яке аз рӯидодҳои наҷиби «Парасту-1993» бешак, иштироки Театри мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа мебошад. Театре, ки беш аз ҳама фоҷиаи халқи моро дидааст, эҳсос кардааст, театре, ки аз миёни харобаҳои ҷанги бародаркуш

[1] Аюбзода, С. «Парасту» пар занад ба суйи Кӯлоб // Хатлон, №44 (9338), 1991. – 2 март.
[2] БҶ ВФҶТ // Гузориши маҷлиси машваратии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон № 4/9. 1992. - В. 4.
[3] Аз суҳбати Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Аловуддин Абдуллоев, 22.10.2020.

аз байни дуди оташи ҷонсӯз чун як дастаи гули зинда сияҳгӯшу бобуна бӯи баҳори умед, набзи дили мардум, нидои хирадро овардааст ин дафъа боми соли барҷастае аз таърихи тоҷикон-марги фоҷиавии шоири хушкаломи тоҷик Дақиқиро ба ғафлатзадагони имрӯз сабақе медиҳад…».[1]

Дар семоҳаи аввали соли 1994 бо ибтикори Вазорати фарҳанг ва ширкати «Сайидон» Озмуни ҷумҳуриявии дастаҳои ҳунарии касбӣ - «Дилафрӯз - 94» доир карда шуд. Аз 17 то 22 март саҳни Театри давлатии опера ва балет ба ин муносибат ҷавлонгари санъаткорони касбӣ гардид. Дар ин озмун дар қатори дигар санъаткорон, ансамбли фолклорӣ – этнографии «Фалак»-и шаҳри Кӯлоб ҳунарнамоӣ намуда, лауреати озмуни ҷумҳуриявӣ шуданд.[2] «Беҳтарин мукофотҳои озмун ба ҳунарпешагони Театри мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализода дода шавад». Чунин буд хулосаи дастаи ҳакамони озмуни ҷумҳурияви «Дилафрӯз-94», ҳунармандони театр бо базми «Шоҳи рақс» дар таҳияи Ҷумъахон Сироҷов ва Муҳаммадӣ Абдурасулов як барномаи ҷаззобро пешкаш намуданд. Ҳаводорони санъат ва ҳакамони озмун аз ҳунари волои ҳунармандон ба ваҷд омада, санъаткорони Кӯлоб лауреати озмун ва сазовори мукофотҳои пуливу хотиравӣ гардиданд.[3]

Аз 23 то 31 марти соли 1995 дар шаҳри Душанбе Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбии Тоҷикистон баргузор гардид, ки дар он 12 театрҳои касбии кишвар иштирок ва ҳунарнамоӣ карданд. Театрҳои касбии вилояти Хатлон низ иштирокдори ин озмун буданд. Театри шаҳри Қӯрғонтеппа асари С. Сабзаев « Ҳазрати Амирҷон»-ро дар таҳияи Б. Раҷабов, театри шаҳри Кӯлоб асари М. Ғоиб «Мири Кабир»-ро дар таҳияи Д. Убайдуллоев рӯи саҳна омаданд. «Воқеан театрҳои вилояти Хатлон дар ҳақиқат бахшида ба ҳаёту рӯзгори шоир Мир Саид Алии Ҳамадонӣ намоишномаҳои ҷолиб пешниҳод намуданд, намоишномаҳо аз намоишҳои

[1] Ҷумъа Қуддус. Театри Вахшонзамин // Ҷумҳурият. - 1993. -№41(18.780). -13апрел.
[2] БҶ ВФҶТ // Маълумот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. 1994. - В. 4.
[3] Сафаров, С. Аз Душанбе - бо мукофот // Садои коргар. – 1994. - №13. - 5апрел.

хуби озмун ҳам ба ҳисоб мерафт, ин намоишномаҳоро шаҳодати равшани ташаккулёбии театри миллии тоҷикро метавон ҳисобид»[1], хотирнишон шуд.

Театрҳои касбии вилояти Хатлон соли 1997 иштирокдори озмуни ҷумҳуриявии «Парасту - 97» буданд. Дар озмун театри Кӯлоб намоишномаи «Ё раб!»-и Ф. Ашӯрро дар таҳияи Р. Одинаев, ки мавзӯи таърихии воқеъаҳои даҳшатбори ҷанги шаҳрвандиро зери назари таҳлилу танқид гирифта, даъват ва хитобе буд дар роҳи эҳёи сулҳ ва дарёфту таҳкими осоиш миёни мардуми азияткашидаи ҷумҳурӣ. Андешаҳо оид ба мундариҷаи асару таҳийяи он гуногун буданд. Вале аксарият, аз ҷумла, Ҳунарпешаи Халқии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳабибулло Абдураззоқов ва драманавис Иброҳим Усмонов намоишномаро «таҷассуми дарди дили мардум ва айни муддао» номиданд. Дар ҷамъбасти ин озмун ба рассоми намоишнома Ҷонибек Асозода мукофоти махсуси ҳакамон супорида мешавад.[2]

Театри мусиқӣ - мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа аз рӯи асари Ж. Б. Молер (тарҷумаи Ш. Қиём) таҳияи А. Абдуллоев мазҳакаи ҷолиби «Найрангҳои Скапен», ки қаблан дар театрҳои кишвар таҳия шуда буд, ин дафъа коргадон А. Абдуллоев тавонист ранги тозае ба ин намоиш зам намуда, пешкаши ҳакамону тамошобинон гардонида хотири дӯстдорони санъатро шод намояд. Дар натиҷа ҳунармандони театр бо мукофоти беҳтарин нақши мардона ва таваҷҷуҳи тамошобин сазовор мегарданд.[3]

Озмуни «Парасту-99» ба таҷлили ҷашни 1100-солагии давлати Сомониён (1999) бахшида шуда буд, мазмун ва моҳияти намоишномаҳо ҳам давраҳои давлатдории Сомониён, рушду нумӯи фарҳанги ниёгонро

---

[1] БҶ ВФҶТ // Гузориш оиди ба ҷамбасти ҷашнвора, озмуни театрҳои касбии Тоҷикистон «Парасту-95». -В. 3-4.

[2] Ашӯр, Ф. Мунаввара Аминова. Даргоҳи ҳунар (бахшида ба 70 - солагии Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб). – Душанбе, 2008. - С.19.

[3] Раҳим, А. Аз «Рӯдакӣ» то «Ҳадя» // Ҷумҳурият. - 1997. -№16 (19.934). -26 апрел.

инъикос намуда, бахри эхё ва постдошти рӯҳи гузаштагон барои имрӯзиён мусоидат менамояд.

Театри мусиқӣ – мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа бо асари «Давлати Сомониён»-и Ф. Сафар ва Театри мазҳакаи мусиқии шаҳри Кӯлоб бо намоишномаи «Сомонхудот»-и С. Аюбӣ ширкат намуданд. Ҳунарнамоии Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон Аҳмадшоҳ Улфатшоев (1945-2020), Арбоби ҳунари Тоҷикистон Тӯрахон Аҳмадхонов, Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Бобоҷон Ҳасанов, Худойназар Тилавов, Мирзо Раҳмонов ва кори рассому оҳангсози он лоиқи эҳтирому таҳсини тамошогарон қарор мегирад. Хотирнишон бояд кард, ки барои тайёрӣ ва ба рӯи саҳна овардани ин асарҳо ба театрҳо аз тарафи раёсати фарҳанги вилояти Хатлон 5 млн рубл ҷудо гардида буд, аммо театрҳои мазкур дар ин озмун ба дастоварде ноил нашуданд.[1].

Қайд кардан ба зарур аст, ки дар озмунҳои театрии солҳои 1997-1999 асарҳои саҳнавии арзанда як сӯ монда шуда намоишҳои заифу камранг сазовори баҳои баланд гардида буданд.

Вобаста ба ин масоил Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар вохурӣ бо зиёиёни мамлакат барҳақ қайд намуданд: «Бо ташаббуси Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ду сол як маротиба гузаронида мешавад. Албатта, ин сабқат ба рушду камоли санъати театрии ҷумҳурӣ мусоидат мекунад. Аммо дар ин ҷо низ интихобу таҳияи асарҳо бисёр ноқисиҳо доранд. Ва умуман дар ин озмун аз озмоиши эҷодӣ ба як маъракаи пурмоҷаро табдил ёфтааст. Бояд чунин маъракаҳои фарҳангӣ саҳнаи санҷиши ҳунари воқеӣ, кашфи истеъдодҳо бошанд, на ҷойи ошнобозиву хотирбинӣ, мукофотдиҳиву мукофотгирӣ».[2]

Эродҳои сарвари давлат масъулияти кормандони соҳаи санъати театриро дучанд карда онҳоро водор намуд, ки аз ин камбудиҳо бояд сабақ гиранд. Ҳайатҳои эҷодии театрҳои касбии вилоят ба фестивал- озмуни

---

[1] БҶ РФВХ // Ҳисоботи хаттии раёсати фарҳанги вилояти Хатлон . - 1999. - В. 2.
[2] Раҳмонов, Э. Фарҳанг ҳастии миллат аст. – Душанбе: Матбуот, 2005. – С. 41.

ҷумҳуриявии «Парасту - 2001» хуб омодагӣ гирифтанд. Театри Кӯлоб бо асари «Завлона»-и О. Раҳмон иштирок намуда сазовори баҳои баланд гардид. Ҳайати эҷодии театри Қӯрғонтеппа (Бохтар) бошад бо асари мазҳакаи «Аршин мол - олан»-и Ӯ. Ҳоҷибеков ширкат намуданд. Мавзӯи асар лирикӣ - рӯзмара буда драманавис издивоҷу барпо намудани оиларо бо роҳи ҳаҷв тасвир намудааст. Нақшҳо ҳам хело ҷолиб бозида шуда, дар ҷамбасти фестивал – озмун театр сазовори ҷойи намоён гашта ҳамчунин ба ҳунарпеша Аловуддин Абдуллоев барои иҷрои хуби нақши Султонбек ҷоизаи «Беҳтарин нақши мардона»-ро сазовор донистанд.[1]

Соли 2002 ҳунармандони театри Қӯрғонтеппа дар фестивал-озмуни «Овозхонҳои касбии театрҳои ҷумҳурӣ» ширкат намуданд. Дар ҷамбасти озмун Ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон М. Ҳоҷибоева ҷойи якум, ҳунармандон Қ. Зоир, Ҷ. Юнусова, М. Аюбӣ сазовори ҷойҳои дуюм ва сеюм гардиданд.[2]

Пайдост, ки театрҳои касбии вилоят ин сол дар озмуни ҷумҳуриявии «Парасту-2003» ширкат карда, соҳиби мукофотҳо мегарданд. Театри шаҳри Кӯлоб дар озмуни мазкур аз рӯи манзумаи Ҳ. Ғоиб «Ҳасрати Эйнштейн» иштирок карда сазовори ҷойи дуюм мегардад. Ҳунармандон бо ин намоишнома порае аз ҳаёти олим, физики машҳур А. Эйнштейнро (1879-1955) қисса карда, номбурда барои ихтирои бомбаи атомӣ ва рух додани ҳодиса нохуш дар шаҳрҳои Хиросима ва Нагасакии Ҷумҳурии Ҷопон (1945) ҳасратҳо хурда қайд менамояд, ки «ин хатари шадиди башарият ба ҳисоб рафта барои қатъи он ҳарчи зудтар чораҳо андешид». Нақшҳо хело хуб офарида шуда ҳунарманд Худоназар Тилавов барои офаридани нақши Эйнштейн, ва нақши мӯйсафед аз намоишномаи «Волидони беворис»-и М. Ғоиб сазовори мукофоти «Беҳтарин нақши мардона» мегардад. Театри шаҳри Қӯрғонтеппа бо намоишномаи «Волидони беворис»-и М. Ғоиб, ки мавзӯи дарди душвордавои ҷомеаи ҷаҳонӣ яъне ба нашъамандӣ гирифтор шудан ҷавонон ва азият кашидани

[1] Аз суҳбат бо Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Меҳрӣ Ҳоҷибоева, 14.09.2020.
[2] БҶ РФВХ // Ҳисоботи хаттии раёсати фарҳанги вилояти Хатлон дар соли 2002. - В. 2.

волидайни онҳо, оқибати нашъамандӣ бо чӣ анҷом меёбад дар озмуни иштирок намуда баҳои сазоворро соҳиб мешавад. Нақши модарро ҳунарманд Ҷ. Юсуфова хуб иҷро намуда бо мукофоти «Беҳтарин нақши занона» қадр карда мешавад.[1]

Мутобиқи Қарори № 1/66 Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2004, ба истиқболи 2700-солагии шаҳри Кӯлоб дар шаҳри Душанбе аз 23 то 30 марти соли 2005 Фестивал-озмуни театрҳои касбӣ «Парасту-2005» дар сатҳи ҷумҳуриявӣ баргузор гардид. Ҳайати эҷодии театрҳои касбии вилояти Хатлон тавонистанд бо намоишномаҳои таҳиянамудаи худ дар фестивали мазкур ширкат намоянд.

Тавре ишора шуда буд, соли 2000 бо қарори Созмони Милали Муттаҳид «Соли байналмилалии фарҳанги сулҳ» эълон гардид буд. Дар доираи ин иқдом, бо пешниҳоди роҳбарияти Хонаи фарҳанги ноҳияи Данғара миёни мактабҳои ноҳия фестивали «Кабутари сулҳ» баргузор гардид. Баъд аз анҷоми фестивал ва кашфи истеъдодҳои ҳунарӣ аз миёни ҷавонон, баргузоркунандагони фестивал пешниҳод намуданд, то дар заминаи Хонаи фарҳанги ноҳияи Данғара театри касбии мусиқӣ ва драма таъсис гардад.[2] Бо мақсади рушди санъати театрӣ ва тарбияи маънавии ҷомеа театри мазкур таъсис дода мешавад. Фаъолияти театри мазкур бо сабаби камбудиҳои ҷойдошта, фаълияти эҷодиашро моҳи январи соли 2004 оғоз менамояд.

Гурӯҳи эҷодии Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ – драмавии ноҳияи Данғара, ки бори нахуст дар ин озмун иштирок дошт асари драматурги тоҷик С. Муқаддамов «Баъди курдуд» дар таҳияи коргардон Р. Одинаев, театри мазҳакаи мусиқии шаҳри Кӯлоб бо вуҷуди ҳама мушкилотҳои имсола, яъне дар таъмири пурра қарор доштани бинои театр аз ҳамкасбони худ қафо намонда асари драматурги украинӣ Мария Ладо «Бисёр ҳам воқеаи ғайриоддӣ» дар таҳияи Д. Убайдуллоев ва Театри мусиқӣ -

---

[1] Ҳисобот дар бораи фаъолияти ВФҶТ дар соли 2003 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2004. – Душанбе, 2004. - С. 11.

[2] Кабутов, З., Махсумов, М. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ – драмавии ноҳияи Данғара. – Душанбе, 2013. - С. 10.

мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа намоишномаи мазҳакавии «Бозиҳои манфиатҷӯёна»-и драманависи испанӣ Хасенто Беновенте Мартинес (тарҷумаи А. Абдуллоев) дар таҳияи коргардон Б. Раҷабов тақдими ҳаводорони санъат намуданд. Дар ҷамбаст Театри ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара дар ин фестивал-озмун бо Ифтихорномаи Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон «Барои шуҷоат» дар интихоби мавзуъ қадрдонӣ мешавад. Пайдост, ки бо далели надоштани ҳунармандони касбӣ, номи Театри мусиқӣ - драмаи ноҳияи Данғара дар феҳристи ширкаткунандагони озмуни мазкур набуд ва пас аз дархости маъмурияти театр, гурӯҳи эҷодӣ дар озмун иштирок намуд.[1] Ин қадами гурӯҳи эҷодӣ нахустин коре буд, ки онро ба унвони театри касбии драма муаррифӣ намуд.

Ҳамзамон, ҳунармандони театри Кӯлоб Муродмад Раҳимов, Ситора Шамсуддинова ва Сафар Қодиров дар фестивали дуюми байналмиллалии «Фалак» дар шаҳри Кӯлоб иштирок карда дастовардҳои назаррасро ноил гаштанд.[2]

Шоёни зикр аст, ки маҳз ба шарофати ҷидду ҷаҳд ва саъю кӯшиши пайгиронаи фарзанди баруманди тоҷик, Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон гузаронидани чунин фестивал - озмунҳо баҳри мукаммал гардонидани сатҳи касбияти ҳунармандон ҳамчунин дарёфти чеҳраҳои нав дар ҷумҳурӣ мебошад.

Дар асоси Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10 майи соли 2005 тахти № 179 «Дар бораи нақшаҳо ва тадбирҳои омодагӣ ба ҷашни 2700 - солагии шаҳри Кӯлоб» ва мактуби Дастгоҳи иҷроияи вилояти Хатлон аз 15 июни соли 2006 таҳти № 3/1-2, Вазорати фарҳанг аз 2 то 15 августи соли 2006 дар Қасри фарҳанги шаҳри Кӯлоб Фестивали театрҳои касбии ҷумҳурӣ баргузор гардид, ки дар он 14 театри касбии ҷумҳурӣ

---

[1] БҶ РФВХ // Ҳисоботи фаъолияти идораи фарҳанги вилояти Хатлон ва муассисаҳои фарҳангии он дар семоҳаи аввали соли 2005. - В. 5.

[2] БҶ РФВХ // Ҳисоботи Театри мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб дар соли 2005. - В. 4.

намоишномаҳои нави худро манзури мухлисон гардониданд.[1] Театрҳои касбии вилояти Хатлон низ дар озмуни мазкур иштирок намуда, беҳтарин намоишномаҳои худро пешкаши тамошобинон гардонанд. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ - драмавии ноҳияи Данғара намоишномаи муҳтавои таърихидоштаи «Рустам ва Сӯҳроб» аз рӯи асари Ғ. Абдулло дар таҳияи С. Азизова, Театри мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа дар жанри мазҳака мавзӯи рӯзмарра яъне вобаста ба вазъи оиладорӣ асари «Зангирӣ ё дамгирӣ»-и С. Сафаровро дар таҳияи Қ. Шукуров ва Театри мазҳакаи мусиқии шаҳри Кӯлоб намоишномаи «Бозори нафс»-и Ҷ. Қуддусро дар таҳияи Р. Одинаев пешкаши дӯстдорони санъати театрӣ гардониданд.[2] Жанри асар мазҳака буда дар он зиндагии зану шавҳаре қисса карда, чӣ хел ба нафси бад гирифтор шудан ва барои пул ба ҳар кор омода будани зани доро, рафтору кирдори озодонаи ҷавонон, муносибатҳои истеҳсолӣ дар муҳити солҳои 90-ум ҳама дуруст тасвир шудааст.

Ҳамзамон бо мадади Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ, ҳунармандони Театри мазҳакаи мусиқии шаҳри Кӯлоб бо намоишномаи «Фиғони дили раҳгумзада»-и Чинора Калибекова дар Фестивали байналмиллалии театрҳои касбии Осиёи Миёна ва Қазоқистон «АЗЕМА-2006», ки дар шаҳри Чолпон-Отойи Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор шуд, ширкат намуда, баҳои баланди ҳакамону тамошогаронро сазовор мешаванд. Дар ҷамъбасти озмун театр бо Дипломи фетивал, Худойназар Тилавов бо мукофоти «Беҳтарин нақши мардона» ва Ситора Шамсуддинова бо мукофоти «Таваҷҷуҳи тамошобин» қадрдонӣ меёбанд.[3]

Баргузории 12-умин Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ «Парасту-2007» аз падидаҳои муҳими санъати кишвар маҳсуб меёбад. Мувофиқи Қарори Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз 23 то 30 марти соли 2007 дар шаҳри Душанбе Фестивал-озмуни театрҳои касбии

---

[1] Ҳисобот дар бораи фаъолияти ВФҶТ дар соли 2006 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2007. – Душанбе, 2007. - С. 7.

[2] БҶ РФВХ // Ҳисоботоид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2006. - В. 5.

[3] БҶ РФВХ // Ҳисоботоид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2006. - В. 6.

ҷумҳурӣ «Парасту-2007» дар толори Театри драмаи русии ба номи В. Маяковскии шаҳри Душанбе баргузор гардид. Барои иштирок намудан дар озмуни ҷумҳуриявии «Парасту» театрҳои касбии вилояти Хатлон омодагии ҳамаҷониба диданд.

Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ - драмавии ноҳияи Данғара дар озмуни мазкур, намоишномаи мазҳакавии «Дод аз дасти Афандӣ!»-и Ғ. Ашӯрро (таҳиягар Д. Убайдуллоев), Театри мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа асари Ф. Ашӯр «Ҳусейни аробакаш» (таҳиягар Б. Раҷабов), асар характери тарбиявӣ дошта, дар он аз ҳаёти муаллиме, ки бо вуҷуди азиятҳои зиёди зиндагӣ, дӯстдори касби пуршарафи худ ва хизмати содиқонаро дар таълиму тарбияи насли оянда яъне ҷавонон дареғ намедорад қисса мекунад. Театри мазҳакаи мусиқии шаҳри Кӯлоб асари мазҳакаи хусуссияти тарбиявидоштаи Ш. Солеҳ «Шуллук ва занҳои террорист»-ро дар таҳияи Р. Одинаев, манзури тамошобинон ва ҳайати доварон гардонида ва бо истиқболи бисёр гарми тамошобинон ва меҳмонони ватаниву хориҷии фестивал рӯ ба рӯ шуданд. Дар натиҷаи озмун театри ноҳияи Данғара ҷойи дуюм ва соҳибидипломи дараҷаи дувуми Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон гардида ва барои ширкат дар Фестивали байналмилалии театрҳои касбӣ «Наврӯз-2007» роҳхат мегирад. Театри Қӯрғонтеппа бошад ҷойи сеюмро сазовор мегардад.[1] Ҳамчунин ҳунарманди театри Қӯрғонтеппа Муҳаммад Шамуддинов барои хуб иҷро намудани нақши Ҳусейн бо мукофоти махсуси ҳакамон ва «Таваҷҷуҳи тамошобин» қадрдонӣ меёбад.[2]

Таъкид ба ёдоварист, ки баъди иштироки театрҳои касбии вилоят бо намоишномаҳои навин дар фестивали «Парасту-2007» таваҷҷуҳи роҳбарияти вилоят ба театрҳои касбӣ зиёд гардида, барои ба шаҳру ноҳияҳои вилоят сафари ҳунарӣ намудани театрҳо шароити мусоид ба амал меоварад.

---

[1] БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти идораи фарҳанги вилояти Хатлон ва муассисаҳои фарҳангии он дар шаш моҳи соли 2007. - В. 5.

[2] Аз суҳбат бо ҳунарманди шоистаи Тоҷикистон Муҳаммад Шомуддинов, 20.02.2021.

Фестивали байналмилалии театрҳои касбӣ «Наврӯз - 2007» бо иштироки театрҳои касбии ҷумҳуриҳои Қазоқистон, Қирғизистон, Ӯзбекистон ва Тоҷикистон аз 6 то 9 – уми апрели соли 2007 дар шаҳри Душанбе баргузор гардид. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ - драмавии ноҳияи Данғара бо иҷрои ҳунармандонаш мазҳакаи «Дод аз дасти Афандӣ!»-и Ғ. Ашӯр сазовори дипломи ин фестивал ва ҷашнвораи ҳунари театрӣ гардид.[1]

Ҳайати эҷодии Театри мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа аз 29 август то 10 сентябри соли 2008 дар Фестивали дуюми байналмилалии театрҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ дар шаҳри Алма - атои Ҷумҳурии Қазоқистон бо намоишномаи «Манам ягонаи ту»-и Ж. Озубекова иштирок намуда, ба мукофоти махсуси Вазири фарҳанг ва иттилооти Ҷумҳурии Қазоқистон қадр гардонида мешаванд.[2] Мавзӯи асари мазкур, ки дар он асосан проблемаҳои оиладоршавии ҷавонон, беэҳтиромии нисбати волидонашон баъди хонадоршавӣ, умуман дарёфти ҳалли ин масъалаҳоро дар бар мегирад.

Аз 17 то 21 майи соли 2010 Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ ва драмаи ноҳияи Данғара дар Фестивали дуввуми театрҳои касбии ҷумҳуриявӣ, ки дар шаҳри Хуҷанд баргузор гашт, бо намоиши мазҳакавии «Афсона мехоҳам»-и Ҷумъа Қуддус ширкат варзид.[3]

Соли 2011 аз муҳимтарин рӯйдоди фараҳбахши санъати саҳнавӣ – ин баргузории Фестивал – озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ «Параcту - 2011», ки моҳи марти соли ҷорӣ дар шаҳри Душанбе шуда гузашт ба ҳисоб мерафт, ки дар он театрҳои касбии ҷумҳурӣ бо беҳтарин намоишномаҳои худ иштирок намуданд. Театрҳои касбии вилоят низ дар озмуни мазкур бо намоишномаҳои ҷолиби худ ширкат намуданд.

---

[1] Кабутов, З., Махсумов, М. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ – драмавии ноҳияи Данғара. – Душанбе, 2013. - С. 26.

[2] Ҳисобот дар бораи фаъолияти ВФҶТ дар соли 2008 ва самтҳои минбаъдаи пешрафти он дар соли 2009. – С. 42.

[3] Кабутов, З. Махсумов, М. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ – драмавии ноҳияи Данғара. – Душанбе, 2013. - С 45.

Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ – драмавии ноҳияи Данғара бо асари И. Усмонов ва А. Қодиров «Бо як гул ҳам баҳор мешавад» (таҳиягар А. Қодиров) ширкат намуда, сазовори Дипломи дараҷаи 3-юм мегардад.

Театри мусиқӣ – мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷони шаҳри Қӯрғонтеппа асари С. Умар «Моҷаро…ишқ…саҳна» дар таҳияи Б. Раҷабов пешкаш намуда сазовори Дипломи фестивал гашта ва Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон Аловуддин Абдуллоев бо дипломи «Тавваҷуҳи тамошобин» қадр карда мешавад.[1]

Театри мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб бошад бо намоишномаи «Шумқадам»-и Ш. Солеҳ (таҳиягар Р. Одинаев) иштирок карда сазовори ҷойи сеюм ва ҳунарманд Давлатбегим Раҳимова сазовори «Беҳтарин нақши занона» мегардад.[2]

Ҳамзамон театр студияи маҳорати актёрии театри шаҳри Бохтар аз 16 то 21 май дар озмуни ҷумҳуриявии студияҳои ҷавон ба намоишномаи бачагонае, ки дар он асосан воқеаҳои бофтаву хаёлии «Бойи золим ва хурӯси доно»-и Ш. Солеҳ дар таҳияи М. Шомуддинов дар шаҳри Душанбе иштирок карда, сазовори Диплом, мукофот ва баҳои баланди доварон шуда[3] ва гурӯҳи «Наврас»-и дар назди театри Кӯлоб фаъолият дошта Умедҷони Зайниддин дар Фестивали байналмилалии «Донак» дар шаҳри Хуҷанд ширкат намуда, ба гирифтани Дипломи фестивал мушарраф мегардад.[4]

Таҳлилҳо собит месозанд, ки рушди театрҳои мазкур дар ин давра нисбат ба солҳои пешин батадриҷ назаррас буда фаъолияташон низ натиҷаовар гардида истодааст.

---

[1] БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба натиҷаҳои ҷамбасти фаъолияти Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои он дар шаш моҳи соли 2011 ва вазифаҳои минбаъдаи кормандони соҳа. - В. 2.

[2] Аз суҳбати ҳунарманди театр Давлатбегим Раҳимова, 20.02.2021.

[3] Ҳангомаи Исмат. Комёбӣ ҳам ҳаст камбудӣ ҳам… // Хатлон, №22 (2864), 31 майи соли 2012.

[4] БҶ РФВХ //Ҳисобот оиди фаъолияти идораи фарҳанги вилояти Хатлон ва муассисаҳои фарҳангии он дар соли 2011. - В. 3-4.

Санаи 13 то 15 апрели соли 2012 ҳайати эҷодии Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ - драмавии ноҳияи Данғара, дар Фестивали байналмилалии театрҳои касбии «Давраи эҳё ва санъати театрӣ» дар пойтахти Туркманистон - шаҳри Ашхобод, ки бо ширкати 19 театр аз 11 кишвари ҷаҳон баргузор гардид, ширкат намуда намоишномаи мазҳакавии А. Баҳорӣ «Фолбинии Афандӣ»-ро манзури меҳмонону ҳайати доварони фестивал гардониданд.[1] Аз ҷониби ҳакамону тамошобинони сершумор сазовори таҳсину офаринҳо мегарданд.

Театрҳои касбии вилоят дар Фестивали ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ, ки аз 11 то 15 майи соли 2012 дар шаҳри Қӯрғонтеппа шуда гузашт, иштирок намуданд. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ – драмавии ноҳияи Данғара намоишномаи Ш. Ҳусайнов (1929-1999) «Сухани вопасини модар», Театри вилоятии Ато Муҳаммадҷони шаҳри Қӯрғонтеппа намоишномаи мазҳакавие, ки дар он зиндагии як оилаи хаёландеш дида мешавад ин «Лаку Пак»-и А. Қодирӣ ва И. Усмонов ва Театри Сайдалӣ Вализодаи шаҳри Кӯлоб бошад асари «Шоҳин»-и С. Аюбӣ пешкаши ҳозирин намуданд.[2]

Моҳи марти соли 2013 дар Театри давлатии академӣ-драмавии ба номи Абулқосим Лоҳутӣ, Фестивал-озмуни театрҳои касбии ҷумҳурӣ «Парасту-2013» баргузор гардид. Театрҳои касбии вилояти Хатлон дар озмун бо омодагии ҷиддӣ ширкат доштанд.

Бо намоишномаи «Субҳи козиб» аз рӯи асари Ғаюр Ашӯров дар таҳияи коргардон Давлат Убайдуллоев, Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ - драмавии ноҳияи Данғара ширкат намуд. Тозагии сабку сурат дар пешниҳоди мавзуи куҳан, бардоштҳои коргардон, ороиши саҳна ва иҷрои ҳунармандон таассуроти тамошобинону меҳмонон ва доварони фестивалро ба бор овард.[3] Мавзуъ маъмулӣ, аммо актуалӣ ва ҳам барои ҳамаи

---

[1] Ҳисоботи ВФҶТ дар соли 2012 ва самтҳои минбаъдаи он дар соли 2013. - С.6.

[2] Ҳангомаи Исмат. Фестивали ҷумҳуриявии театрҳо ва кафкӯбии ҳазорон мухлис // Хатлон, №22 (2864), 31 майи соли 2012.

[3] Раҳим, А. Аз «Субҳи козиб» то субҳи содиқ // Ҷумҳурият, №52-53 (22 189-190), 13 апрели соли 2013.

замонҳост. Ин саҳна исбот месозад, ки оқибати шахси хиёнаткору дурӯғгӯ бо чӣ анҷом меёбад.

Ҳайати эҷодии Театри мусиқӣ - мазҳакавии ба номи А. Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа асари А. Қодирӣ ва И. Усмон «Лаку Пак» дар ин озмун пешкаш намуданд.[1] Санъатшиносон ва коршиносони соҳа дар муҳокимаи худ баҳои сазоворро ба театри мазкур мақбул донистанд. Театр ва ҳайати эҷодии он бо 5 ҷоизаву Дипломи мукофот «Ҷоизаи махсуси ҳайати ҳакамон», «Ҷоизаи беҳтарин нақши мардона» ба А. Абдуллоев барои иҷрои нақши Пак, «Ҷоизаи иттифоқи композиторони Тоҷикистон» барои беҳтарин ороиши мусиқӣ, Диплом барои иштироки фаъолонаи театр дар фестивал-озмун, тӯҳфаи иттифоқи нависандагони Тоҷикистон - як даста китобҳо барои эҳё ва ба саҳна овардани афсона, анъана ва зарофатгӯии мардумӣ.[2]

Доир ба намоишномаи мазкур драманависи тоҷик Ҷ. Қуддус дар мақолаи худ таҳти унвони «Парвози Парасту-2013» дар рӯзномаи «Минбари халқ», ки аз 18 апрели соли 2013, навиштааст: «...Якбора соҳиби се ҷоизаи расмии ҷашнвора - барои нақши беҳтарини мардона, ороиши мусиқӣ, ҷоизаи махсуси доварон ва ҳамчунин Иттифоқи нависандагон барои эҳё ва рушди фолклор дар санъати театрӣ гардидани намоиши Театри вилоятии мусиқӣ - мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа аз он шаҳодат медиҳад, ки дар шаҳри Қӯрғонтеппа ҳайати хуби ҳунарӣ – ҳунармандон, рассом, устоди рақс ва оҳангсоз ба воя расида, ба коргардони он, ҳамзамон раиси Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон Бурҳониддин Раҷабов яке аз беҳтарин ҳайатҳои ҳунарӣ гаштаанд».[3]

Ҳунармандони Театри ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб бо намоишномаи «Фиғон»-и Ф. Ашӯр низ дар ин озмун ширкат намуданд. Ин

---

[1] Табарӣ, М. Лонаи гарми парасту // Ҷумҳурият, №55 (22 192),18 апрели соли 2013.
[2] Зариф, И. Кохи ҳунари Вахшон (Аз таърихи театри Қӯрғонтеппа). - Қӯрғонтеппа, 2013. – С. 82.
[3] Қуддус, Ҷ. «Парвози Парасту-2013» // Минбари халқ, №16 (891), 18 апрели 2013.

намоишнома ҳам аз ҷониби коршиносон дар интихоби мавзуъ, баҳои баланд гирифта ва ба ҳунарманд Д. Раҳимова барои иҷрои нақши модар мукофоти кумитаи занони ҷумҳуриро сазовор донистанд.[1] Мазмуни асар замонавӣ буда, барои тарбияи ҷавонон ва роҳи дуруст интихоб намудан ва ҷӣ гуна мубтало нашудан ба нашъамандию нашъаҷалобӣ мусоидат менамояд. Театр бо ин намоишнома бори дигар собит сохт, ки касбият дар ин даргоҳи ҳунар дар ҳоли рушду такомул аст. Яке аз муҳимтарин анъана ва тадбирҳои фарҳангӣ фестивал - озмуни «Парасту», ин рушди минбаъдаи санъати касбии театрӣ, гузаронидани сабқати ҳунарӣ аз ҷониби Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ буда, дар давоми баргузории он солҳои гуногун як идда коргардонон, ҳунармандон, драманависон ва рассомони театр аз ҷониби аҳли ҷомеа шинохта шуда, минбаъд дар озмунҳои байналмилалӣ ҳунари театрии тоҷикро муаррифӣ намудаанд.

Соли 2014 ҳайати эҷодии Театри мусиқӣ – мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа дар ду фестивали байналмилалӣ: 2-юмин Фестивали байналмилалии санъати театрӣ «Даврони хушбахтӣ», аз таърихи 10-ум то 20-уми апрел дар шаҳри Ашхободи Ҷумҳурии Туркманистон ва 5-умин Фестивали байналхалқии кишварҳои Осиёи Марказӣ аз таърихи 25-ум то 31-уми октябр дар шаҳри Актауи Ҷумҳурии Қазоқистон, бо намоишномаи «Лаку Пак» аз рӯи асари А. Қодирӣ ва И. Усмонов иштирок намуда, бо нишон додани ҳунари воло соҳиби Ифтихорнома ва Дипломи фестивал, дар бахши маҳорати хуби актёрӣ «Лучший актёрский дуэт» Ҳунарпешаҳои халқии Тоҷикистон Аловуддин Абдуллоев ва Меҳриниссо Ҳоҷибоева сазовор мегарданд.[2]

Аз 15 то 19 июни соли 2015 Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ «Парасту-2015» баргузор гардид.Ҳунармандони театрҳои касбии вилояти Хатлон бо тайёрии ҷиддӣ иштирокдори ин озмун буданд.

---

[1] Абдулқодири Раҳим. Бо «Парасту» «Фиғон» омад // Ҷумҳурият, №51 (22 188), 11 апрели соли 2013.

[2] БҶ РФВХ // Ахборот Театри мусиқӣ - мазҳакавии ба номи А. Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа, оиди иҷроиши «Барномаи рушди санъати касбии тоҷик барои солҳои 2012-2020», дар соли 2014. - В. 2-5.

Театри ҷумҳуриявии ноҳияи Данғара аз рӯи асари С. Аюбӣ намоишномаи «Лаҳади Абулаҳаб»-ро дар таҳияи А. Қодирӣ пешкаши ҳозирин намуданд. Ҳунарманд Маҳмадсаид Махсумов сазовори беҳтарин нақши эпизодӣ мегардад.[1]

Ҳайати эҷодии Театри мусиқӣ – мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа бошад бо намоишномаи «Барои фронт»-и З. Ибод ширкат намуда, бо номинатсияи «Беҳтарин нақши мардона» ва Дипломи фестивал мушарраф мегарданд.[2] Мазмуни асар характери таърихию сиёсиро дар бар гирифта дар он ҳаёти мардуми дар ақибгоҳ будаи солҳои Ҷанги Бузурги Ватаниро (1941-1945) қисса карда, барҳи ҳифзу ҳимояи ватан чизеро дареғ надошта кӯмакҳо мерасониданд.

Ҳунармандони театри Кӯлоб низ бо намоишномаи «Фирдавсӣ»-и М. Бахтӣ дар таҳияи Ҳунарманди халқии Тоҷикистон, барандаи Ҷоизаи давлатии ба номи Абӯабдуллоҳи Рӯдакӣ Мирзоватан Миров, иштирок карда, сарфарози ҷойи сеюм гардиданд.[3]

Соли 2016 баҳри сазовор истиқбол намудани ҷашни бошукуҳи 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон озмуну мусобиқаҳои муассисаҳои фарҳанг баргузор гардиданд, ки дар ташаккулу рушди фарҳанги миллӣ, ҷалби чеҳраҳои нави санъат, беҳтаршавии вазъи хизматрасонии мусоидат намояд.

Дар асоси фармоиши Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19.04.2016 № 63 ба мақсади амали намудани Амри Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 24.02.2016 ҷиҳати дар сатҳи баланд ҷашн гирифтани 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фароҳам овардани шароити мусоид барои рушд ва истифодаи самараноки иқтидор ва имкониятҳои ташкилоту муассисаҳои фарҳанг, ҳифзи анъанаҳои миллӣ ва фарҳанг мусобиқаи ҷумҳуриявии «Муассисаи беҳтарини сол» эълон

[1] БҶ ВФҶТ // Ҳисоботи эҷодии Муассисаи давлатии «Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара» дар соли 2015. - В. 2.

[2] Натиҷаҳои фаъолияти Вазорати фарҳанг дар соли 2015 ва самту вазифаҳои афзалиятноки рушди соҳаи фарҳангу санъат ва табъу нашр дар соли 2016. - С. 19.

[3] БҶ РФВХ//Ҳисобот оиди фаъолияти Муассисаи давлатии «Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С.Ализодаи шаҳри Кӯлоб» дар соли 2015. - В. 3.

гардида буд. Дар рафти мусобиқа барои муайян гардидани муассисаи беҳтарини сол шартҳои зерин пешниҳод гардида буданд:

- ба назардошти сатҳу сифати корҳои тарғиботӣ таъминоти ороиши муассисаҳои фарҳангӣ бо шиору овезаҳо, лавҳаҳо бахшида ба сулҳу ваҳдат;

- риояи интизоми меҳнат;

- таъмини муассисаҳо ба таҷҳизоти технологияи муосир;

- ҳолати бино, ободии он ва маводҳои тарғиботӣ оид ба дастовардҳои соҳа дар даврони Истиқлолият;

- созгор будани фаъолияти дастаҳои ҳунарӣ ва маҳфилҳои худфаъолияти бадеӣ;

- вазъи хазинаи китобхонаҳо ва таъмини онҳо ба адабиёти тозанашр, афзоиши нишондиҳандаҳои асосӣ, ҳолати ободонии биноҳо, кори маълумотдиҳии библиографӣ;

- вазъи фаъолияти илмӣ - тадқиқотии осорхонаҳо, вазъи ҳуҷҷатгузорӣ ва гурӯҳбандии коллексияҳо дар хазинаи осорхонҳо;

- ҷалби ҷавонон ва наврасон ба маҳфилҳои дастаҳои ҳаваскорони санъат;

- сатҳи таъминоти муассисаҳои клубӣ бо созҳои мусиқӣ, либосҳои саҳнавӣ, дастгоҳи тақвияти овоз, ва дигар лавозимоти зарурӣ барои корҳои эҷодӣ, мавҷудияти шароити мусоид барои муассисаи клубӣ;

- баланд бардоштани сифати таълим дар муассисаҳои таълимӣ - касбӣ, риояи барномаҳои таълимӣ;

-намоиши беҳтарин, репертуари беҳтарин, нишондиҳандаи беҳтарин барои муассисаҳои театрӣ ва консертӣ;

- ҳифз ва истифодаи мероси таърихию фарҳангӣ, омӯзиши осори хаттӣ.

Ҳамин тавр, Кумитаи Тадорукоти мусобиқаи ҷумҳуриявии «Муассисаи беҳтарини сол»-и Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон дар минтақаи Кӯлоб рафти мусобиқаро дар байни муассисаҳои фарҳангии шаҳру навоҳиҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон бахшида ба 25-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон санҷида қарор намуд: дар қатори чанд муассисаи ғолибомада Театри вилоятии мазҳакаи

мусиқии ба номи С. Ворзодаи шаҳри Кӯлоб ҳам ғолиби мусобиқаи ҷумҳуриявии «Муассисаи беҳтарини сол» дониста шуда ба кумитаи тадорукотии ҷумҳуриявӣ пешбарӣ карда шуданд.[1]

Дар ин давра гурӯҳи ҳунармандони «Лӯхтак»-и Театри мусиқӣ–мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа бо намоишномаи тарбиявии «Бе ранҷ наёби ганҷ», аз рӯи асари Х. Давлатов дар Фестивали байналмилалии «Чодари хаёл» соли 2016, ки дар шаҳри Душанбе баргузор гардид, иштирок ва ҳунарнамоӣ намуда, сазовори Ифтихорнома ва Диплом фестивал гардиданд.[2]

Бахшида ба истиқболи 20-солагии Ваҳдати миллӣ аз 18 то 24 апрели соли 2017 дар шаҳри Душанбе Фестивал-озмуни «Парасту-2017» баргузор гардид. Дар ин ҳамоиш 17 театри касбӣ ширкат варзида, намоишҳои беҳтарини тайи ду соли охир таҳиякардаи худро манзури мухлисони сершумор ва ҳайати ҳакамони ҷашнвора намуданд.

Театрҳои касбии вилояти Хатлон низ иштирокчии ин озмун буданд. Ҳайати эҷодии театри Данғара бо намоишномаи мавзуи таърихидоштаи «Шикасти аввал - Қаромита»-и Ҷ. Қуддус иштирок намуда, дар натиҷа номинатсияи «Беҳтарин нақши мардона»-ро ҳунарманди М. Махсумов соҳиб мегардад.[3]

Театри мусиқӣ - мазҳакавии шаҳри Қӯрғонтеппа асари таърихии «Наврасии Мушфиқӣ»-и Т. Зулфиқоровро дар таҳияи Н. Раҷабова, ки он аз ҳаёту зиндагии Мушфиқӣ қисса мекард иштирок менамоянд.[4]

Ҳунармандони Театри мазҳакаи мусиқии ба номи С. Ворзода бо намоишномаи «Гирдоби зиндагӣ»-и М.Набиев дар озмуни мазкур иштирок карданд. Мавзӯи намоиш замонавӣ буда, зиндагии ҷавондухтареро, ки бо

[1] БҶ БРФМКВХ // Ҳисоботи фаъолияти муассисаҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар соли 2016. - В. 5-6.
[2] БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2016. - В. 2.
[3] БҶ ВФҶТ // Ҳисоботи эҷодии Муассисаи давлатии «Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара» дар соли 2017. - В. 1.
[4] БҶ РФВХ // Ҳисоботи Театри вилоятии мусиқӣ-мазҳакавии ба номи А.Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа дар нимсолаи 2017. - В. 1.

умеди зиёд оила барпо намудаву, дар натиҷаи озори зиёд аз ҷониби оилаи шавҳараш дида дар гирдоби зиндагӣ меафтаду, даст ба худкушӣ мезанад. Намоишнома аз ҷониби тамошобинон хуб пазироӣ гардида аз тарафи мутахассисон баҳои арзанда мегирад.[1]

Ҳамзамон аз санаи 11 то 16 сентябри соли 2017 ҳунармандони Театри вилоятии мусиқӣ - мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Қӯрғонтеппа дар 6-умин Фестивали байналмилалии театрии «АРТ-ОРДО», ки дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон шуда гузашт, бо намоишномаи «Лаку Пак»-и А. Қодирӣ ва И. Усмонов ширкат намуда, соҳиби 3 ҷоиза ва дипломи махсуси Вазорати фарҳанг, иттилоот ва сайёҳии Ҷумҳурии Қирғизистон мегарданд.[2]

Ҳамчунин ҳайати эҷодии театри мазкур дар Фестивали байналмилалии «Айтматов ва театр», ки бахшида ба 90-солагии драматург Чингиз Айтматов (1928-2008), санаи 10 то 19 ноябри соли 2018, дар шаҳри Бишкеки Ҷумҳурии Қирғизистон баргузор шуда буд бо намоишномаи «Арасот»-и Ч. Айматов дар таҳияи П.Раҷабов иштирок намуда, сазовори ҷоизаи «Нақши беҳтарини мардона» Ҳунарманди халқии Тоҷикистон Аловуддин Абдуллоев ва ҷоизаи «Нақши беҳтарини мардонаи дараҷаи 2» ҳунарпеша Қурбонмуҳаммад Шукуров гардиданд.[3] Дар ин намоиш коргардон ба воситаи ҳаёти табии тарзи дурусти зиндагиро ба мардум ифшо намудааст.

Дар асоси мактуби Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 10.04.2019, №1-02/85, аз таърихи 15 апрел то 22-юми апрели соли 2019 дар шаҳри Душанбе Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбӣ «Парасту-2019» бахшида ба истиқболи «30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» баргузор гардид.

---

[1] БҶ БРФМКВХ // Ҳисоботи Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб дар се моҳи 2017. - В. 2.

[2] Комрони Бахтиёр. Театри Хатлон аз Бишкек 3 ҷоиза овард // Хатлон, №38 (3123). 25 сентябри 2017.

[3] Натиҷаҳои ҷамбасти фаъолияти Вазорати фарҳанг дар соли 2018 ва самтҳои афзалиятноки пешбурди соҳаҳои фарҳангу санъат ва табъу нашр дар соли 2019. - С. 12.

Дар ин ҳамоиш 18 театри касбии ҷумҳурӣ ширкат варзида, беҳтарини намоишномаи таҳиякардаи худро ба мухлисону ҳайати ҳакамон тақдим намуданд.

Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ - драмавии ноҳияи Данғара бо намоишномаи «Баҳори Фаронса»-и Т. Маҳмадризоев дар таҳияи С. Додарбеков, Театри мусиқӣ – мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар намоишномаи «Карим-девона», аз рӯи асари Тӯрахон Аҳмадхонов дар таҳияи коргардон Қурбонмуҳаммад Шукуров, Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи Сайдалӣ Вализодаи шаҳри Кӯлоб аз рӯи асари Ҷумъа Қуддус намоишномаи «Баҳори Вахдат»-ро дар таҳияи Одиназода Раҳмоналӣ ва Театри вилоятии лӯхтаки «Афсона»-и шаҳри Бохтар намоишномаи «Бурёкӯбони харгӯшак»-ро аз рӯи асари Хайрулло Давлатов дар таҳияи Абдураҳим Абдураҳмонов пешниҳод намуданд.[1]

Дар ҷамбасти озмун ҳунармандони Театри Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар сазовори ҷойи сеюм ва коргардони Театри вилоятии лӯхтаки «Афсона»-и шаҳри Бохтар Абдураҳим Абдураҳмонов сазовори Диплом «Барои беҳтарин дебюти коргардонӣ» мегарданд.[2]

Аз санаи 19 то 25 майи соли 2021 бахшида ба 30-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон Фестивал-озмуни ҷумҳуриявии театрҳои касбии ҷумҳурӣ «Парасту-2021» дар шаҳри Душанбе баргузор шуд. Дар ин ҳамоиш 11 театри касбии кишвар ширкат дошт. Дар ҷашнвора - озмуни имсолаи «Парасту» театрҳои касбии вилояти Хатлон, дастовардҳои тозаэҷоди худро пешкаши мухлисон ва мутахассисони пойтахт гардониданд. Бояд қайд намуд, ки дар ин озмун фақат ду театри касбии вилояти Хатлон роҳ ёфта буданд. Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара бо намоишномаи «Даҳ рӯзи генерал Шерак»-и И.Усмонов дар таҳияи С. Додарбеков ва Театри мусиқӣ - мазҳакавии ба номи Ато

---

[1] БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2019. - В. 5.

[2] БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди кору фаъолияти Театри вилоятии лӯхтаки «Афсона»-и шаҳри Бохтар дар ёздаҳ моҳи соли 2019. - В. 1.

Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар аз рӯи асари «Бежан ва Манижа»-и ҳаким Абулқосим Фирдавсӣ (940-1020) дар таҳияи Б. Қурбонзода пешкаши ҳакамону мухлисон гардониданд. Дар ҷамбаст баъди хулосабароии ҳайати ҳакамон ҷойи дуюмро муносиби театри шаҳри Бохтар донистанд. Ҳамзамон барои интихоби мавзуъ бобати тарғиби ғояҳои ватандӯстӣ ва ваҳдату ягонагӣ, ҷоизаи махсуси ҳайати ҳакамон ба Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ - драмавии ноҳияи Данғара супорида мешавад.[1]

Ҳамин тавр, солҳои соҳибистиқлолӣ вазъи иқтисодӣ – иҷтимоии ҷумҳурӣ беҳтар гашта, маблағгузорӣ ба соҳаи фарҳанг зиёд гардид. Дар ин давра барои иштироки ҳунармандони тоҷик дар озмуну фестивалҳои байналмилалӣ шароити мусоид фароҳам оварда шуд.

Чуноне, ки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (2011) қайд намуданд: «Боиси қаноатмандист, ки имрӯзҳо ҳамватанони мо дар беҳтарин саҳнаҳои ҷаҳон ҳунарнамоӣ менамоянд. Тавассути дастгирии ҳукумати кишвар дар даврони истиқлолият санъаткорони мо ба зиёда аз 50 кишвари ҷаҳон сафари ҳунарӣ анҷом доданд. Танҳо дар соли 2010 ҳунармандони тоҷик дар ҷашнвораву озмунҳо ва фестивалҳои 20 мамлакати ҷаҳон ширкат варзида, фарҳангу ҳунари волои миллати тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ карданд».[2]

Хулоса, театрҳои касбии вилояти Хатлон дар солҳои соҳибистиқлолӣ дар фестивалҳои сатҳи вилоятӣ, ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ: «Озмуни вилоятии «Сенарияи беҳтарин», Озмуни ҷумҳуриявии «Дилафрӯз», «Парасту», Фестивали «театрҳои касбии ҷумҳурӣ», «Садои фалак», Фестивали байналмилалии театрҳои касбии «Давраи эҳё ва санъати театрӣ», Фестивали дуюми байналмилалии театрҳои кишварҳои Осиёи Марказӣ, Фестивали байналмилалии театрҳои касбии «Наврӯз»,

---

[1] Фарзонаи Файзалӣ. "Парасту-2021" // Ҷумҳурият, №104 (24 211). 27 майи соли 2021.
[2] Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ – 20.04.2011.[Манбаи электронӣ]. http://mmk.tj/ru/president/letter/. (Санаи истифодабарӣ: 20.02.2021).

Фестивали байналмилалии театрҳои касбии Осиёи Миёна ва Қазоқистон «АЗЕМА», Фестивали байналмилалии театрии «АРТ-ОРДО», Фестивали байналмилалии Осиёи Марказӣ, Фестивали байналмилалии санъати театрӣ «Даврони хушбахтӣ», Фестивали байналмилалии «Айтматов ва театр», Озмуни ҷумҳуриявии студияҳои ҷавон, Фестивали байналмилалии «Донак», Фестивали байналмилалии «Чодари хаёл», ширкат намуда, ҳадафҳои асосию шартҳои чорабиниҳои номбурдаро мувофиқ ба талаботи замон иҷро намуданд.

Ҳадафу мақсади асосии фестивалу озмунҳои зикр гардида, ба вуҷуд овардани шароити мусоиди корӣ барои фаъолияти хуби ин муассисаҳо ва ҳамчунин вусъати нерӯи эҷодии кармандон, дарёфти чеҳраҳои нав, ҳифзу равнақи анъанаҳои беҳтарини фарҳангӣ, беҳтар намудани шароити эҷодии корӣ мебошад. Дар баробари ин баҳри баланд бардоштани сатҳи маънавии ҷомеа, ҳамчунин тарғибу ташфиқи насли имрӯзаро дар руҳияи инсондӯстӣ ва ҳисси ватандӯстию ватанпарастӣ бо ин васила тарбия намудан аст.

Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои рушди театрҳои касбии ҷумҳурӣ, мавзуъ ва мундариҷаи он таъсири мусбат расонида, мутобиқи сиёсати фарҳангии Ҳукумати Ҷумҳурӣ, махсусан пас аз истиқрори ҳукумати конститутсионӣ дар кишвар, барои инъикоси кулли масъалаҳои фаромиллӣ, таърихи фарҳанг, адабиёт, дину оинҳои халқи тоҷик мусоидат кард.

Дар ин замина солҳои соҳибистиқлолӣ, театрҳои касбии вилояти Хатлон баҳри баланд бардоштани завқи эстетикии мардум, инъикоси ҳаёти воқеии тарбияи насли наврас дар руҳияи ватандӯстиву хештаншиносӣ равона гардида, баҳри рушди маънавиёт ва фарҳанги ҳар як шахс ва ҷомеа дар маҷмуъ хизмат мерасонанд ва муаррифгари санъати миллии тоҷик мебошанд. Дар ин давра театрҳо садҳо асарҳои гуногунмавзуи драмавиро аз рӯи асарҳои драматургони ватанию хориҷӣ, барномаҳои консертӣ ва композитсияҳои адабӣ - мусиқӣ таҳия ба намоиш гузоштанд.

Ҳамчунин барои муназзам гардонӣ ва нишон додани дурнамои рушди фарҳанг ва санъати касбӣ, фароҳам овардани фазои мусоиди меъёрӣ - ҳуқуқӣ, барои фаъолияти муассисаҳои фарҳангии Тоҷикистон бо супориши Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, як қатор барномаҳои давлатӣ бо накшаҳои мушаххас таҳия ва пешниҳод гардиданд. Қабулу амалӣ шудани ин барномаҳо дар рушду инкишофи театрҳои касбии кишвар хусусан вилояти Хатлон то андозае мусоидат намуд.

Пайдост, ки дар даврони истиқлолият паҳлӯҳои гуногуни фарҳанги миллӣ таҷдиду такони тоза ёфтанд. Ба шарофати ғамхориҳои доимии ҳукумати кишвар, муассисаҳои фарҳангӣ чӣ дар ҷумҳурӣ ва чӣ дар вилояти Хатлон марҳила ба марҳила таъмиру азнавсозӣ ва бунёд гардиданд. Таъсис ёфтани Театри вилоятии лӯхтаки «Афсона»-и шаҳри Бохтар (2017) ва таъмиру тармим гардидани бинои Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи Сайдалӣ Вализодаи шаҳри Кӯлоб (2006) ва бунёди бинои наву замонавии Театри вилоятии мусиқӣ - мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷонови шаҳри Бохтар (2016) далели гуфтаҳои болост. Зимни ин, тадриҷан мустаҳкам гардидани базаи моддӣ - техникии муассисаҳои мазкур бо мизу курсӣ, технологияи компютерӣ, воситаҳои декоративӣ ва нақлиётӣ таъмин ва ҷиҳозонида шуда, ҳамчунин баромадан ба сафарҳои ҳунарӣ зиёд гардид. Ҳамзамон иштироки ҳунармандони театрҳои касбии вилоят дар Фестивал-озмунҳои ҷумҳуриявию байналмилалии театрҳои касбӣ мисоли гуфтаҳои болост. Дар баробари комёбиҳо то ҳол мушкилиҳо дар фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон мавҷуданд, ки ба фаъолияти пурмаҳсули онҳо монеа эҷод менамоянд.

Омили муҳимтарини дастгирии давлатӣ - иҷтимоӣ, ҳифз ва инкишоф додани санъат лоиҳаҳое мебошанд, ки бахри боло бурдани эътибори театр ва беҳтар намудани вазъи иҷтимоии кормандони эҷодӣ, интихоби роҳҳои танзими равобити театрӣ, ташкили муҳити мусоид, татбиқи судманди мухталиф, ки бо таъминоти молӣ ва моддии театрҳо

вобастагӣ доранд, равона шудаанд. Чораандешии саривақтӣ ҳалли ин мушкилотҳоро тақозо дорад.

# ХУЛОСА

## 1. Натиҷаҳои асосии илмии диссертатсия

Дар замони Ҳукумати Шуравӣ барои рушду такомули санъати касбӣ ва фарҳанги миллии тоҷик диққати хоса дода мешуд. Бо ҷалби васеи мардум чорабиниҳои фарҳангӣ – оммавӣ гузаронида, ҳамчун сохти ягона ба рушди минбаъдаи фарҳангии халқи тоҷик мусоидат менамуд. Зимни ин, барои пешрафти театр, ки дар низоми ҷамъиятии нав нақши муҳимро доро буда, яке аз шаклҳои нави маданият маҳсуб меёфт, аҳаммияти махсус дода шуда буд. Дар муттаҳидсозӣ ва фароҳам овардани шароити эҷодии ҳунармандон дар ҷумҳурӣ театрҳои касбӣ таъсис ёфтанд, ки дар рушди минбаъдаи санъати театрӣ такони бузурге бахшиданд. Ҳамчунин баргузории даҳаҳои санъати тоҷик, фестивал-озмунҳо ва сафарҳои ҳунарӣ ба ҷумҳуриҳои бародарии собиқ Иттиҳоди Шуравӣ дар тарғиб ва муаррифии санъати миллии тоҷик бевосита таъсири пурбори бадеӣ гузошт [2-М; 4-М].

Дар ҷараёни таҳқиқот муайян шуд, ки аввали солҳои 90-уми асри XX муассисаҳои театрии кишвар моҳияти мавҷудаи худро дар набзи зиндагӣ ва рӯҳияи башардӯстии шаҳрвандон аз даст доданд. Ҷанги шаҳрвандӣ, вазъияти номуназзами фарҳангии ҷумҳурӣ**,** паст шудани мавқеи ҷамъиятии аҳли адабу ҳунар ва паст гардидани сатҳи зиндагии мардум ба он оварда расонд, ки фазои эҷодию бадеии театрҳои касбии вилояти Хатлон оҳиста-оҳиста заиф гардад [1-М; 8-М].

Вазъи фаъолияти театрҳои касбии вилояти Хатлон дар даҳсоли аввали соҳибистиқлолӣ мушкил гардида, аксар мутахассисон бо сабабҳои гуногун фаъолияти худро қатъ намуда, ба корҳои дигар гузаштанд. Ин мушкиливу масоили мавҷуда хусусияти моддӣ дошта, ба кам маблағгузорӣ шудани муассисаҳо вобастагии зиёд дошт [1-М; 8-М].

Дар ин давра шумораи намоишҳои таҳиягардида ниҳоят кам гардид. Буҳрони сиёсию иқтисодӣ ва фарҳангӣ, ки солҳои 90 – ум ҷумҳуриро фаро гирифта буд, бевосита ба театрҳои касбии ҷумҳурӣ, бахусус театрҳои

касбии вилояти Хатлон таъсири манфӣ расонид. Аз ҷумла шумораи тамошобинон коста гардида, базаи моддӣ – техникии муассисаҳои фарҳангӣ заиф гардид ва дари бархе аз театрҳои касбии кишвар ба рӯи ҳаводоронашон баста шуд. Бояд зикр кард, ки фаъолияти муассисаҳои мазкур дар замони шуравӣ дар сатҳи хеле хуб амалӣ гардида, талаботи маънавии ҷомеаро комилан таъмин менамуд. Дар ҷараёни таҳқиқот муайян гардид, ки новобаста аз мушкилиҳои солҳои 90-ум дар оғози асри XXI театрҳои касбии вилоят, фаъолияти худро то ҷое ба низом даровarда, чӣ аз ҷиҳати касбият ва чӣ аз ҷиҳати репертуар дар қатори театрҳои касбии бонуфузи ҷумҳурӣ шомил гардиданд [1-М; 2-М; 8-М].

Сиёсати давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи фарҳанг ба амалӣ гардидани Барномаҳои гуногуни рушди соҳаи фарҳанг равона гардида, баҳри мусоидат намудан баривоҷу равнақи муассисаҳои театрӣ ва беҳдошти ҳолати онҳо таваҷҷуҳ зоҳир намуда, бо мақсади мукаммалгардонии шароити моддӣ – техникии театрҳо аз ҳисоби Барномаҳои давлатӣ ва раёсату шуъбаҳои фарҳанги вилоят ва шаҳру новоҳиҳои ҷумҳурӣ ҷудо гардидани маблағҳои молиявӣ баҳри хариди таҷҳизотҳои техникӣ: компютерҳо, таҷҳизоти сабти овоз, баландгӯякҳо ва асбобҳои мусиқӣ равона гардидааст. Ҳамасола аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои таъмиру азнавсозӣ, хариди либос, декоратсия ба театрҳо маблағҳои молиявӣ ҷудо мегарданд [1-М; 2-М; 6-М].

Ҳамчунин аз тарафи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон санадҳои асосии меъёрӣ – ҳуқуқӣ оиди фаъолияти фарҳангӣ – маърифатӣ, ки дар заминаи ҳуҷҷатҳо ва конвенсияҳои меъёрӣ – ҳуқуқии байналмилалӣ муназзам шуда буданд, қабул гардиданд [1-М].

Бо мақсади татбиқи амалии муқаррароти Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар мамлакат «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси соҳаи фарҳанг, ҳунар ва табъу нашр дар солҳои 2007-2010», Барномаи давлатии рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон

барои солҳои 2008 – 2015, Барномаи рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2019 ва «Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи фарҳанг, санъат ва табъу нашри Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2022» қабул гардиданд, ки дар пешрафти соҳаи санъати касбии тоҷик нақши мусбӣ гузоштанд.

Дар даврони соҳибистиқлолӣ театрҳои касбии кишвар ҳамкориҳои байналмилалиро то ҷое ба роҳ монданд, ки минбаъд ба рушди санъати театрӣ таконе тозае бахшид. Зимни ин, театрҳои касбии вилояти Хатлон бо намоишномаҳои таҳиякардаашон иштирокдори фестивалҳои байналмилалии театрӣ буда, муаррифгари санъати миллии тоҷикӣ гардидаанд. Ҳамзамон дар фестивалҳои сатҳи вилоятиву ҷумҳуриявидошта иштироки фаъолона намуданд. Ҳадафи асосӣ аз баргузории фестивал - озмунҳо ба вуҷуд овардани шароити мусоиди корӣ барои фаъолияти хуби муассисаҳои театрӣ, дарёфти чеҳраҳои нав, истеъдодҳои нав, вусъат бахшидан ба нерӯи эҷодии кормандон, ҳифзу равнақи анъанаҳои беҳтарини фарҳангӣ мебошад. Қобили зикр аст, ки имрӯзҳо ҳунармандони театрҳои касбии вилояти Хатлон дар офариниши асарҳои саҳнавии мавзуан гуногун бо ҷоизаҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ қадр гардида, фарҳангу ҳунари миллати тоҷикро ба ҷаҳониён муаррифӣ менамоянд [1-М; 3-М; 5-М; 6-М].

Таҳлилҳо собит месозанд, ки дар зарфи 30 соли соҳибистиқлолӣ шумораи театрҳои касбӣ дар кишвар афзуда, дар рушди ин соҳа аз ҷониби Ҳукумати ҷумҳурӣ тадбирҳои зарурӣ андешида шуда истодаанд. Агар соли 1991 дар кишвар 14 театри касбӣ фаъолият мекард пас ин шумора дар соли 2021 ба 18 расидааст [1-М; 6-М].

Аз соли 2021 дар ҷумҳурӣ 18 театри касбӣ вуҷуд дорад, ки аз ин 6-то дар шаҳри Душанбе, 7-то дар вилояти Суғд, 1-то дар ВМКБ ва 4-то дар вилояти Хатлон бо мақсади қонеъ намудани талаботи маънавии ҷомеа фаъолият доранд. (Замимаи 13).

Тӯли солҳои соҳибистиқлолӣ бо ибтикори Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар миқёси вилояти Хатлон ду театри касбӣ, Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ - драмавии ноҳияи Данғара ва Театри вилоятии лӯхтаки «Афсона»-и шаҳри Бохтар таъсис ёфтанд, ҳамчунин бинои наву замонавии Театри мусиқӣ –мазҳакавии ба номи Ато Муҳаммадҷони шаҳри Бохтар сохта ба истифода дода шуд, ки айни ҳол фаъолияти натиҷабахш дошта, дар инкишофу рушди санъати касбии тоҷик ва тарғибу ташвиқи он саҳми назаррас доранд [1-М].

Бояд таъкид кард, ки дар ин давра бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон силсилаи қонуну барномаҳои давлатӣ, асноди меъёрии ҳуқуқии вобаста ба инкишофи минбаъдаи соҳаҳои фарҳанг - театр, барои таҳкими заминаи моддиву техникии муассисаҳои фарҳанг, бунёди инфрасохтори муосири фарҳангӣ, татбиқи ҳуқуқу озодиҳои конститутсионии шаҳрвандон ҷиҳати истифода аз дастовардҳои соҳаи фарҳанги миллӣ ва умумибашарӣ мусоидат намуданд [3-М; 8-М].

Имрӯзҳо дар театрҳои касбии вилояти Хатлон наздики 300 нафар фаъолият доранд. Дар муассисаҳои мазкур 2 нафар Ҳунарпешаи халқии Тоҷикистон, 6 нафар Ҳунарпешаи шоистаи Тоҷикистон, 1 нафар дорандаи «Ордени Шараф», 5 нафар дорандаи медали «Хизмати шоиста», 1 нафар Корманди шоистаи Тоҷикистон кору фаъолият доранд. Ин нерӯи бузурги эҷодӣ тамоми кӯшишу ғайрати хешро баҳри рушду нумӯи фарҳанги миллӣ равона намуда, дар эҳёи суннатҳои мардумӣ ва ҳифзи хотираи таърихӣ саҳми арзанда гузошта истодаанд [1-М; 8-М].

**2.Тавсияҳо оид ба истифодаи амалии натиҷаҳо**

Бо назардошти натиҷаи тадқиқотии рисола аз рӯйи омӯзиши таърихии театрҳои касбии вилояти Хатлон ва рушди минбаъдаи онҳо дар шароити соҳибистиқлолии ҷумҳурӣ дар мувофиқа бо вазорату идораҳои дахлдор таклифу пешниҳодҳои зерин ба назар гирифта шаванд:

- татбиқи самарабахши сиёсати фарҳангии давлат вобаста ба рушди санъати театрӣ ва баланд бардоштани мақоми он дар ҷомеа;

- ҳангоми тартиб додани барномаи рушди минбаъдаи театрҳо ҷузъиёти судманд оиди сохтмони театр дар вилоят ба назар гирифта шавад;

- ташкили мунтазами сафарҳои эҷодии театру дастаҳои мусиқии музофотӣ дар пойтахт ва маркази вилоят, шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ, тарғиб ва намоиш додани дастовардҳои эҷодии театрию мусиқии ҷумҳурӣ тавассути матбуоти давлатӣ, ҳамчунин баргузор намудани фестивалҳои театрӣ, озмунҳо баҳри қонеъ гардонидани ниёзҳои фарҳангии ҷомеа;

- вобаста ба роҳҳои баланд бардоштани сатҳи касбии ҳунармандони театрҳои касбии вилоят аз ҷониби Вазорати фарҳанг, барпо намудани курсҳои омӯзишӣ ва такмили ихтисоси ҳунарпешагон дар театрҳои дохил ва хориҷи кишвар, инчунин таҳсили ҷавонони соҳибистеъдод дар муассисаҳои олии театрии хориҷ;

- ташкили фестивалҳои байналмилалии театрҳо ҳамчун яке аз воситаҳои рушди равобити фарҳангӣ ва ҳамкорӣ бо анҷуманҳои театрии ҷаҳон;

- муҷаҳҳаз гардонидани саҳнаи театрҳо бо таҷҳизотҳои нави муосир аз қабили: бо асбобҳои нурафкан таъмин намудани саҳна ва воситаҳои техникии тақвиятдиҳандаи овоз (баландгӯяк);

- таъсис додани студияҳои бачагона, наврасон дар назди театрҳо, бахусус дар театри Кӯлоб;

- баланд бардоштани музди меҳнати кормандони театрӣ, инчунин андешидани чораҳои зарурӣ бо мақсади беҳтар гардидани сатҳи иҷтимоии онҳо аз қабили ҷудо намудани қитъаҳои замин ва ё хобгоҳҳо;

- ҳангоми муҳокима ва таълифи асарҳои нави саҳнавӣ, талаботи ҷиддӣ нисбат ба интихоби асар, ки муҳтавои он ифодагару инъикоскунандаи рӯҳияи қавӣ, ҳаёти осудаи миллати тоҷик ва ба завқу ҳаваси бинанда бошад;

- ташкил ва гузаронидани семинарҳои коргардонон, драматургон, иҷрогарон, рассомони театрҳо;

- қавӣ намудани базаи моддию техникии муассисаҳои театрӣ ва санъат, ҳавасмандгардонии фаъолияти метсенатӣ, сарпарсатӣ ва спонсорӣ;

- тавассути ташкил намудани сафарҳои устодон гузаронидани тренингҳои касбии актёрон оид ба масоили эҷодию иҷроӣ;

- таъмини ҳамкории самарабахши мутақобилаи мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва муассисаҳои фарҳангу санъат;

- таъсиси гурӯҳи лӯхтабоз дар факултаи санъати - театрии Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати ба номи М .Турсунзода;

- андешидани тадбирҳо бобати фаъолияти минбаъдаи муназзами муассисаҳои театрӣ, азнавсозӣ ва мукаммалгардонии мундариҷа, сохтор ва шаклҳои фаъолияти он бо дарназардошти таҷрибаи ҷаҳонӣ.

# НОМГӮИ АДАБИЁТ

## 1. РӮЙХАТИ МАЪХАЗҲО ВА АДАБИЁТИ ИСТИФОДАШУДА

### Маводҳои бойгонӣ:

### Бойгонии ҷории Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон


1. БҶ ВФ ҶТ // Маҷмӯаи қарорҳои Ҳукумати РСС Тоҷикистон. - 1980. - №8, (258). - В. 17.

2. БҶ ВФ ҶТ // Маҷмӯаи ҳисоботи шашмоҳаи Вазорат оиди фаъолияти театрҳо дар соли 1989. - В. 1.

3. БҶ ВФ ҶТ // Гузориши маҷлиси машваратии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 1992. - № 4/9. - В. 3-4.

4. БҶ ВФ ҶТ // Фармони Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон (01. 02.1993. № 10). - В. 1.

5. БҶ ВФ ҶТ // Маълумот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. - 1994. - В. 4.

6. БҶ ВФ ҶТ // Ҷамбасти натиҷаҳои фаъолияти кормандони вазорати фарҳанг ва иттилооти ҶТ дар соли 1995 ва проблемаю дархостҳо ва вазифаҳои минбаъдаи онҳо. - В. 3.

7. БҶ ВФ ҶТ // Гузориш оид ба ҷамбасти ҷашнвора, озмуни театрҳои касбии Тоҷикистон «Парасту-95».-1996. - В. 3-4.

8. БҶ ВФ ҶТ // Дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги ҶТ дар нимсолаи аввали соли 2002-ум ва пешниҳоду вазифаҳо роҷеъ ба самтҳои минбаъдаи кор. - В. 3.

9. БҶ ВФ ҶТ // Гузориш оиди рафти иҷроиши Қарори Ҳукумати ҶТ аз 25.09.2003 №478 дар бораи Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара. - В. 3.

10. БҶ ВФ ҶТ // Ҳисобот дар бораи фаъолияти Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2004. - В. 9.

11. БҶ ВФ ҶТ // Гузориш оиди таҳлили иҷрои «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси соҳаи фарҳанг, ҳунар ва табъу нашр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007-2010» дар нимсолаи дуюми соли 2009. - В. 4.

12. БҶ ВФ ҶТ // Фармоиши Вазири Фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17.07.2014.

13. БҶ ВФ ҶТ // Гузориш оид ба рафти иҷрои «Барномаи давлатии рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2013-2019» - В. 1-5.

14. БҶ ВФ ҶТ // Ҳисоботи эҷодии Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара» дар соли 2014. - В. 3.

15. БҶ ВФ ҶТ // Ҳисоботи эҷодии Муассисаи давлатии «Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ - драмавии ноҳияи Данғара» дар соли 2015. - В.1-3.

16. БҶ ВФ ҶТ // Ҳисоботи эҷодии Муассисаи давлатии «Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара» дар соли 2016. - В. 2-4.

17. БҶ ВФ ҶТ // Ҳисоботи эҷодии Муассисаи давлатии «Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара» дар соли 2017. - В. 5.

18. БҶ ВФ ҶТ // Ҳисоботи Муассисаи давлатии «Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавии ноҳияи Данғара» дар соли 2019. – В. 3.

19. БҶ ВФ ҶТ // Ҳисоботи эҷодии Муассисаи давлатии «Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавӣ»-и ноҳияи Данғара дар 2021. – В. 1-4.

20. БҶ ВФ ҶТ // Маълумот оиди даромади молиявии Муассисаи давлатии «Театри ҷумҳуриявии мусиқӣ-драмавӣ»-и ноҳияи Данғара дар соли 2021. – В. 1.

21. БҶ ВФ ҶТ // Ҳисоботи шуъбаи илм ва муассисаҳои таълимии Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2021. - В. 2-6.

22. БҶ ВФ ҶТ // Ҳисоботи Вазири фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба чараёни иҷрои Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2017, №549 дар бораи “Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои фарҳанг, санъат ва табъу нашри Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022”, дар соли 2021. - В. 2-8.

23. БҶ ВФ ҶТ // Маълумотнома оид ба иҷрои Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои фарҳанг, санъат ва табъу нашри Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022. – 2021. - В. 3.

24. БҶ ВФ ҶТ // Ҳисоботи шуъбаи таҳлил ва дурнамои иқтисодӣ дар соли 2021. - В. 1.

25. БҶ ВФ ҶТ // Ҳисоботи солони ДДФСТ ба номи М. Турсунзода оид ба иҷрои нақша-чорабиниҳои Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба амалисозии Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи фарҳанг, санъат ва табъу нашри Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022 дар соли 2021. - В. 6.

26. БҶ ВФ ҶТ // Ҳисоботи оид ба натиҷаҳои фаъолияти Донишкадаи давлатии фарҳанг ва санъати Тоҷикистон ба номи Мирзо Турсунзода дар соли 2021. - В. 8.

27. ТА МК РТ // Справка по делам искусство при совета министров ССР. О состоянии искусство в Таджикистане. - 1954-56г. - №119. - Л. 3-6.

28. ТА МК РТ // Отчет о деятельности и состояние народных театров в республике –1963. - Л. 2.

29. ТА МК РТ // Справка о проверке работы Министерства культуры Таджикской РСС за 1-й полугодие 1970. - Л. 1

30. ТА МК РТ // Сводный отчёт деятельности театров Тадж. ССР за 1-й полугодие 1989. - Л. 2.

**Бойгонии марказии давлатии ҷумҳурӣ**

31. БМҶ // Қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон солҳои 2002-2010. «Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси соҳаи фарҳанг, ҳунар ва табъу нашр дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2007 - 2010” аз 3 июни соли 2006, таҳти № 239. - Д. 53. - Р. 11. - В. 257-262.

**Филиали бойгонии Ҳизби Коммунисти Тоҷикистон**

32. ФБ ҲКТ дар назди Кумитаи марказии ҲКИШ. - Ф. 3. - Р. 1.- П. 570. - В. 94.

33. ФБ ҲКТ дар назди Кумитаи марказии ҲКИШ. - Ф. 3. - Р. 109-П. 59. – В. 40.

**Бойгонии марказиии давлатии ҷумҳуриявӣ (ЦГА)**

34. ЦГА. Таджикской ССР. - Ф. 360. - Оп. 10. Д. 30. - Л. 30.

35. ЦГА. Таджикской ССР. - Ф. 370. - Оп. 5. ед. хр. 3. - Л. 19.

36. ЦГА. Таджикской ССР. - Ф. 370. - Оп. 1. - Д. 36. - Л. 42.

37. ЦГА. Таджикской ССР. - Ф. 1483. - Оп. 4. - Д. 124. - Л. 29.

38. ЦГА. Таджикской ССР. - Ф. 1483. - Оп. 5. ед. хр. 3. - Л. 160.

39. ЦГА. Таджикской ССР. - Ф. 1483. - Оп. 5. - Д. 10. - Л. 157.

40. ЦГА. Таджикской ССР. - Ф. 1483. - Оп. 9. - Д. 1561. - Л. 5-6.

41. ЦГА. Таджикской ССР. - Ф. 1483. - Оп. 5. - Д. 13. - Л. 57, 88, 96, 160, 162, 187.

**Бойгонии ҷории Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон**

42. БҶ РФВХ // Ҳисоботи Раёсати маданияти вилояти Кӯлоб. 1988. – В. 3.

43. БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти идораи фарҳанги вилояти Хатлон ва муассисаҳои фарҳангии он дар соли 1998. - В. 5.

44. БҶ РФВХ // Гузориш оиди фаъолияти муассисаҳои фарҳанги вилояти Хатлон ба ВФҶТ дар соли 1998. - В. 2-4.

45. БҶ РФВХ // Ҳисоботи хаттии раёсати фарҳанги вилояти Хатлон дар соли 1999. - В. 3-4.

46. БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти идораи фарҳанги вилояти Хатлон ва муассисаҳои фарҳангии он дар соли 2000. - В. 4.

47. БҶ РФВХ // Ҳисоботи хаттии раёсати фарҳанги вилояти Хатлон дар соли 2002. - В. 2.

48. БҶ РФВХ // Ҳисоботи Идораи фарҳанги вилояти Хатлон ва муассисаҳои тобеъи он дар соли 2003. - В. 3.

49. БҶ РФВХ // Ҳисобот фаъолияти Маркази илмӣ- фарҳангии Идораи фарҳанги вилояти Хатлон дар соли 2004. - В.5.

50. БҶ РФВХ // Ҳисоботи фаъолияти идораи фарҳанги вилояти Хатлон ва муассисаҳои фарҳангии он дар семоҳаи аввали соли 2005. - В. 5.

51. БҶ РФВХ // Ҳисоботи фаъолияти идораи фарҳанги вилояти Хатлон ва муассисаҳои фарҳангии он дар семоҳаи аввали соли 2005. - В. 6.

52. БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди ҷамбасти фаъолияти Идораи фаҳанг ва сохторҳои он дар нӯҳ моҳи соли 2005. - В. 2-4.

53. БҶ РФВХ // Ҳисоботоид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2006.-В.5.

54. БҶ РФВХ // Ҳисобот дар бораи фаъолияти Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2006 ва самту вазифаҳои ташкилоту муассисаҳои фарҳангу иттилооти вилоят дар соли 2007. - В. 3-5.

55. БҶ РФВХ // Ҳисобот дар бораи фаъолияти раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2007. - В. 3.

56. БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти идораи фарҳанги вилояти Хатлон ва муассисаҳои фарҳангии он дар се моҳаи чоруми соли 2007. - В. 4.

57. БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти идораи фарҳанги вилояти Хатлон ва муассисаҳои фарҳангии он дар шаш моҳи соли 2007. - В. 5.

58. БҶ РФВХ // Ҳисоботи хаттии Идораи фарҳанги минтақаи Кулоб дар соли 2008. - В. 4.

59. БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2010. - В. 2.

60. БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар шаш моҳи соли 2010. - В. 2-4.

61. БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба натиҷаҳои ҷамбасти фаъолияти Раёсати фарҳанги вилояти Хатлон ва сохторҳои он дар шаш моҳи соли 2011 ва вазифаҳои минбаъдаи кормандони соҳа. - В. 2.

62. БҶ РФВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти идораи фарҳанги вилояти Хатлон ва муассисаҳои фарҳангии он дар соли 2011. - В. 3- 4.

63. БҶ РФВХ // Ҳисоботи солонаи муасисаҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар соли 2012. - В. 5.

64. БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2016. - В. 2-3.

65. БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2017. - В. 4.

66. БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2018. - В. 4.

67. БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2019. - В. 5.

68. БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар се моҳи соли 2021. - В. 2-7.

69. БҶ РФВХ // Ҳисобот оид ба фаъолияти Раёсати фарҳанги мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии вилояти Хатлон ва сохторҳои тобеи он дар соли 2021. - В. 4.

70. БҶ РФВХ // Маълумоти молиявии театрҳои касбии вилояти Хатлон дар соли 2021. - В. 1-2.

**Бойгонии ҷории бахши фарҳанги минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон**

71. БҶ БРФМКВХ // Ҳисоботи хаттии Идораи фарҳанги минтақаи Кӯлоб дар соли 2008. - В. 4.

73. БҶ БРФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб дар соли 2009. - В. 2.

74. БҶ БРФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб дар нӯҳ моҳи соли 2010. - В. 5.

75. БҶ БРФМКВХ // Ҳисоботи фаъолияти муассисаҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар соли 2016. - В. 5-6.

76. БҶ БРФМКВХ // Ҳисоботи солонаи муассисаҳои фарҳангии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар соли 2011.-В.4.

77. БҶ БРФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С.Ватизодаи шаҳри Кӯлоб дар соли 2011.-В.2-3.

78. БҶ БРФМКВХ // Ҳисоботи солонаи муассисаҳои фарҳангии шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар соли 2012.-В. 5.

79. БҶ БРФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С.Вализодаи шаҳри Кӯлоб дар соли 2013.-В. 2-3.

80. БҶ БРФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб дар соли 2014. - В. 4-6.

81. БҶ БРФМКВХ // Ҳисоботи фаъолияти муассисаҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон дар соли 2015. - В. 5.

82. БҶ БФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти муассисаҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон. - 2016.- В. 2.

83. БҶ БФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти муассисаҳои фарҳанги минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон. - 2016. -В. 5-6.

84. БҶ БРФМКВХ // Ҳисоботи Театри вилоятии мазҳакаи мусиқии ба номи С. Вализодаи шаҳри Кӯлоб дар се моҳи 2017. - В. 2.

85. БҶ БФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти муассисаҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон. - 2017. -В. 5.

86. БҶ БФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти муассисаҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон. - 2018. - В. 6.

87. БҶ БФМКВХ // Ҳисобот оиди фаъолияти муассисаҳои фарҳанги шаҳру ноҳияҳои минтақаи Кӯлоби вилояти Хатлон. - 2019. -В. 2.

## Ҳуҷҷатҳои расмӣ

88. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дар бораи фарҳанг аз 13 декабри соли 1997. № 519 // Паёми Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 1997. – №23-24. – С. 352; ( 28.06.2011 г., №734).

89. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон: Дар бораи театр ва фаъолияти театрӣ аз 2 декабри соли 2002, таҳти № 80 // Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон: - http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail=&sanadID=92.

90. Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2005, таҳти № 501. – Душанбе: Матбуот, 2006. - 44с.

91. Оиди Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2005, таҳти № 501 // Сомонаи расмии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: - http // www.adlia.tj/base/show_doc.fwx?rgn =7090.

92. Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси соҳаи фарҳанг, ҳунар ва табъу нашр дар солҳои 2007-2010 аз 3 июни соли 2006, таҳти № 239 // Сомонаи расмии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:http // www.adlia.tj/base/show_doc.fwx?Rgn=11068.

93. Оиди тасдиқи Барномаи давлатии тайёр кардани кадрҳои соҳибихтисоси соҳаи фарҳанг, ҳунар ва табъу нашр дар солҳои 2007-2010: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 июни соли 2006, таҳти № 239 // Сомонаи расмии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: - http // www.adlia.tj/base/show_doc.fwx? Rgn=11069.

94. Барномаи давлатии рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008 – 2015 // Консепсияи рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон: зери таҳрири Шерматов Ҷ. – Душанбе: Эҷод, 2007. - 53с.

95. Оиди тасдиқи Барномаи давлатии рушди фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2008 – 2015: Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 марти соли 2007, таҳти № 85//Сомонаи расмии

Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон:-http// www.adlia.tj/base/show_doc.fwx? Rgn=11050.

96. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон оиди баланд бардоштани музди маоши кормандони ташкилот ва муассисаҳои буҷетӣ ва андозаи нафақаи иҷтимоӣ: аз 16 марти соли 2007, таҳти № 219 // Садои мардум. – 2007. – 20 март.

97. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи тасдиқи Барномаи рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2019 аз 3 декабри соли 2012, таҳти № 675 // -- Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Тоҷикистон - http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail= &sanadID=444.

98. Барномаи рушди санъати театрӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2013-2019 аз 3 декабри соли 2012, таҳти № 675 // -- Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Тоҷикистон - http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail= &sanadID=445.

99. Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаи фарҳанг, санъат ва табъу нашри Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои 2018-2022 аз 29 ноябри 2017 таҳти №549 // -- Сомонаи расмии Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Тоҷикистон - http://base.mmk.tj/view_sanadhoview.php?showdetail= &sanadID

100. Оид тасдиқи Барномаи давлатии тайёр кардани мутахассисони соҳаҳои фарҳанг, санъат ва табъу нашри Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2022, Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29 ноябри соли 2017, №549 Сомонаи расмии Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон: - http // www.adlia.tj/base/show_doc.fwx? Rgn.

**Монография, брошура ва мақолаҳо:**

101. Абдулвоҳидов, Б. Бо боли «Парасту» // Ҳақиқати Хатлон. – 1989. - №59 (2859). - 25 март.

102. Абдулқодири Раҳим. Аз «Рӯдакӣ» то «Ҳадя» // Ҷумҳурият. – 1997. - №16 (19.934). - 26 апрел.

103. Абдулқодири Раҳим. Аз «Субҳи козиб» то субҳи содиқ // Ҷумҳурият. – 2013. - №52-53 (22 189-190). - 13 апрел.

104. Абдулқодири Раҳим. Бо «Парасту» «Фиғон» омад // Ҷумҳурият. – 2013. - №51 (22 188). - 11 апрел.

105. Авдеев, А. Происхождение театра, Л., 1959; Нурджанов, Н. Таджикский народный театр, М.,1956; Нурҷонов, Н. Народные театры, М.,1962. Энсиклопедияи Советии Тоҷик. Ҷ. VII. – Душанбе, 1987. - 632с.

106. Акрамова, С. Х. История изучения музыкальной культуры Таджикистана (1946 - 2015 гг.): Дис. … докт. ист. наук.– Душанбе, 2018.

107. Ашуров, Д. Премьера в Кулябе // Коммунист Таджикистана. – 1969. - №5 (11574). - 7 январ.

108. Аюбзода, С. «Офарин Шерак» // Маданияти Тоҷикистон. – 1983. - №44 (252). - 3 июн.

109. Аюбзода, С. Актёрони мо Лауреат // Роҳи Ленинӣ. – 1984. - №213. - 2 ноябр.

110. Аюбзода, С, Ҳакимзода Ш. «Зани оҳанин»-и М. Миров // Хатлон. – 1990. - №47 (9176). - 30 июн.

111. Аюбзода, С. «Парасту» пар занад ба сӯйи Кӯлоб // Хатлон. – 1991. - №44 (9338). – 2 март.

